# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 38/1
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
АПРЕЛ-ИЮНИ 2021

**ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES**

**Халилуллоҳ Наҷибуллоев,** иқтисодчӣ
**Ҳокимшоҳ Бобозода,** бонкдор
**Исматулло Холниёзов,** коршинос

СУБОТИ БОЗОРИ ДОХИЛИИ АСЪОР ВА МУЪТАДИЛИИ ҚУРБИ ПУЛИ МИЛЛӢ ҲАМЕША ТАҲТИ НАЗОРАТ АСТ **14**

ҲАДАФИ МО – МУВАФФАҚИЯТИ ШУМО! **17**

ПУЛҲОИ КОҒАЗӢ ВА РОҲҲОИ МУОСИРИ МУҲОФИЗАТИ ОНҲО **38**

EBRD AND EU HELP IN MODERNIZING THE ELECTRICITY NETWORK IN TAJIKISTAN **50**



*Мехоҳам бо ифтихор хотирнишон созам, ки дар таъмин намудани сулҳу оромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ваҳдати миллӣ нақши ҳалкунанда танҳо ба мардуми Тоҷикистон тааллуқ дорад*

*Эмомалӣ Раҳмон*




# 2019–2021

## “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»

Тоҷикистон, ки 93 фоизи ҳудуди он кӯҳсор аст ва табиати нотакрор дорад, барои ташаккули намудҳои гуногуни сайёҳӣ, бахусус кӯҳнавардӣ, ва экологӣ имкониятҳои зиёд дорад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ДАР ИН ШУМОРА:


**3**

**ПРЕЗИДЕНТ**

ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ЗАМИНАИ САОДАТИ МАРДУМ ВА ТАҲКУРСИИ ПЕШРАФТУ ОБОДИИ ВАТАНИ АЗИЗИ МО – ТОҶИКИСТОН МЕБОШАД.

Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ



**14** СУБОТИ БОЗОРИ ДОХИЛИИ АСЪОР ВА МУЪТАДИЛИИ ҚУРБИ ПУЛИ МИЛЛӢ ҲАМЕША ТАҲТИ НАЗОРАТ АСТ

**7**

**РӮЙДОДҲОИ МУҲИМ**

БМТ: БЕШ АЗ 270 НАФАР КОРМАНДОНИ НИЗОМИ БОНКӢ СОҲИБИ ШАҲОДАТНОМА ГАРДИДАНД

Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани дониши тахассусии кормандони низоми бонкӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд, аз ҷумла ...

**10**

**ТАШРИФИ НАМОЯНДАГИИ ШИРКАТИ “SERBA DINAMIK HOLDING BERHAD” БА БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Дар мулоқоти Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Моҳбону Накҳатзода бо ҳайати намояндагони ширкати “Serba Dinamik Holding Berhad”-и Малайзия ...

**49**

**WORLD BANK SUPPORTS THE MODERNIZATION OF TAJIKISTAN’S TAX REGIME**

The World Bank’s Board of Executive Directors approved today $50 million in grant financing from the International Development Association for the Tajikistan Tax Reform Operation.



**17**

**ҲАДАФИ МО – МУВАФФАҚИЯТИ ШУМО!**

Ба хотири сармоягузории соҳибкорони истеҳсолӣ ва татбиқи ҳадафи чаҳоруми стратегии кишвар бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №390 корхонаи воҳиди давлатии бонки саноативу содиротии Тоҷикистон “Саноатсодиротбонк” дар ...

**67**

**ОМОР**

САТҲИ ТАВАРРУМ ДАР БАХШИ ИСТЕЪМОЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ВА ДАР ЯК ҚАТОР ДАВЛАТҲОИ ИДМ ДАР СОЛИ 2020

Шарҳи мухтасари ташаккули нишондиҳандаи сатҳи таваррум дар низоми омори Ҷумҳурии Тоҷикистон

# В ЭТОМ НОМЕРЕ:


53
**АНДЕШАҲОИ МУТАХАССИС**
НИЗОМИ СУҒУРТА
ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ҶОМЕА
Мувофиқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ чунин бухрони шадиду фарогир дар сад соли охир бори аввал ба миён омада, боиси таназзули ҷиддии иқтисодиёти ҷаҳон гардид.








GLOBAL MONEY WEEK
34
**МОҲИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН «GLOBAL MONEY WEEK-2021» ҶАМЪБАСТ ГАРДИД**

58
**НАЗАРСАНҶӢ ВА ТАҲҚИҚОТ**
САБАБ, ШАРОИТ ВА ОМИЛҲОИ КОҲИШ ЁФТАНИ БОВАРИИ АҲОЛӢ БА ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВӢ (ТҚМ)-РО ДАР ЧӢ МЕБИНЕД?
Тибқи маълумотҳои диаграммаи 2 маълум гардид, ки 23 фоизи респондентон изҳор намуданд, ки аз чунин намуди хизматрасониҳои ТҚМ гирифтани қарз, 19% - интиқоли маблағҳо, 17% - гирифтани корти пардохтӣ, 13% - пардохтҳо, 12% - пасандоз- гузорӣ, 11% - кушодани суратҳисоб ва дигар – 5% истифода намудаанд.



**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
2 (93) АПРЕЛ-ИЮН, 2021



**Тел:** +992 (44) 600- 31- 24
**Факс:** +992 (44) 600- 32- 49

**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 38/1
E-mail: **majalla@nbt. tj**



**РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:**
Ҳ. Холиқзода
Аъзои Шӯрои машваратӣ:
Н. Ҳикматуллозода, Ҷ. Нуралиев, М. Накҳатзода, А. Миралиев, Т. Ҳақназаров, А. Қурбонов

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: А. Қурбонов
Мутахассиси дараҷаи I: Л. Имомова
Мутахассиси дараҷаи II:
М . Умадулоева



Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи қайд: №114/МҶ- 97, аз 20 июни 2019 с.



Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.



Теъдоди нашр: 510 нусха.
Дар матбааи
ҶДММ «Орбита»
чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Чехов 1/1, 17.



# Ваҳдати миллӣ заминаи саодати мардум ва таҳкурсии пешрафту ободии Ватани азизи мо – Тоҷикистон мебошад

**Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26 июни соли равон мардуми шарифи ҷумҳурӣ ва кулли ҳамватанони бурунмарзиамонро бо фарорасии Рӯзи ваҳдати миллӣ самимона табрик намуданд.

Нахуст, дар ибтидои суханронии худ Президенти мамлакат тамоми мардуми ҷумҳуриро ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ ва ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки яке аз санаҳои муҳиму таърихии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шумор меравад, самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони кишвар саломатӣ, рӯзгори пурсаодат ва комёбиву

> ... Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки яке аз санаҳои муҳиму таърихии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шумор меравад ...

иқболи нек орзу намуд.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки бисту чор сол мешавад, ки мо – сокинони Тоҷикистони биҳиштосо дар фазои сулҳу ваҳдати миллӣ кору зиндагӣ дорем.

Тайи ин солҳо кулли сокинони кишвар хуб дарк намуданд, ки ваҳдати миллӣ заминаи саодати мардум ва таҳкурсии пешрафту ободии Ватани азизи мо – Тоҷикистон мебошад.

Бисёр рамзист, ки Рӯзи ваҳдати миллӣ, омадааст дар паёми шодбошии Сарвари давлат, дар соли ҷашни муқаддасу бузурги миллиамон 30 – солагии истиқлоли давлатӣ таҷлил мегардад.

Ин рӯзро мо ҳамчун рӯзи пирӯзии миллати куҳанбунёди тоҷик бар қувваҳои аҳриманӣ, ҳамчун рӯзе, ки ба фоҷиаи миллат нуқта гузошт ва ҳамчун рӯзи аз имтиҳони сахту сангини таърих гузаштани давлати тоҷикон таҷлил мекунем.

Тавре Пешвои миллат қайд карданд, дар ҷанги таҳмилии шаҳрвандие, ки дар оғози даврони соҳибистиқлолии кишварамон ба вуқӯъ пайваст, даҳҳо ҳазор ҳамватанони бегуноҳи мо қурбон шуданд, даҳҳо ҳазор модарон бе фарзанд, занон бе саробон ва тифлон ятим монда, зиёда аз як миллион нафар шаҳрвандони мо дар дохилу хориҷи мамлакат ба гуреза табдил ёфтанд.

> Пешвои миллат махсусан таъкид бар он карданд, ки дар шароити ниҳоят ҳассоси ҷомеаи ҷаҳонӣ, торафт мураккаб шудани авзои сиёсиву иқтисодии ҷаҳон, паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва печида гардидани раванду тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ ҳифзи сулҳу суботи ҷомеа ва таҳкими ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси миллат ба шумор меравад.

Хатари аз ҳама даҳшатнок дар он шабу рӯзҳо ин буд, ки эҳтимоли пароканда шудани миллати тоҷик ва аз байн рафтани давлати ҷавони тоҷикон ба воқеияти талхи таърихи муосири мамлакат табдил ёфта буд.

Зимни ироаи идомаи Паёми табрикӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтанд: “Мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дар ёд доранд, ки раванди истиқрори сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ҳанӯз аз Иҷлосияи XVI-уми сарнавиштсози Шӯрои Олии кишвар оғоз гардида буд.

Маҳз дар натиҷаи амалӣ гардидани қарорҳои иҷлосияи воқеан таърихӣ дар мамлакат барои барқарорсозии сулҳу оромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ризоияти миллӣ, бунёди аркони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, низоми ҳуқуқии адолатпеша ва оғози барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ заминаи устувор гузошта шуд. Мехоҳам бо ифтихор хотирнишон созам, ки дар ин раванди мушкилу тақдирсоз, яъне таъмин намудани сулҳу оромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ваҳдати миллӣ нақши ҳалкунанда танҳо ба мардуми Тоҷикистон тааллуқ дорад. Зеро фақат майлу иродаи мардуми кишвар ба роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакат барои расидан ба ҳадафи ягона дар он айём – таъмин намудани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ нерӯ мебахшид”.

Ҳамчунин қайд гардид, ки имрӯз ваҳдати миллӣ ба яке аз арзишҳои муҳимми ҷомеаи мо табдил ёфтааст ва масъалаи ваҳдату

ягонагӣ дар кору фаъолияти давлат ва ҳар як фарди ҷомеа қадру манзалати баланд ва ҷойгоҳи муҳим дошта, мардуми Тоҷикистон ин арзиши миллиро ҳамеша гиромӣ медоранд ва онро ҳифз мекунанд. Аз баракати сулҳу оромӣ мо нақшаҳои худро доир ба пешрафти босуботи кишвар, ободониву созандагии Ватан ва зина ба зина беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии мардум дар доираи чор ҳадафи стратегии миллӣ муайян ва муттаҳид намудем, ки имрӯз бо дастгирии самимона ва саъю талоши ватандӯстонаи халқамон дар ҷодаи амалӣ гардонидани онҳо бо қадамҳои устувор пеш рафта истодаем. Имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дарк кардаанд, ки амалӣ гардидани ҳамаи омолу орзу ва нақшаву ниятҳои ҳар фарди ҷомеа, пешрафту тараққиёти давлат ва ободии Ватан маҳз ба сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ вобаста мебошад.

Дар робита  ба ин, Пешвои миллат махсусан таъкид бар он карданд, ки дар шароити ниҳоят ҳассоси ҷомеаи ҷаҳонӣ, торафт мураккаб шудани авзои сиёсиву иқтисодии ҷаҳон, паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва печида гардидани раванду тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ ҳифзи сулҳу суботи ҷомеа ва таҳкими ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси миллат ба шумор меравад.

> ”
>
> Маҳз дар натиҷаи амалӣ гардидани қарорҳои иҷлосияи воқеан таърихӣ дар мамлакат барои барқарорсозии сулҳу оромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ризоияти миллӣ, бунёди аркони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, низоми ҳуқуқии адолатпеша ва оғози барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ заминаи устувор гузошта шуд.

Ҳоло, ки мо дар давраи омодагӣ ба таҷлили 30-юмин солгарди истиқлоли давлатӣ қарор дорем, суханашро давом дода гуфтанд Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон, бояд тамоми имконияту нерӯ ва саъю талоши худро ба он равона созем, ки ин ҷашни муқаддасу бузурги миллиамонро дар рӯҳияи баланди ватандӯстиву ватанпарварӣ, созандагиву бунёдкорӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва дастовардҳои сазовор истиқбол гирем.

Пешвои миллат дар поёни паёми табрикӣ бори дигар фарорасии Рӯзи ваҳдати миллиро ба тамоми мардуми шарифи кишвар самимона табрик гуфта, ба ҳамаи онҳо рӯзгори ободу осуда, бахту иқболи баланд ва ба Тоҷикистони маҳбубамон ваҳдату оромии ҷовидона орзу намуданд ва чунин изҳор доштанд:

Рӯзи ваҳдати миллӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!

***“БТҶ”.***


ХАБАР
ХАБАР
NEWS
НОВОСТИ
NEWS
НОВОСТИ

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

## БМТ: БЕШ АЗ 270 НАФАР КОРМАНДОНИ НИЗОМИ БОНКӢ СОҲИБИ ШАҲОДАТНОМА ГАРДИДАНД

Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани дониши тахассусии кормандони низоми бонкӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд, аз ҷумла Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) ва Ассотсиатсияи Байналмилалии Комплаенс (ICA) якчанд лоиҳаҳои муҳим, аз ҷумла семинарҳои омӯзишии фосилавиро роҳандозӣ намуд, ки дар натиҷа теъдоди муайяни мутахассисон соҳиби шаҳодатномаи ҳирфаӣ шуданд.

Дар доираи ҳамкориҳои мазкур 20 апрели соли 2021 дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода, роҳбари намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон Айтен Рустамова, муовини роҳбари Барномаи дастгирии молиявии тиҷоратӣ дар кишварҳои аъзои БАТР Камола Маҳмудова, муовини директори Департаменти БАТР оид ба кор бо Институтҳои молиявӣ дар Осиёи Марказӣ Ҷаҳонгир Шамсиев, президенти Ассотсиатсияи Байналмилалии Комплаенс ҷаноби Билл Ховарт ва намояндагони ташкилотҳои қарзии кишвар ҷамъомад баргузор гардид.



Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ба намояндагони БАТР барои дастгирии пайвастаи бахши молиявии кишвар, аз он ҷумла низоми бонкӣ арзи сипос намуда, қайд кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд барои дастгирии бахши молиявии кишвар якчанд лоиҳаҳои муҳимро амалӣ намуд.



“Чорабинии имрӯза низ яке аз қисматҳои барномаи “Дастгирии маблағгузории савдо” буда, барои баланд бардоштани дараҷаи тахассус ва салоҳияти мутахассисони бахши молиявӣ ҷиҳати хизматрасонии босифат ба мизоҷони бахши иқтисоди хориҷии Тоҷикистон равона шуда, имкон фароҳам овард, ки 700 нафар намояндагони бахши молиявӣ, ки 270 нафари онҳо имрӯз соҳиби шаҳодатнома мегарданд, ба омӯзиш ҷалб ва соҳиби шаҳодатномаи Палатаи савдои байналмилалӣ оид ба тиҷорати байналмилалӣ (GoingGlobal) гарданд.

Дар баробари барномаи дастгирии маблағгузории савдо, БАТР дар ҳамбастагӣ бо Ассотсиатсияи Байналмилалии Комплаенс бо мақсади тақвияти фаъолияти низоми идораи хавфҳо ва комплаенс ба мутахассисони бахши молиявӣ идрорпулӣ (стипендия) муқаррар намуд, ки имрӯз ба 23 нафар намояндагони 12 ташкилоти қарзии мамлакат шаҳодатномаи Ассотсиатсияи Байналмилалии комплаенс оид ба мубориза бар зидди шустушӯи пул дар бахши савдо, “Муштарии худро бидон” ва “Санҷиши зарурии мизоҷ” супорида мешавад”, - иброз дошт Ҳ.Холиқзода.

Роҳбари намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон хонум Айтен Рустамова ба роҳбарияти Бонки

## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

миллии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид ва ҷалби мутахассисон ба барномаи таълимӣ миннатдорӣ баён намуда, қайд кард, ки минбаъд низ ҳамкории самарабахшро дар самти мазкур идома хоҳанд дод.

Муовини роҳбари Барномаи дастгирии молиявии тиҷоратӣ дар кишварҳои аъзои БАТР Камола Маҳмудова иброз дошт, ки БАТР ин гуна семинарҳои омӯзиширо қаблан дар ташкилотҳои қарзии шарик роҳандозӣ намудааст ва минбаъд бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон ин лоиҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар амал татбиқ гардида, дар он намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз тамоми манотиқи ҷумҳурӣ иштирок ва дар самти маблағгузории савдо дониши мукаммал ба даст меоранд.



Дар идомаи чорабинӣ аз ҷониби Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода, роҳбари намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон хонум Айтен Рустамова, муовини директори Департаменти БАТР оид ба кор бо Институтҳои молиявӣ дар Осиёи Марказӣ Ҷаҳонгир Шамсиев ба 270 нафар хатмкунандагон, ки қариб 50 нафари онҳоро кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, шаҳодатномаи Палатаи байналмилалии савдо оид ба тиҷорати байналмилалӣ “GoingGlobal” ва ба 23 нафар намояндагони 12 ташкилоти қарзии мамлакат шаҳодатномаи Ассотсиатсияи Байналмилалии комплаенс супорида шуд.

### КВД “ТОҶИКАЭРОНАВИГАТСИЯ” СОҲИБИ ИҶОЗАТНОМА ШУД

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2021, таҳти №73 дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” ба Корхонаи воҳиди давлатии “Тоҷикаэронавигатсия” барои анҷом додани хизматрасонии (фаъолияти) махсус бо асъори хориҷӣ ба мӯҳлати 3 сол иҷозатнома дода шуд.

Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор вазифадор гардид, ки дар Феҳристи дорандагони иҷозатнома барои анҷомдиҳии хизматрасонии (фаъолияти) махсус бо асъори хориҷӣ сабти дахлдорро ворид намояд.

### БА ҶСК “ФУРУДГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДУШАНБЕ” ИҶОЗАТНОМА ДОДА ШУД

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” ва Дастурамали №192 “Дар бораи тартиб ва қоидаҳои анҷом додани амалиёти асъорӣ - фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ бо асъори хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 7 майи соли 2021, таҳти №84 ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе” оид ба анҷомдиҳии хизматрасонии (фаъолияти) махсус бо асъори хориҷӣ ба мӯҳлати 3 сол иҷозатнома дода шуд.

Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор вазифадор карда шуд, ки дар Феҳристи дорандагони иҷозатнома барои анҷомдиҳии хизматрасонии (фаъолияти) махсус бо асъори хориҷӣ сабти дахлдорро ворид намояд.

## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

### МУЛОҚОТИ ҶАМОЛИДДИН НУРАЛИЕВ БО НАМОЯНДАГОНИ БОНКИ АВРУПОИИ ТАҶДИД ВА РУШД

20 апрели соли 2021 муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо мудири минтақавии кор бо Институтҳои молиявӣ дар Осиёи Миёна Ҷаҳонгир Шамсиев ва роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Айтен Рустамова мулоқоти корӣ анҷом дод.



Дар ҷараёни муҳокима муовини якуми Раиси БМТ аз ҳамкории самарабахш ва мутақобилан судманди БМТ бо БАТР изҳори қаноатмандӣ намуда, таъкид доштанд, ки БМТ барои ҳамкориҳои тарафайн ҷиҳати ҷонибдорӣ аз аъзогӣ дар “Паймон барои дастрасии молиявӣ” изҳори сипос менамояд ва ба тавсеаи ҳамкории манфиатбахш барои дастгирии минбаъдаи бахши молиявии Тоҷикистон бо БАТР эътимод дорад.

“БМТ ва БАТР ҳамчун шарики боэътимод то имрӯз дар самти дастгирии низоми бонкии кишвар корҳои зиёдеро бахри рушди низом роҳандозӣ намуда, густариши ҳамкориҳоро тавассути ҷалби кумакҳои техникӣ, мусоидат дар татбиқи фарҳанги муосири идоракунии корпоративӣ, ҳадафгирии таваррум, ба роҳ мондани ҳамкории муросилотии байнибонкӣ, рушди минбаъдаи бозори суғуртаи кишвар ва табодули таҷриба ба воситаи гузаронидани машғулиятҳои муштарак бо иштироки коршиносони байналмилалӣ дар доираи ҳамкории судманди ҳарду ҷониб муҳим арз медорад”,- таъкид кард муовини якуми Раис Ҷамолиддин Камолович.

Роҳбари Намояндагии БАТР дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Айтен Рустамова ва мудири минтақавии кор бо Институтҳои молиявӣ дар Осиёи Миёна Ҷаҳонгир Шамсиев барои густариши ҳамкориҳо дар татбиқи лоиҳаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳоди кумакҳои техникӣ дар самтҳои мухталиф, омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандони низоми бонкӣ ва ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд бо бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон изҳори ҳавасмандӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки дар доираи ҳамкории шарикии БМТ ва БАТР бомуваффақият амалӣ гардидани “Барномаи дастгирии маблағгузории тиҷоратӣ”, соҳиби сертификати Палатаи савдои байналмилалӣ оид ба тиҷорати байналмилалӣ (GoingGlobal) шудани беш аз 270 нафар кормандони ташкилотҳои қарзии молиявии Тоҷикистон аз ҳамкории пурмаҳсули БМТ ва БАТР дарак медиҳад.



Илова бар ин, намояндагони БАТР дар бораи барномаи молиявии “Занҳо дар тиҷорат” сухан ронда, зикр карданд, ки роҳандозии барномаи мазкур имкон медиҳад, то бонувон бештар ба соҳаи бонкдорӣ, молия ва тиҷорат ҷалб гарданд.

Муовини якуми Раиси БМТ бо ҷонибдорӣ аз лоиҳаи мазкур, таъкид намуд, ки дар шароити феълӣ дар Тоҷикистон барои

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

баланд бардоштани маърифати молиявии бонувон ва ба ин тариқ, ҷалби бештари онҳо ба низоми бонкиву молия ва тиҷорат корҳои назаррас анҷом дода шуда истодаанд. Махсусан, дастгирии занҳои соҳибкор, ҷалби бештари бонувон ба низоми бонкию молия ва фароҳам овардани шароит ҷиҳати рушди касбии онҳо дар мадди назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон қарор дорад.

## ТАШРИФИ НАМОЯНДАГИИ ШИРКАТИ “SERBA DINAMIK HOLDING BERHAD” БА БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мулоқоти муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Моҳбону Накҳатзода бо ҳайати намояндагони ширкати “Serba Dinamik Holding Berhad”-и Малайзия таҳти роҳбарии муассис ва мудири иҷроияи ин ширкат ҷаноби Моҳд Абдул Карим бин Абдулло, ки 12 апрели соли 2021 баргузор гардид, масъалаҳои густариши ҳамкориҳои дуҷониба дар бахши технологияҳои нав ва дурнамои рушди он мавриди муҳокимаи ҷонибҳо қарор дода шуд.



Дар ибтидо муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Моҳбону Накҳатзода меҳмононро бо вазъи макроиқтисодӣ ва низоми бонкии мамлакат, механизми самараноки татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ ва бунёди инфрасохтори муосири амалиёти молиявӣ шинос намуда, ҳавасмандии роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистонро дар самти роҳандозии ҳамкории судманд бо сармоягузорон ва ҷалби бештари сармоягузории хориҷӣ ва дохилӣ ба низоми бонкии кишвар изҳор намуд.

Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ҳамзамон таъкид кард, ки имрӯз дар Тоҷикистон барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба бахши бонкдории кишвар, фаъолияти озоду бемамониати сармоягузорони хориҷӣ шароити мусоид ва заминаи меъёрию ҳуқуқии мукаммал фароҳам оварда шудааст.

Ҷаноби Моҳд Абдул Карим бин Абдулло барои пазироии самимӣ изҳори миннатдорӣ намуда, ҳавасмандии худро ҷиҳати роҳандозии бонки рақамӣ (digital banking) ва таъсиси платформаи содирот ва воридоти байни кишварҳои ACEAN ва Осиёи Марказӣ изҳор намуд.

Номбурда таъкид бар он дошт, ки ширкати “Serba Dinamik Holding Berhad” дар баробари таҳкими рушди тиҷорат, инчунин омода аст, ҳамкории густурдаро бо бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти густариши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба роҳ монда, ба ин васила барои фароҳам овардани фазои хуби сармоягузорӣ ва дастгирии низоми бонкии кишвар, инчунин рушди иқтисодиёти рақамӣ мусоидат намояд.

Зимни муҳокимаи масъалаҳои ҷорӣ ҷонибҳо изҳор доштанд, ки баҳри густариши ҳамкорӣ дар низоми бонкӣ кӯшиш ба харҷ хоҳанд дод.

Қобили қайд аст, ки ширкати “Serba Dinamik Holding Berhad” яке аз ширкатҳои рушдёфта ва бонуфузи Малайзия маҳсуб ёфта, дорои зиёда аз 30 ширкате мебошад, ки дар 20 кишвари дунё, аз ҷумла Қатар, Аморати Муттаҳидаи Араб, ИМА ва ғайра дар самтҳои муҳандисӣ, технологияҳои компютерӣ, сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ, иқтисодиёти рақамӣ ва ғайра фаъолияти худро ба роҳ мондааст.

# ДАР БОРАИ ҶСК "АГРОИНВЕСТБОНК"

## Дар бораи ҶСК "Агроинвестбонк"

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2021, таҳти №88 мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" иҷозатномаи ҶСК "Агроинвестбонк" бозхонд карда шуд.

Тибқи қарори номбурда гузаронидани ҳамаи амалиётҳои хароҷоти нақдӣ ва ғайринақдӣ, интиқоли маблағҳо аз як суратҳисоб ба суратҳисоби дигар, интиқол ва бегонакунии доройӣ ва молу мулки дар ҶСК "Агроинвестбонк" мавҷудбуда, то таъин шудани мудири махсус манъ гардид.

Бо вуҷуди дастгирии пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи таҷдиди сохтор, ивази роҳбарият ва сармоякунонии пайдарпайи мустақим ва ғайримустақим ба ҶСК "Агроинвестбонк" солҳои 1992, 2003, 2010, 2012, 2016 вазъи молиявии он беҳтар нагардида, устувор фаъолият намудани Бонк, мутаассифона, таъмин нагардид. Фаъолияти молиявии ҶСК "Агроинвестбонк" вобаста ба пайдарпай такрор гардидани норасоиву камбудиҳо ва саривақт пешгирӣ накардани онҳо характери системавӣ гирифта, низоми номукаммали идоракунии корпоративӣ, дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани салоҳияти касбии шахсони роҳбарикунанда ва роҳандозӣ нашудани принсипҳои муосири менеҷментӣ, дуруст роҳандозӣ нашудани низоми назорати хавфҳо, комплаенс ва аудити дохилӣ, риоя нагардидани принсипи баҳогузорӣ ва пешниҳоди раванди қарздиҳӣ ва бизнес-протсессҳо, фаъолияти номукаммали кумитаҳо, аз ҷумла кумитаи аудит ва хавфҳо, кумитаи идоракунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, кумитаи қарздиҳӣ ва ғайраҳо, мавҷуд будани омилҳои инсонӣ дар рафти қабули қарор ва дахолат дар сохтори ташкилӣ боис гардид, ки ҶСК "Агроинвестбонк" аз мавқеи бонки низомсоз ба як ташкилоти қарзии ҳиссааш дар низоми бонкӣ ночиз мубаддал гардад.

> Сифатнокии дороиҳои он тадриҷан коста гардида, қисми асосии онҳо ба фаъолияти бонкӣ мансуб набуда, корҳо дар самти фурӯши гаравҳо ва тариқи пулӣ ...

Бинобар сабабҳои овардашуда нишондиҳандаҳои молиявии ҶСК "Агроинвестбонк" торафт манфӣ арзёбӣ гардида, Бонк барои давом додани фаъолияти минбаъдаи худ иқтидор, имконият ва захираҳои кофиро аз даст дод. Сифатнокии дороиҳои он тадриҷан коста гардида, қисми асосии онҳо ба фаъолияти бонкӣ мансуб набуда, корҳо дар самти фурӯши гаравҳо ва тариқи пулӣ баргардонидани қарзҳо дар сатҳи паст қарор дошта, меъёрҳои муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон тайи чанд соли охир риоя намегардданд. Дар баробари ин, зиёдшавии арзу шикоятҳо ба коста гардидани эътимоду боварии аҳолӣ ба ин Бонк ва дар умум ба низоми бонкӣ сабаб шуда истодааст.

Бо назардошти ин омилҳо ва ғайри қобили пардохт гаштани ҶСК "Агроинвестбонк", Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи бозхонди иҷозатномаи ҶСК "Агроинвестбонк" қарори дахлдор қабул кард. Тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" бо қарори суд мудири махсус таъин мегардад ва аз лаҳзаи таъин шудани мудири махсус, ваколатҳои мақомоти идораи ташкилоти қарзӣ (маҷлиси умумии саҳмиядорон, шӯрои нозирон, раёсат, раис) қатъ гардида, ба мудири махсус мегузаранд ва ӯ ягона намояндаи қонунии ҶСК "Агроинвестбонк" ба ҳисоб меравад. Мудири махсус дар доираи салоҳияти ихтисосии худ ба манфиати амонатдорону қарздеҳон ситонидан ва бегона кардани (фурӯхтани) дороиҳои

## ДАР БОРАИ ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК"

Бонк ва тақсими маблағҳоро бо тартиби муқарраркардаи Қонуни мазкур мусоидат менамояд.

Тибқи раванди муайяншуда баробари бозхонди иҷозатнома, аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташудаи ҶСК "Агроинвестбонк" 86 фоизи пасандоздорон, яъне 23,7 ҳаз. нафар пурра аз ҳисоби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ҷуброн карда шуда, 14 фоизи дигар пасандоздорон, яъне 4 ҳаз. нафар аз ҳисоби Хазина қисман ҷуброн карда мешаванд. Қисми боқимондаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҳисоби ба фурӯш баровардани дороиҳои худи бонк аз ҷониби мудири махсус тибқи тартиби муқарраршуда ба мизоҷон пардохт карда мешаванд.

## Дар бораи ҶСК "Тоҷиксодиротбонк"

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бархамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2021, таҳти №89 иҷозатномаи ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" бозхонд карда шуд.

Тибқи қарори зикршуда гузаронидани ҳамаи амалиётҳои хароҷоти нақдӣ ва ғайринақдӣ, интиқоли маблағҳо аз як суратҳисоб ба суратҳисоби дигар, интиқол ва бегонакунии дороӣ ва молу мулки дар ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" мавҷудбуда, то таъин шудани мудири махсус манъ гардид.

> Бо назардошти ин омилҳо ва ғайри қобили пардохт гаштани ҶСК "Тоҷиксодиротбонк", Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи ...

Бо вуҷуди дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи сармоякунонии ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" (с.2016) вазъи молиявии он беҳтар нагардида, устувор фаъолият намудани Бонк, мутаассифона, таъмин нагардид. Фаъолияти молиявии ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" вобаста ба пайдарпай такрор гардидани норасоиву камбудиҳо ва саривақт пешгирӣ накардани онҳо характери системавӣ гирифта, низоми номукаммали идоракунии корпоративӣ, дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани салоҳияти касбии шахсони роҳбарикунанда ва роҳандозӣ нашудани принсипҳои муосири менеҷментӣ, дуруст роҳандозӣ нашудани низоми назорати хавфҳо, комплаенс ва аудити дохилӣ, риоя нагардидани принсипи баҳогузорӣ ва пешниҳоди раванди қарздиҳӣ ва бизнес-протсессҳо, фаъолияти номукаммали кумитаҳо, аз ҷумла кумитаи аудит, кумитаи идоракунии хавфҳо, кумитаи идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳо, кумитаи қарздиҳӣ ва ғайраҳо, мавҷуд будани омилҳои инсонӣ дар рафти қабули қарор ва дахолат дар сохтори ташкилӣ боис гардид, ки ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" аз мавқеи бонки низомсоз ба як ташкилоти қарзии ҳиссааш дар низоми бонкӣ ночиз мубаддал гардад.

Бинобар сабабҳои овардашуда нишондиҳандаҳои молиявии ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" тарафт манфӣ арзёбӣ гардида, Бонк барои давом додани фаъолияти минбаъдаи худ иқтидор, имконият ва захираҳои кофиро аз даст дод. Сифатнокии дороиҳои он тадриҷан коста гардида, қисми асосии онҳо ба фаъолияти бонкӣ мансуб набуда, корҳо дар самти фурӯши гаравҳо ва тариқи пулӣ баргардонидани қарзҳо дар сатҳи паст қарор дошта, меъёрҳои муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон тайи чанд соли охир риоя намегарданд. Дар баробари ин, зиёдшавии арзу шикоятҳо ба коста гардидани эътимоду боварии аҳолӣ ба ин Бонк ва дар умум ба низоми бонкӣ сабаб шуда истодааст.

Бо назардошти ин омилҳо ва ғайри қобили пардохт гаштани ҶСК "Тоҷиксодиротбонк", Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи бозхонди иҷозатномаи ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" қарори

# АХБОР АЗ ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

дахлдор қабул кард. Тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" бо қарори суд мудири махсус таъин мегардад ва аз лаҳзаи таъин шудани мудири махсус, ваколатҳои мақомоти идораи ташкилоти қарзӣ (маҷлиси умумии саҳмиядорон, шӯрои нозирон, раёсат, раис) қатъ гардида, ба мудири махсус мегузаранд ва ӯ ягона намояндаи қонунии ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" ба ҳисоб меравад. Мудири махсус дар доираи салоҳияти ихтисосии худ ба манфиати амонатдорону қарздеҳон ситонидан ва бегона кардани (фурӯхтани) дороиҳои Бонк ва тақсими маблағҳоро бо тартиби муқарраркардаи Қонуни мазкур мусоидат менамоянд.

Тибқи раванди муайяншуда баробари бозхонди иҷозатнома, аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташудаи ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" 64 фоизи пасандоздорон, яъне 3,5 ҳаз. нафар пурра аз ҳисоби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ҷуброн карда шуда, 36 фоизи дигарашон, яъне 2 ҳаз. нафар аз ҳисоби Хазина қисман ҷуброн карда мешаванд. Қисми боқимондаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҳисоби ба фурӯш баровардани дороиҳои худи бонк аз ҷониби мудири махсус тибқи тартиби муқарраршуда ба мизоҷон пардохт карда мешаванд.

## БА МАЪЛУМОТИ ПАСАНДОЗДОРОНИ ҶСК "АГРОИНВЕСТБОНК" ВА ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК"

Ба маълумоти пасандоздорони ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" расонида мешавад, ки бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (Хазина) ҷубронпулии суғурта аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ ба андозаи то 30 000 сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ ба андозаи то 21 000 сомонӣ пардохт карда мешавад. Маблағи боқимондаи пасандозҳо дар раванди барҳамдиҳӣ аз ҷониби мудири махсуси дар ташкилоти қарзӣ таъиншуда, тибқи тартиби дар қонунгузорӣ муқарраршуда пардохт хоҳад шуд.

Хазина тамоми имконият ва захираҳоро ҷиҳати пурра ва саривақт дар доираи андозаи муқарраршуда пардохт намудани маблағи ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорони ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" дорад.

### Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон

Раванди пардохти маблағи ҷуброни суғурта ба пасандоздорони ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" 14 рӯз пас аз санаи қабули қарори суд оид ба оғози расмиёти барҳамдиҳии маҷбурӣ оғоз карда мешавад. Пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон тавассути бонк-агенти хизматрасони Хазина амалӣ мегардад.

Хазина оиди санаи пардохти ҷубронпулӣ, ҷой, вақт ва бонк-агенти интихобшуда дар воситаҳои ахбори омма эълони дахлдор интишор менамояд. Эълон ҳамзамон дар ташкилоти қарзии барҳамдодашуда ва бонк-агент, инчунин дар сомонаи расмии Хазина ҷойгир карда мешавад.

Баъд аз оне, ки Хазина маълумотро оиди ҷой, вақт ва рӯзи пардохти ҷубронпулӣ эълон кард, пасандоздор ё ин ки намояндаи ваколатдори вай барои гирифтани ҷубронпулӣ бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ (шиноснома, ваколатнома ва ё ҳуҷҷати дигар) ба бонк-агенти Хазина муроҷиат намуда, дар он ҷо аризаи хаттии бо шакли аз ҷониби Хазина муқарраршударо пур менамояд. Ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо дар асоси аризаи пасандоздор тариқи нақдӣ ва ё бо хоҳиши худи пасандоздор ғайринақдӣ тавассути гузарондани маблағ ба ҳисоби нишондодаи пасандоздор дар ташкилотҳои қарзӣ, пардохт карда мешавад.

Ҳамзамон, ба диққати мизоҷони ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" расонида мешавад, ки барои гирифтани ҷубронпулии суғурта пасандоздорон ё намояндаи онҳо метавонанд дар давоми як сол дар дилхоҳ вақте, ки ба онҳо муносиб аст ба бонк-агент муроҷиат намоянд.

Маълумоти иловагиро метавонед тавассути телефонҳои (+992) 44 600-32-45, 44 600-35-45 ё ин ки дар сомонаи расмии Хазина дар шабакаи интернет (www.idif.tj) ва дар Фейсбук (DepositInsuranceFund.Tajikistan/) пайгирӣ намоед.




# Суботи бозори дохилии асъор ва муътадилии қурби пули миллӣ ҳамеша таҳти назорат аст

**Бонки миллии Тоҷикистон бо камоли масъулият изҳор менамояд, ки ҳамарӯза вазъи бозори дохилии асъорро зери мушоҳидаю таҳлил ва назорати доимӣ қарор дода, барои таъмин намудани суботи бозори дохилии асъор ва муътадилии қурби пули миллӣ воситаю имконият ва захираҳои зарурӣро истифода бурда истодааст.**

Дар робита ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи субъектҳои хоҷагидорӣ бо асъори хориҷӣ, таъмин намудани субот дар бозори дохилии асъор мудохила (интервенсия)-и асъориро анҷом диҳад.



Бо мақсади дар амал татбиқ намудани тасмими боло, 19 апрели соли равон дар Бонки миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо роҳбарони аввали ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар роҷеъ ба вазъи бозори дохилии асъор ҷаласа доир шуда, ташкилотҳои қарзии молиявӣ вазифадор гардиданд, ки илова ба маблағҳои мудохилаи навбатии Бонки миллии Тоҷикистон бо истифода аз тамоми



восиатву имкониятҳои хеш талаботи муштариёни худро бо асъори хориҷӣ бе ягон мамонният қонеъ намоянд.

> Илова бар ин, таъкид карда шуд, ки дар сурати пайдо гардидани арзу шикоятҳо доир ба сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ, аз ҷумла зимни хариду фурӯши асъори хориҷии нақд ё беасос нафурӯхтани асъори нақд ва ё бо қурби баланд аз қурби фурӯш муқарраргардида фурӯхтани асъор ва муносибати дағалонаи кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз муштариён ..

Дар ҷараёни ҷаласа қайд гардид, ки тамоми шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ новобаста аз самти фаъолияташон, метавонанд дархостҳои худро ҷиҳати харидорӣ намудани асъори хориҷии (доллари ИМА) ғайринақдӣ ба ташкилотҳои қарзии молиявии хизматрасонашон пешниҳод намоянд.



Илова бар ин, таъкид карда шуд, ки дар сурати пайдо гардидани арзу шикоятҳо доир ба сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ, аз ҷумла зимни хариду фурӯши асъори хориҷии нақд ё беасос нафурӯхтани асъори нақд ва ё бо қурби баланд аз қурби фурӯш муқарраргардида фурӯхтани асъор ва муносибати дағалонаи кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз муштариён хоҳиш карда мешавад, ки оид ба корманди ташкилоти қарзии молиявӣ (бо нишон додани ному насаб ва вазифаи хизматии корманд), ки барои анҷом додани хизматрасонии бонкӣ монеа эҷод менамояд, ба телефонҳои боварии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ба Бонки миллии Тоҷикистон бо телефонҳои

44 600 -15 -10,
44 600 -31-03,
44 600 – 15-20

муроҷиат намоянд.

***Шуъбаи матбуот ва маҷаллаи "БТҶ"-и БМТ.***


МУСОҲИБА
МУСОҲИБА
ИНТЕРВЬЮ
ИНТЕРВЬЮ

# Ҳадафи мо – муваффақияти Шумо!

**Хонандаи гиромӣ, дар ин шумора низ маҷаллаи "БТҶ" нашри силсиламусоҳибаҳоро бо роҳбарони ташкилотҳои қарзии кишвар идома медиҳад. Ин дафъа тасмим гирифта шуд, ки оид ба вазъи молиявии бонки навтаъсис, мушкилоту дастовардҳо, роҳҳо ва талошҳои расидан ба нишондиҳандаҳои иқтисодии мусбат дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ ва молиявӣ, нақшаҳои корӣ ва дигар паҳлуҳои фаъолият дар низоми бонкӣ бо раиси Раёсати КВД БССТ «Саноатсодиротбонк» Ҳокимшоҳ Бобозода суҳбати тахассусие анҷом анҷом дода шавад. Дар робита ба ин, муҳтавои асосии мусоҳибаи зикршуда ба хонандагони муҳтарами нашрия пешниҳод карда мешавад.**



**Ба хотири сармоягузории соҳибкорони истеҳсолӣ ва татбиқи ҳадафи чаҳоруми стратегии кишвар бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №390 корхонаи воҳиди давлатии бонки саноативу содиротии Тоҷикистон "Саноатсодиротбонк" дар заминаи Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" таъсис дода шуд.**

## САРМОЯГУЗОРИИ САНОАТ ВА ИСТЕҲСОЛОТ МУҲАРРИКИ АСОСИИ РУШДИ ИҚТИСОДИ КИШВАР БА ШУМОР МЕРАВАД

**- Нахуст, муҳтарам Ҳокимшоҳ Ҷурахон, шуморо ба фаъолияти судманди яксолаи КВД БССТ «Саноатсодиротбонк» табрик мегӯем ва таманниёти комёбиҳои бештареро бароятон хоҳонем. Баъдан, лутфан бигӯед, ки имрӯз нақши саноатро дар рушд ва пешрафти иқтисоди миллӣ чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

- Ташаккури зиёд барои таманниёти нек. Дар шароити феълии пешрафти иқтисодӣ саноат яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ маҳсуб ёфта, таъмин намудани рушди он яке аз вазифаҳои афзалиятнок ба шумор меравад. Бинобар ин, роҳбарону масъулони корхонаҳои саноатӣ ва

соҳибкороне, ки дар соҳаҳои истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ фаъолият мекунанд, бояд бо назардошти ҳадафи вусъати саноатикунонии кишвар, баррасӣ кардани масъалаҳои ҳалталаби соҳа ва дарёфти роҳҳои рушди он тавассути воридоти техно-логияҳои муосир ва ҷадиди истеҳсоли маҳсулоти рақо-батпазир самти содиротии мамлакатро тақвият дода, таъсиси ҷойҳои нави кориро дар солҳои наздик афзоиш диҳанд.

Қобили қайд аст, ки бо мақсади рушди соҳаи саноат, ки заминаҳои он дар асоси чаҳор ҳадафи умумимиллӣ фароҳам оварда шудаанд, саноатикунонии босуръати кишвар дар раванди сармоя-гузории истеҳсолоти ватанӣ аз ҳисоби маблағҳои қарзии Саноатсодиротбонк имкони-ятест муфид ва саривақтӣ. Зеро татбиқи ин вазифаи муҳим ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар давраи миёнамуҳлат бо дастгирӣ намудани лоиҳаҳои бузурги истеҳсоливу саноатии ватанӣ аз кишвари аграриву саноатӣ ба мамлакати инду-стриаливу аграрӣ табдил дода шавад.

Ҷолибтар аз ҳама, дар ҷараёни гузариш миёни ташкили низоми ҳуқуқиву иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, содагар-донии расмиёти бақайд-гирии соҳибкорӣ ва сода-гардонии кулли ҳуҷҷатҳо ба санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ дар рушди саноати кишвар нақши муҳим доранд. Зеро маҳз ин ду низоми зикр-гардида сарчашмаи асосии истеҳсолот ва содирот буда, дар ин раванд маблағ-гузории онҳо аз ҷониби институтҳои молиявии кишвар, бахусус бонкҳо ҳамчун сармоягузор сарчашма мегирад.

> Бонк дар айни замон ба қарздиҳии субъект-ҳои соҳибкорие, ки ба истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содиротнигонидашу-да машғул ҳастанд афза-лият дода, қарзро бо фоизи нисбатан пасттар пешниҳод намуда исто-дааст.

Маҳз ба хотири сармоягузории соҳиб-корони истеҳсолӣ ва татбиқи ҳадафи чаҳо-руми стратегии кишвар бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №390 Корхонаи воҳиди давлатии бонки саноативу содиротии Тоҷикистон "Саноатсодиротбонк" дар заминаи Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" таъсис дода шуд.

## РИСОЛАТИ БОНК – ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР САМТИ ДАСТГИРИИ МОЛИЯВӢ БАРОИ РУШДИ ИҚТИДОРИ ИСТЕҲСОЛӢ, МУСОИДАТ НАМУДАН БА СОДИРОТИ МОЛУ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ ВА ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТҲОИ ВОРИДОТИВАЗКУНАНДА ДАР ҶУМҲУРӢ МЕБОШАД

**- Оё бо гузашти муҳлати кӯтоҳ гуфта метавонед, ки самти афзалиятноки Бонк аз чӣ иборат аст ва дар ин давра ташкилоти қарзӣ кадом корҳои мусбатро анҷом додааст?**

- Бонк бо мақсади таъмини рушди дарозмуд-дати иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва фароҳам овар-дани шароит барои рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ ва зиёд намудани сармоягузорӣ ба иқтисодиёти миллӣ тавас-сути иштирок дар лоиҳаҳо, ки ба рушди инфрасохтор, саноат, содирот, инноватсия, инчунин самаранокии неру, дастгирии содирот ва тавсеаи дастрасии маҳсу-лоти саноатии (мол, кор ва

хизматрасонӣ) Тоҷикистон ба бозорҳои хориҷӣ, нигаронида шудааст, аз он ҷумла дигар лоиҳаҳо ва муомилот дар доираи сармоягузорӣ, машваратӣ ва фаъолияти дигар амал мекунад.

Бешубҳа, самти муҳим ва афзалиятноки фаъолияти Бонк, ин дастгирии молиявии корхонаҳои саноативу истеҳсолии навтаъсис, амалкунанда ва соҳибкорони инфиродии самти корашон ба истеҳсоли молу маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, ба шумор меравад. Дар раванди иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми солонаи худ бо таъкид иброз доштанд, танҳо қувваи дохилии сармоягузорони соҳибкорони ватанӣ метавонад

> Дар раванди иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми солонаи худ ...




содиротро афзоиш дода, талабот ба молу маҳсулоти ватании бозори дохилиро қонеъ гардонад.

Аз оғози фаъолияти хеш КВД “Саноатсодиротбонк” ҷиҳати ҳарчи бештар азхуд намудани фазои сармоягузории дохилӣ ва рушди самти афзалиятноки дастгирии саноату истеҳсолоти кишвар, мавқеи мушаххасро интихоб намуд. Бонк аз ибтидои фаъолияти хеш ба 217 субъектҳои соҳибкорӣ дар ҳаҷми 322,3 млн. сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо намудааст, ки ин соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар ва 53 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро фаро мегирад.

Дар шароити сустшавии иқтисоди ҷаҳонӣ, ки бар асари таъсири манфии пандемия ва интизориҳои пастравии иқтисодӣ ҷаҳонӣ ба миён омадааст, чораҳои саривақтии зиддибӯҳронии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидашуда дар самти таъмини суботи макроиқтисодӣ, такмили низоми бонкӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ имкон доданд, ки суботи муқоисавии макроиқтисодӣ ба даст оварда шавад ва рушди соҳаи саноат, зиёд кардани иқтидорҳои истеҳсолӣ тавассути ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ таъмин гардад.

Дар робита ба мушкилоти бӯҳронии солҳои охир дар бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ ва вазъи мавҷудаи феълӣ, масоили асосӣ барои рушди бахши иқтисодии ҷумҳурӣ нокифоягии дастгирии молиявӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, Бонк фаъолияти худро ҷиҳати дастгирии рушди бахши иқтисодӣ тақвият хоҳад дод.

## ҲАДАФИ МУҲИМТАРИН - РУШДИ САНОАТСОДИРОТБОНК ВА ТАБДИЛ ДОДАНИ

## ОН БА ЯКЕ АЗ БОНКҲОИ УСТУВОР ВА ЭЪТИМОДНОК ДАР НИЗОМИ БОНКИИ КИШВАР

**- Тавре маълум аст, Консепсияи фаъолияти КВД "Саноатсодиротбонк" барои солҳои 2021-2023 таҳия ва тасдиқ гардидааст. Лутфан бигӯед, ки консепсияи мазкур барои рушди кадом бахшҳои иқтисодиёт равона карда шудааст?**

- Имрӯз ба шарофати дар амал татбиқ намудани сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорони ватанӣ, молу маҳсулоти содиротии кишвар рӯз ба рӯз зиёд шуда истодааст, ки ин яке аз самтҳои асосии ғанигардонии буҷа аз ҳисоби маҳсулоти содиротӣ ба шумор меравад. Бо масъулияти том метавон гуфт, ки дастгирӣ намудани саъю кӯшиши соҳибкорони ватанӣ имрӯз яке аз ҳадафҳои асосии КВД "Саноатсодиротбонк" маҳсуб меёбад.

Фаъолияти ташкилоти қарзии мо дар Консепсияи фаъолияти Бонк барои солҳои 2021-2023 мушаххасан муайян карда шудааст ва чунин самтҳоро дар бар мегирад:

- барои таъмини рушди ояндаи Бонк диққати махсус ба мизоҷон дода мешавад. Ин маънои онро дорад, ки тамоми кӯшиши Бонк ба қонеъ гардонидани талаботи мизоҷон ба хизматрасониҳои молиявӣ равона карда мешавад.
- самти муҳимтарини стратегияи рушди Бонк, ин татбиқи идеологияи такмил ва рушд дар ҳама сатҳҳо ва дар ҳама қисматҳои он мебошад.
- вазифаи аз ҷониби Бонк гузошташуда иборат аст, аз баланд бардоштани самаранокӣ ва малакаву маҳорати ҳар як корманд дар воҳидҳои сохтории Бонк, ҷалби кормандони оддӣ ва сатҳи роҳбарикунандаи Бонк ба раванди доимии такмили фаъолияти касбӣ. Ҳар як корманд бояд худро ҳамчун як ҷузъи фаъол дар ташаккул ва рушди Бонк ҳис кунад.

> Зимнан Муассисаи номбурда таъмини ҳимоя ва дастгирии соҳибкориро яке аз афзалиятҳои муҳими сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шуморида, маблағгузории фаъолияти субъектҳои соҳибкориро тавассути пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки ...

- ҳадафи Бонк, пайдо кардани мавқеи худ дар бозорҳои байналмилалии молиявӣ ҳамчун иштирокчии фаъол. Бинобар ин, Бонк рушди амалиётро дар бозорҳои байналмилалӣ яке аз самтҳои афзалиятнок меҳисобад. Ҳамзамон, Бонк дарк мекунад, ки рушди ин соҳа



раванди нисбатан суст ва тадриҷӣ хоҳад буд ва қадамҳои аввалин дар ин ҷода бояд аз имрӯз гузошта шаванд.

## КОМЁБӢ ВА РУШДИ САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ КОРӢ

**- Мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ дар аксар мавридҳо аз баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ сухан меронанд. Дар робита ба ин масъала, КВД "Саноатсодиротбонк" чӣ гуна сиёсатро пеш гирифтааст?**

- Қобили қайд аст, ки қарзҳои аз ҷониби Бонк ба соҳаи истеҳсолӣ ва дигар бахшҳои соҳибкорӣ пешниҳодшаванда, назар ба меъёри миёнавазнии қарзҳои бонкӣ 6-8% пасттар мебошанд. Мусаллам аст, ки фаъолияти устувор ва самараноки Бонк метавонад дар рушди соҳаи саноат,

> Бо масъулияти том метавон гуфт, ки дастгирӣ намудани саъю кӯшиши соҳибкорони ватанӣ имрӯз яке аз ҳадафҳои асосии КВД "Саноатсодиротбонк" маҳсуб меёбад.




махсусан дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи чоруми стратегӣ эълон гардид, саҳми арзанда бозад.

Тавре дар боло зикр намудем, Бонк дар заминаи Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" таъсис дода шудааст. Зимнан Муассисаи номбурда таъмини ҳимоя ва дастгирии соҳибкориро яке аз афзалиятҳои муҳими сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шуморида, маблағгузории фаъолияти субъектҳои соҳибкориро тавассути пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки давлатӣ ба роҳ монда буд

Манбаи ғанӣ гардонидани захираҳои молиявии Фонди дастгирии соҳибкорӣ маблағгузориҳо аз Буҷети давлатӣ, ки ҳамасола ҷудо мегардид ба ҳисоб мерафт. Дар маҷмуъ, дар солҳои 2013-2020 ба суратҳисоби Фонди дастгирии соҳибкорӣ аз Буҷети давлатӣ маблағи 392,6 млн. сомонӣ ҷудо шудааст.

Ба ҳолати 30 апрели соли равон дороиҳои Бонк ба зиёда аз 400,0 млн. сомонӣ расонида шуда, сандуқи қарзии Бонк 153,7 млн. сомониро ташкил медиҳад.

## НИШОНДИҲАНДАҲО ВА ТАТБИҚИ АМАЛИИ ДАСТУРУ СУПОРИШҲОИ РОҲБАРИЯТИ ОЛИИ КИШВАР

**- Инак, чанд моҳи аввали соли равон сипарӣ шуд. Ба андешаи Шумо, нишондиҳандаҳои асосии молиявии Бонк дар ин давра дар кадом сатҳ қарор доранд ва нақшаҳои ташкилоти**

**қарзӣ барои имсол чиҳати боз ҳам беҳтар кардани фаъолияти худ аз чӣ иборат хоҳанд буд?**

- Боиси хушнудист, ки Бонк нишондиҳандаҳои асосии молиявии фаъолияти худро дар чор моҳи соли 2021 бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст намуд.

Бояд изҳор намоем, ки ҳоло фаъолияти асосии Бонк тавассути дастгоҳи маркази Бонк ба роҳ монда шудааст. Дар оянда наздик ба нақша гирифта шудааст, ки филиал ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ дар дигар манотиқи кишвар низ кушода шаванд. Ифтитоҳ намудани филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ имконият медиҳад, ки зуд, босифат ва саривақт ба муштариён хизматрасониҳои бонкӣ пешниҳод карда шаванд.

Бонк дар айни замон ба қарздиҳии субъектҳои соҳибкорие, ки ба истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содиротнигонидашуда машғул ҳастанд афзалият дода, қарзро бо фоизи нисбатан пасттар пешниҳод намуда истодааст. Дар баробари ин, Бонк бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи дигар муштариён маҳсулотҳои гуногуни қарзиро омода ва пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, мо ба нақша гирифтаем, ки ҷавонон ва занони соҳибкорро ҳаматарафа дастгирӣ намоем. Дар ин раванд, вобаста ба талаботи ин гуруҳи муштариён маҳсулотҳои гуногуни инноватсионӣ коркард ва пешниҳод карда мешаванд.

> Дар шароити феълии пешрафти иқтисодӣ саноат яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ маҳсуб ёфта, таъмин намудани рушди он яке аз вазифаҳои афзалиятнок ба шумор меравад.

Пӯшида нест, ки яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Бонк мусоидат намудан ба рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои рақамии молиявӣ ба муштариён ба шумор меравад. Дар ин раванд, Бонк ҳамкориро бо Низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" роҳандозӣ намудааст ва рӯзҳои наздик хизматрасониҳои гуногунро бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ ба муштариён пешниҳод менамояд.

Илова бар ин, дар БССТ "Саноатсодиротбонк", корҳо дар самти омӯзиш, баррасӣ ва интихоби ширкати ҳамкор дар самти татбиқи хизматрасониҳои фосилавӣ (Мобайл-банкинг, Интернет-банкинг) оғоз гардиданд.

Дар самти ҷалби пасандоз бошад, мо маҳсулотҳои гуногуни пасандозиро коркард ва ба муштариён пешниҳод намуда истодаем. Бояд изҳор намоем, ки тибқи муқаррароти Оинномаи Бонк - Муассис пурра баргардонидани пасандозҳои дар Бонк гузошташударо кафолат медиҳад.

Ва ниҳоят, итминони комил дорем, ки фаъолияти созандае, ки дар бонк таҳти шиори "Дониш, маҳорат ва масъулият" оғоз ёфтааст, дар оянда наздик самараи нек хоҳад овард. Зеро ҳадафи ягонаи сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти бонк ин саривақт ва босифат дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат ба шумор меравад ва боварӣ дорем, ки БССТ "Саноатсодиротбонк" дар оянда наздик дар паҳлуи бонкҳои низомсози кишвар мавқеи худро устувор хоҳад намуд.

**- Ҷаҳони сипос барои чунин як суҳбати ҷолиб ва судманд.**

*Мусоҳиб:*
***Абдуғаффор Курбонов, "БТҶ".***

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021 | | | ДОРОИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2021 | 31.03.2020 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 4 566 101 845 | 4 340 596 106 | 225 505 739 | 5,2% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 3 770 464 491 | 3 123 316 149 | 647 148 342 | 20,7% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 2 557 910 337 | 2 120 108 110 | 437 802 227 | 20,6% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 1 065 695 122 | 946 706 414 | 118 988 708 | 12,6% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 941 514 794 | 829 122 020 | 112 392 774 | 13,6% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 651 336 779 | 524 323 779 | 127 013 000 | 24,2% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 624 366 388 | 545 109 254 | 79 257 134 | 14,5% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 613 935 462 | 431 340 176 | 182 595 286 | 42,3% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 457 628 409 | 259 951 681 | 197 676 728 | 76,0% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 442 578 121 | 339 007 576 | 103 570 545 | 30,6% |
| ҶСК "АЛИФ БОНК" | 340 582 173 | 154 135 328 | 186 446 845 | 121,0% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 186 787 331 | 203 355 215 | -16 567 884 | -8,1% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 149 462 844 | 141 249 804 | 8 213 040 | 5,8% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 103 080 235 | 142 019 074 | -38 938 839 | -27,4% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 51 610 924 | 81 616 744 | -30 005 820 | -36,8% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 49 429 779 | 66 895 512 | -17 465 733 | -26,1% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021 | | | ◘ ӮҲДАДОРИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2021 | 31.03.2020 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 4 094 198 803 | 3 901 713 715 | 192 485 088 | 4,9% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 753 877 673 | 2 270 531 308 | 483 346 365 | 21,3% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 2 075 632 092 | 1 724 591 442 | 351 040 650 | 20,4% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 916 256 033 | 807 369 392 | 108 886 641 | 13,5% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 816 606 619 | 725 053 471 | 91 553 148 | 12,6% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 541 972 396 | 416 446 162 | 125 526 234 | 30,1% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 516 126 386 | 456 010 678 | 60 115 708 | 13,2% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 489 614 711 | 306 083 136 | 183 531 575 | 60,0% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 382 999 234 | 283 871 978 | 99 127 256 | 34,9% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 282 075 182 | 130 518 155 | 151 557 027 | 116,1% |
| ҶСК "АЛИФ БОНК" | 262 159 375 | 98 533 815 | 163 625 560 | 166,1% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 120 169 113 | 130 325 478 | -10 156 365 | -7,8% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 58 334 963 | 54 965 687 | 3 369 276 | 6,1% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 49 729 110 | 88 619 880 | -38 890 770 | -43,9% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 28 443 951 | 25 065 340 | 3 378 611 | 13,5% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 20 977 555 | 24 411 867 | -3 434 312 | -14,1% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021 | | | ◙ САРМОЯ | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2021 | 31.03.2020 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 016 586 818 | 852 784 841 | 163 801 977 | 19,2% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 482 278 245 | 395 516 668 | 86 761 577 | 21,9% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 471 903 042 | 438 882 391 | 33 020 651 | 7,5% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 175 553 227 | 129 433 526 | 46 119 701 | 35,6% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 149 439 089 | 139 337 022 | 10 102 067 | 7,3% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 124 908 175 | 104 068 549 | 20 839 626 | 20,0% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 124 320 751 | 125 257 040 | -936 289 | -0,7% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 109 364 383 | 107 877 617 | 1 486 766 | 1,4% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 108 240 002 | 89 098 576 | 19 141 426 | 21,5% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 91 127 881 | 86 284 117 | 4 843 764 | 5,6% |
| ҶСК "АЛИФ БОНК" | 78 422 798 | 55 601 513 | 22 821 285 | 41,0% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 66 618 218 | 73 029 737 | -6 411 519 | -8,8% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 59 578 887 | 55 135 598 | 4 443 289 | 8,1% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 53 351 125 | 53 399 194 | -48 069 | -0,1% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 30 633 369 | 57 204 877 | -26 571 508 | -46,4% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 20 985 828 | 41 830 172 | -20 844 344 | -49,8% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021 | | | ◘ ҚАРЗҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2021 | 31.03.2020 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 3 307 091 888 | 2 953 675 285 | 353 416 603 | 12,0% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 749 617 917 | 1 556 110 546 | 193 507 371 | 12,4% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 707 702 019 | 615 887 724 | 91 814 295 | 14,9% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 463 556 464 | 414 374 195 | 49 182 269 | 11,9% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 441 232 276 | 326 115 057 | 115 117 219 | 35,3% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 403 181 269 | 394 330 741 | 8 850 528 | 2,2% |
| ҶСК "АЛИФ БОНК" | 228 408 677 | 109 612 727 | 118 795 950 | 108,4% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 224 923 521 | 119 631 191 | 105 292 330 | 88,0% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 176 975 817 | 125 186 614 | 51 789 203 | 41,4% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 100 718 283 | 56 660 240 | 44 058 043 | 77,8% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 53 751 861 | 64 236 726 | -10 484 865 | -16,3% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 17 923 902 | 20 344 311 | -2 420 409 | -11,9% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 17 118 463 | 20 733 863 | -3 615 400 | -17,4% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 15 067 912 | 2 751 156 | 12 316 756 | 447,7% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 8 077 099 | 55 127 297 | -47 050 198 | -85,3% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 1 533 892 | 4 260 942 | -2 727 050 | -64,0% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021 | | | ◙ ПАСАНДОЗҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2021 | 31.03.2020 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 391 427 369 | 3 427 918 727 | -36 491 358 | -1,1% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 589 728 211 | 1 645 500 039 | -55 771 828 | -3,4% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 185 940 146 | 1 024 570 548 | 161 369 598 | 15,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 821 560 571 | 696 203 972 | 125 356 599 | 18,0% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 421 296 185 | 292 952 114 | 128 344 071 | 43,8% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 330 859 234 | 312 449 367 | 18 409 867 | 5,9% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 320 563 176 | 375 436 168 | -54 872 992 | -14,6% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 223 957 457 | 85 846 848 | 138 110 609 | 160,9% |
| ҶСК "АЛИФ БОНК" | 134 160 770 | 53 417 077 | 80 743 693 | 151,2% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 119 749 397 | 104 276 429 | 15 472 968 | 14,8% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 49 961 808 | 48 346 796 | 1 615 012 | 3,3% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 16 909 307 | 61 439 934 | -44 530 627 | -72,5% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 11 393 583 | 14 307 785 | -2 914 202 | -20,4% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 6 825 774 | 18 850 594 | -12 024 820 | -63,8% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 4 683 974 | 15 080 470 | -10 396 496 | -68,9% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 477 017 | 557 654 | -80 637 | -14,5% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021 | | | ФОИДА | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2021 | 31.03.2020 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 96 692 537 | 90 995 860 | 5 696 677 | 6,3% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 35 933 935 | 12 572 874 | 23 361 061 | 185,8% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 13 977 733 | 10 034 321 | 3 943 412 | 39,3% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 5 492 888 | 2 879 707 | 2 613 181 | 90,7% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 3 843 608 | 3 334 916 | 508 692 | 15,3% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 3 560 996 | 1 049 287 | 2 511 709 | 239,4% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 2 298 543 | -1 450 094 | 3 748 637 | 258,5% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 1 170 487 | 1 270 033 | -99 546 | -7,8% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 892 183 | 2 437 550 | -1 545 367 | -63,4% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 71 340 | 649 399 | -578 059 | -89,0% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | -34 585 | 1 708 009 | -1 742 594 | -102,0% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | -433 905 | -506 677 | 72 772 | 14,4% |
| ҶСК "АЛИФ БОНК" | -814 191 | 1 856 574 | -2 670 765 | -143,9% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | -2 924 915 | 1 172 413 | -4 097 328 | -349,5% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | -8 069 616 | 1 748 646 | -9 818 262 | -561,5% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | -25 761 585 | 1 127 063 | -26 888 648 | -2385,7% |



# Мутахассиси соҳаи молия соҳибони долларҳоро огоҳ кард, ки аз чӣ онҳо бояд дар хавотир бошанд

**Имрӯз пӯшида нест, ки ҷараёни дедолларикунонӣ як марҳилаи кӯтоҳ ва осон нест. Ҳатто дар ҳисоббаробариҳои мутақобилаи ду кишвар - Русия ва Хитой, ки дар ин самт хеле фаъолона амал менамоянд, амалиётҳо бо доллар қариб 50 фоизро ташкил медиҳанд. Бояд гуфт, ки дар захираҳои онҳо дороиҳои долларӣ то ҳанӯз саҳми назаррасро ташкил менамоянд. Фаромӯш набояд кард, ки аз ҳад зиёд тезонидани ин раванд ба нафъи ягонтои ин кишварҳо нест ва аз лиҳози техникӣ амалӣ намудани ин кор ниҳоят мушкил аст, - гуфт зимни суҳбат ба агентии “Прайм” директори генералии Noble Russian Finance Club Василий Коновалов.**

Ба андешаи вай, саҳми доллар дар ҳисоббаробариҳои байналмилалӣ дар давоми бист соли охир тадриҷан коҳиш ёфта истодааст, вале ин ба туфайли на танҳо ва на он қадар аз тадбирҳои дедолларикунонии мамлакатҳои зери таҳримҳои амрикой монда, ба даст омад, ҳамчунин ба сифати асъори ҳисоббаробарии байналмилалӣ эътибор пайдо кардани евро низ ба ин ҷараён таъсир расонид.

“Агар дар ибтидои аср саҳми доллар дар тиҷорати ҷаҳонӣ зиёда аз 70 фоизро ташкил карда бошад, дар айни замон он аз 50 фоиз поин рафтааст. Вале, бояд гуфт, ки назар ба аз ҳад зиёд баланд шудани талабот ба евро худи кишварҳои ИА, ки ҳоло, дар давраи пастравии иқтисодӣ қарор доранд, заиф шудани қурби асъори худро ба хотири баланд кардани рақобатпазирӣ, авлотар медонанд”, - таъкид менамояд мутахассиси номбурда.

Аммо паст шудани нақши доллар дар тиҷорати ҷаҳонӣ ва ҳамчун асъори захиравӣ, ба

> ❞
>
> “То он лаҳзае, ки чунин як манзара ногузир пеши назар наояд, яъне ягон сабаб барои осемасар халос шудан аз долларҳо вуҷуд надорад. Вале ҳаҷми онҳо дар таркиби пасандозҳо дар ҳама ҳолат набояд аз 30 фоиз зиёд бошад”, - мегӯяд коршинос.

ҳеҷ ваҷҳ маънои онро надорад, ки долларҳо беқурб мешаванд. Барои ин, ба андешаи Коновалов, ба амал омадани ҳодисаҳои аз ҳад зиёд фалокатовар , ки дар сатҳ бо ҷанги ҷаҳонӣ ё буҳрони амиқтарини иқтисодӣ дар тамоми ҷаҳон, ки дар қиёс ба он ҳаводиси манфии даҳсолаҳои охир ночиз ба назар мерасанд, зарур мебошанд. Дар чунин як ҳолатҳо ягон гуна дороиҳо наметавонанд ба қадри зарурӣ боэътимод ҳисобида шаванд.

“То он лаҳзае, ки чунин як манзара ногузир пеши назар наояд, яъне ягон сабаб барои осемасар халос шудан аз долларҳо вуҷуд надорад. Вале ҳаҷми онҳо дар таркиби пасандозҳо дар ҳама ҳолат набояд аз 30 фоиз зиёд бошад”, - мегӯяд коршинос.

## КОРШИНОС ҲОЛАТЕРО НОМБАР КАРД, КИ ДОЛЛАР ТЕЗТАР АЗ РУБЛ БАРБОД МЕРАВАД

Дар таърихи иқтисоди ҷаҳон марҳилаҳое, ки қурби доллар коҳиш меёбад, аз ҷумла нисбат ба асъорҳои рӯ ба рушд, он қадар ҳам кам нестанд. Онҳо аз рушди ниҳоят зиёди кишварҳои рӯ ба инкишоф, дар маҷмӯъ тамоюлоти мусбӣ ва имкониятҳои иқтисоди ҷаҳонӣ, ки талаботи маблағгузориро ба дороиҳои мамолики рӯ ба рушд зиёд мекунад, вобастагӣ дорад, - гуфт дар мусоҳиба ба агентии “Прайм” коршиноси бозори фондии "БКС Мир инвестиций" Дмитрий Бабин.

Вале мушкилоти иқтисоди Амрико, агар онҳо хосияти устувор ва болоравӣ дошта бошанд, дар ниҳояти кор, ба иқтисоди кишварҳои рӯ ба инкишоф, ки бештари онҳо дар худ мушкилоти назарраси молиявию иқтисодӣ, аз он ҷумла, қарзи калони беруна доранд, зарба мезананд. Ҳамаи ин бо фирори сармоя аз бозорҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла аз асъорҳои рӯ ба инкишоф анҷом меёбад ва ин амал ба кам шудани ҳаҷми онҳо оварда мерасонад, мегӯяд коршиноси соҳа.

> “Агар дар ибтидои аср саҳми доллар дар тиҷорати ҷаҳонӣ зиёда аз 70 фоизро ташкил карда бошад, дар айни замон он аз 50 фоиз поин рафтааст.

“Ба ибораи дигар, ҳама гуна буҳрони ҷиддӣ, ҳатто агар он дар ИМА пайдо шуда бошад ва бо мушкилоти низоми амрикоии молиявию иқтисодӣ алоқаманд бошад ҳам, дар ниҳояти кор дигар иқтисодҳо ва бозорҳои ҷаҳонро фаро мегирад. Бинобар ин, қурби доллар баъди як муддати пастравӣ, якбора баланд мешавад, зеро он нақши яке аз асъор-паноҳгоҳ, олати ҳимоявӣ дар давраи номуътадилии бозорро иҷро менамояд. Илова бар ин, дар давраҳои буҳронҳо напардохтани маблағҳо ва дефолтҳо бо доллар ба амал меоянд, ки ин дар навбати худ пешниҳоди долларро коҳиш дода, талабот ба асъори амрикоиро зиёд мекунад”, - шарҳ медиҳад Дмитрий Бабин.

Бинобар ин, барои он ки доллари ИМА аз арсаи ҷаҳонӣ берун равад, зарур аст, ки



чунин як асъори бузург ба мисли доллари ИМА ба миён ояд, муҳимтар аз ҳама иқтисоди  пешрафта ба миён ояд. Дар робита ба ин, иқтисоди Хитой ҳанӯз қодир нест, ки мақоми асъори захиравии ҷаҳонӣ будани юанро таъмин намояд, зеро аз воридоти ашёи хом ва содироти доираи васеи молҳо вобастагии калон дорад. Ба ғайр аз ин, иқтисодиёти ИМА ба талаботи дохилӣ ва соҳаи хизматрасонӣ нигаронида шудааст, ки ин барояш имконият медиҳад, ба осонӣ коҳишҳои даврагиро дар бозори ашё ё дар иқтисоди ҷаҳонӣ паси сар намояд, - таъкид менамояд мусоҳиби агентӣ.

> Тавре рӯзномаи «Российская газета» бо истинод ба коршиноси бозори фондии  «БКС Мир инвестиций» Михаил Зелсер менависад, чунин заифшавии рубл дар чунин як вазъияти баланд будани нархи нефт, ғайримуқаррарӣ ба ҳисоб меравад.

“Албатта, иқтисодӣ Аврупо низ дар муқобили иқтисоди ИМА дар арсаи ҷаҳони рақиби ҷиддӣ мебошад, ба мисли евро ба доллари ИМА. Аммо Иттиҳоди Аврупо мушкилоти худро дорад. Дар навбати аввал, ин парокандагии иштирокдорони иттиҳод, ки барои ба таври фаврӣ вокуниш кардан ба ин ё он даъвоҳои хосияти иқтисодӣ ва геосиёсидошта, монеа эҷод мекунад. Илова бар ин, гуногунтаркибии иқтисодиёти Иттиҳоди Аврупо раванд- ҳои ғайриякҷояшавиро дастгирӣ мекунад, ки ин аллакай ба брексит оварда расонид ва ба ягонагии ИА ва мавҷудияти асъори аврупой таҳдид мекунанд”, - мегӯяд коршинос.

Вобаста ба ин, гумон аст, ки дар ояндаи наздик доллари ИМА мақоми асъори асосии захиравӣ ва воситаи пардохти байналмилалиро аз даст диҳад. Иқтисодиёти ИМА яке иқтисодиёти бузургтарин дар ҷаҳон боқӣ мемонад, муҳимтар аз ҳама, назар ба иқтисоди Хитой дар самти вобастагӣ аз воридоту содироти молу ашё, иқтисоди ниҳоят пешрафта ба шумор меравад, иброз дошт Дмитрий Бабин.

## КОРШИНОС ГУФТ, КИ КАЙ ДАР СОЛИ 2021 ҚУРБИ ДОЛЛАРИ ИМА ТО 70 РУБЛ ПОИН МЕРАВАД

Дар миёнаи моҳи марти соли равон рубли русӣ метавонист мавқеи худро дар сатҳи тобистони соли гузашта устувор нигоҳ дорад - 72,5  барои як доллар ва 86,5 барои як евро. Вале баъдтар камтар аз як моҳ пули миллӣ тамоми дастовардҳои худро аз даст дода, то 78 рубл барои як доллар ва қариб 93 рубл барои як евро коҳиш ёфт. Зарари рубл дар як моҳ қариб 8 фоизро ташкил намуд.



Тавре рӯзномаи "Российская газета" бо истинод коршиноси бозори фондии "БКС Мир инвестиций" Михаил Зелсер менависад, чунин заифшавии рубл дар чунин як вазъияти баланд будани нархи нефт, ғайримуқаррарӣ ба ҳисоб меравад.

Ӯ пешгӯӣ намуд, ки кай метавон таҳкимёбии устувори пули миллиро интизор шуд.

“Ҳашт фоизи пастравӣ, ба андешаи вай, яке аз бадтарин натиҷаҳои аз рӯйи динамикаи дороиҳои асъорӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад. Сабаби чунин як заифшавии масштабноки рубли русӣ дар омили маъруфи геосиёсӣ ниҳон аст. Дигар омилҳои ташаккулёбии қурби рубл бошад, дар назди хавфи ташаннуҷи низоъ дар давлати ҳамсарҳад ва ҷорӣ шудани таҳримҳо як чизи ночиз ба назар мерасанд.

Дар мавриди нақша дар бозори молӣ бошад, вазъи нархҳои шомилони энергия ва фулузот ҳанӯз ҳам муътадил аст. Аҳдҳои фючерсӣ барои нефт аз $60 барои 1 баррел бештар аст. Ин ҳам барои буҷети Федератсияи Русия ва барои қурби рубл мусоид аст.

“Қайд кардан зарур аст, ки дар робита ба нархҳои нефт сатҳи асъори русӣ ниҳоят зиёд паст нишон дода шудааст. Бо мурури замон, албатта, азнавбаҳогузорӣ анҷом дода мешавад”, -иброз менамояд ӯ.

Мутаассифона, иртиботи мутақобилаи рубл бо бозорҳои ашё гум шудааст.

Ба андешаи коршинос, вазъ дар бозори глобалии асъор ҳамчунин воҳимаҳои зиёдро дар хусуси пули миллӣ собит намекунад. Доллари ИМА ҳамоно 10 фоиз камтар аз сатҳи баҳори соли 2020 қарор дорад. Аз рӯйи интизориҳо ин вазъият бояд ба фоидаи рубли русӣ анҷом меёфт. Вале, чунин нашуд.

> Вобаста ба ин, гумон аст, ки дар ояндаи наздик доллари ИМА мақоми асъори асосии захиравӣ ва воситаи пардохти байналмилалиро аз даст диҳад. Иқтисодиёти ИМА яке иқтисодиёти бузургтарин дар ҷаҳон боқӣ мемонад, муҳимтар аз ҳама, назар ба иқтисоди Хитой дар самти вобастагӣ аз воридоту содироти молу ашё, иқтисоди ниҳоят пешрафта ба шумор меравад, иброз дошт Дмитрий Бабин.

Таъкид карда мешавад, ки баҳои тираи як қатор коршиносон дар мавриди он ки доллари ИМА мақоми ҷаҳонии асъори захиравиро аз даст медиҳад, амалӣ нахоҳад шуд. Барои амалӣ шудани ин кор то имрӯз сабабе вуҷуд надошт ва ҳоло ҳам нест.

Бо вуҷуди он ки вазн ва эътибори иқтисодиёти дигар кишварҳо дар тавозуни ҷаҳонии савдои хориҷӣ мавқеъҳояшонро мустаҳкам мекунанд, ба мисол, юан, назорати минбаъдаи беқурбшавии доллар барои худи содиркунандагони ИМА низ мувофиқ хоҳад буд. Дар ин сурат, онҳо бартарии рақобатиро дар тиҷорат ба даст меоранд, вале на бештар аз ин.

Агар дар бораи қоғазҳои қиматнок сухан ронем, меъёрҳои заёми давлатӣ то ба ҳадди аксари солона баланд шуданд, ки аз ҳисоби зиёдшавии сарбории қарзӣ ва фоидаоварии корпоратсияҳо таҳдид мекунанд. Михаил Зелсер бар ин назар аст, ки кумак ва ё дастгирии давлат бошад, бо фаъолшавии талаботи истеъмолкунандагон ва саноати баркароршудаистодаи кишвар нопадид мешаванд.

Баландшавии дараҷаи муқовимат дар ҷаҳон заифшавии давомдори рубли русиро дар сатҳи 79,5 барои як доллари ИМА истисно намекунад.

Коршиносони соҳа бар инанд, ки таҳкимёбии устувории пули миллии Русия то паст шудани шиддати муқовимат дар хориҷи кишвар ба таъхир меафтад. Танҳо баъд аз ин, қурби доллари ИМА метавонад ба сатҳи 70 рубл поин равад. Вале агар ин амалӣ шавад ҳам, на барвақттар аз тирамоҳи соли равон хоҳад буд.

***Таҳияи***
***Абдуғаффор Курбонов,***
***“БТҶ”.***




# GLOBAL MONEY WEEK

*Branding & Style Guidelines*

# Моҳи саводнокии молиявӣ дар Тоҷикистон «Global Money Week-2021» ҷамъбаст гардид

**Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо созмонҳои шарик аз 1 то 30 апрели соли равон дар доираи чорабинии байналмилалии “Global Money Week-2021” моҳи саводнокии молиявиро дар Тоҷикистон баргузор намуд.**

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (IFC), Хазинаи амонатгузории Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ Ширкати Сиёма, маркази таълимии «ilmhona», маркази таълимии «Сириус», «Арт-Дошан Студия», «Абдулло Медиа», Маркази фароғатии кӯдакон «Алладин», «Рахш- таксӣ», Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон», ширкати машваратии «Довар Душанбе» ва инчунин тамоми ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ аз ҷумлаи Шарикони ташаббуси мазкур ба шумор мерафтанд. Ба ҳайси шарикони рақамӣ «Мегафон Тоҷикистон» ва медиа-ҳолдинги «Азия Плюс» дастгирии иттилоотиро таъмин намуданд.

**«Худ ва пулҳоятонро эҳтиёт кунед»**, чунин ном дошт мавзӯи расмии “Global Money Week-2021”, ки дар тамоми ҷаҳон қабул шуда буд. Мавзӯи номбурда дар шароити феълӣ таҳкими суботи молиявӣ ва то чӣ андоза муҳим будани солимиро ҳаматарафа таъкид менамояд. Муҳимтар аз ҳама, мавзӯи мазкур аз ҷониби ҳамаи иштирокчиён дар раванди банақшагирии чорабиниҳо дар моҳи саводнокии молиявӣ истифода шудааст. **Таҳти шиори доимии GMW “Омӯзед! Захира кунед! ва Пул кор кунед!” ташкилотҳои қарзии молиявии Тоҷикистон як қатор корҳои муҳим ва асосиро дар саросари кишвар ба анҷом расониданд.** Аз ҷумла, 91 семинар-тренингҳо барои 5956 нафар толибилмон ва донишҷӯён дар мавзӯи саводнокии молиявӣ гузаронида шуданд. Бояд гуфт, ки ин намуди омӯзишҳо огоҳии ҷавонон ва дигар иштирокчиёни GMW-ро дар самти аҳамияти таълими молиявӣ зиёд менамояд. Махз аз тариқи чунин семинарҳо шарикони ҷавон малакаҳои амалии худро оид ба даст овардан ва нигоҳ доштани даромади шахсӣ ғанӣ мегардонанд. Семинар-тренингҳо дар мавзӯъҳои «Саводнокии молиявӣ», «Банақшагирии буҷет», «Оғози фаъолияти соҳибкорӣ», «Чӣ тавр идора кардани пул » ва ғайра баргузор гардиданд. Қобили қайд аст, ки муассисаҳои таълимӣ дар ташкил ва паҳн намудани иттилоот оид ба семинарҳо дар минтақаҳои кишвар ҳаматарафа мусоидат намуданд.

Гузаронидани викторинаҳои ҷолиб ба яке аз самтҳои асосии моҳи саводи молиявии Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Барои мисол, Бонки Эсхата ва ТАҚХ "Матин" дар саҳифаҳои расмии худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ тесту викторинаҳо ҷойгир намуданд. Дар ин викторинаҳо зиёда аз 100 ҳазор нафар истифодабарандагони интернет ширкат варзида, ғолибони интеллектуалӣ бо пул ва дигар мукофотҳо, аз қабили смартфонҳои замонавӣ сарфароз гардонида шуданд. Бонки Арванд бошад, дар радиои "Азия плюс", ки зиёда аз миллион нафар шунавандагонро фаро мегирад, викторина ташкил намуда, ғолибонро бо тӯҳфаҳо сарфароз гардонид.

**Дар баробари ин, ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» ғайр аз тренингҳои таълимӣ барои мактаббачагон ва донишҷӯён, дар ҳамкорӣ бо American spaces ва TUTcoworking «Мусобиқаи мубоҳисавӣ барои дарёфти Ҷоми ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» дар мавзӯи саводнокии молиявӣ баргузор намуд.** Мусобиқаҳои минтақавии ҷоми номбурда дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб гузаронида шуданд. Ҳавасмандӣ ба андозае буд, ки ҳама иштирокчиёну ғолибон аз тарафи ташкилкунанда бо сертификатҳо ва тӯҳфаҳои сазовор сарфароз гардонида шуданд.

"Оксус Тоҷикистон" дар навбати худ дар саҳифаи расмияш дар Фейсбук ҳамарӯза машваратҳои молиявиро фаъолона таблиғ мекард ва ташкилот дар ин давра тавонист зиёда аз 20 000 истифодабарандаи интернетро фаро гирад.




**ҶСК "Ориёнбонк" дар байни хонандагони синфҳои 8-11 барои навиштани иншои беҳтарин дар мавзӯи «Худ ва маблағҳои худро эҳтиёт намоед» озмун эълон кард. Ғолибоне, ки ҷойҳои 1,2 ва 3-ро сазовор шуданд, соҳиби суратҳисобҳои амонатӣ аз 500 то 1500 сомонӣ гардиданд.**

Кормандони ФҚХ «ИМОН» дар баробари ташкили тренингҳо барои донишҷӯён ва хонандагон, семинар-тренингҳои таълимӣ оид ба банақшагирии буҷети хонавода барои занони хонашини ноҳияи Б. Ғафуров баргузор намуда, оид ба аҳамият, ҳифз ва истифодаи оқилонаи пул ва кушодани тиҷорати худ сӯҳбатҳои ҷолибу судманд оростанд.

Илова бар ин, дар телевизион ва радио барномаҳои шавқовар ташкил карда шуданд, видеофилмҳо оид ба саводнокии молиявӣ тавассути шабакаҳои телевизионии ҷумҳуриявии ТВ «Тоҷикистон» ва ТВ «Ҷаҳоннамо» пахш гардиданд, чорабиниҳои маърифатӣ дар шакли бозии «Кэш-флоу» барои донишҷӯён ва мактаббачагон гузаронида шуданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки имсол шарикони мо - Маркази фароғатии кӯдакон «Алладин», Рахш-Таксӣ, «Довар-Душанбе» ва Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (IFC) дар якҷоягӣ барои 80 нафар кӯдакон-ятимон чорабинии хайрияро дар мавзӯи саводнокии молиявӣ ташкил намуданд. Кӯдакон дар шакли интерактивӣ оид ба банақшагирии молия ва буҷет дониши ибтидоии худро мукаммал карданд. Алалхусус, яке аз шарикони фаъоли моҳи саводнокии молиявӣ дар Тоҷикистон - Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (IFC) дар чорчӯбаи лоиҳаи CAFINC дар ҳамкорӣ бо Радиои «Азия Плюс» дар доираи моҳи саводнокии молиявӣ бомуваффақият маъракаҳои иттилоотиро анҷом доданд.

**Дар тӯли моҳ, ҳамарӯза барномаҳои «Ба таври фаҳмо дар бораи даромад» бо забонҳои давлатӣ ва русӣ пахш мешуданд. Шумораи умумии пахшҳои барнома**

**(бо назардошти барномаҳои такрорӣ) дар ин давра 176 ададро ташкил доданд. Дар давоми як моҳ, дар доираи намоишҳои мустақими пагоҳирӯзӣ бо меҳмонон ва мутахассисони даъватшуда 4 сӯҳбати мавзӯӣ баргузор гардид: «Саводнокии молиявӣ чист ва ҳафтаи умумиҷаҳонии пул бо кадом мақсад гузаронида мешавад?», «Буҷаи оилавӣ» , «Вақт пул аст.», «Ман пардохт кардам - ман ҳуқуқ дорам».**

Паёмҳое, ки ба Viber Asia Plus фиристода шуданд, таваҷҷӯҳи одамонро ба ин мавзӯъҳо нишон доданд. Ҷалби фаъолонаи шунавандагон дар чунин мавзӯъҳо, аз қабили салоҳияти ҳуқуқӣ ва дониши ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки фарогирии мавзӯъро васеътар ва амиқтар кардан зарур аст. Ин аст, ки идораи радио аллакай дар бораи ҳамкориҳои минбаъда бо Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон дар шакли таҳияи барномаҳои таълимӣ ба мувофиқа расид. Мавзӯи буҷети оилавӣ низ таваҷҷӯҳи зиёдро ҷалб намуд, зеро пас аз пахши барномаҳо паёмҳои зиёд ба Вайбери радио бо ҳикояҳои шунавандагон дар бораи нуқтаи назари онҳо дар ин масъала ворид шуданд. Шумораи шунавандагон дар ин моҳ қариб 380 ҳазорро ташкил намуданд.

Сабтҳои ҳамаи 4 барнома коркард, таҳрир ва ба подкастҳои аудиоӣ табдил дода шуда, дар каналҳои Telegram-и радиои «Азия-Плюс» ва гурӯҳи



медиавӣ ҷойгир карда шуданд ва ин имкон дод, ки дастрасии шунавандагон васеъ карда шавад. Дилхоҳ шахс метавонад бо мазмун ва мундариҷаи онҳо дар вақти барояш муносиб шинос шавад.

Инчунин, дар шабакаи Телеграми Азия плюс назарсанҷиҳо гузаронида шуданд ва ин имкон дод афкори мардум нисбати мавзӯъҳои матраҳшуда, муайян карда шаванд. Шумораи умумии иштирокдорони назарсанҷиҳо 5,4 ҳазор нафарро ташкил дод.

Дар доираи GMW 2021 барои соҳибкорони навкор, резидентҳои Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон», аз ҷониби роҳбари Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ як ҷаласа баргузор гардид . Дар он ба соҳибкорони ҷавон маълумотҳои ҷолиб дар бораи сармоягузорӣ ва маблағгузории стартапҳо манзур карда шуд, аз қабили: “Дар бораи марҳилаҳои маблағгузории стартапҳо”; “Кай шумо метавонед маблағгузориро ба стартап ҷалб намоед”; “Кадом лоиҳаҳои стартап барои сармоягузорон бештар ҷолибанд!; Барои ба роҳ мондани муносибатҳо бо сармоягузорон чӣ лозим аст!”. Шумораи иштирокчиёни ин StartUpTalks беш аз 50 нафарро ташкил дод.

**Ва, албатта, дар ин моҳ экскурсияҳо ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва Осорхонаи пулҳои Бонки миллии Тоҷикистон ба роҳ монда шуданд. Боздид аз Осорхонаи пулӣ, ин сайри ҷолиб ба ҷаҳони таърихи пул имкони хубест барои ҷавонон барои зам кардани дониши худ дар бораи таърихи ташаккули пул. Донишҷӯён ва мактаббачагон дар ҷараёни экскурсияҳо на танҳо дар бораи асъори мухталиф маълумот гирифтанд, балки зарурати пасандозро барои оянда низ дарк карданд.**

Ҳамин тариқ, Бонки миллии Тоҷикистон ва шарикон дар моҳи саводнокии молиявӣ бо кӯшишҳои муштарак тамоми минтақаҳои ҷумҳуриро, аз ҷумла баъзе шаҳру деҳоти дурдастро фаро гирифтанд. Ҳама шарикони GMW 2021 бо

сипоснома ва миннатдории Бонки миллии Тоҷикистон мукофотонида мешаванд.

**Бонки миллии Тоҷикистон имсол низ дар якҷоягӣ бо шарикон Озмуни ҷумҳуриявии эҷодӣ оид ба саводнокии молиявиро баргузор намуд.**

Озмун дар ду марҳила гузаронида шуд: дар марҳилаи аввал, ҳамаи мактаббачагон ва донишҷӯёни ҳавасманд бояд корҳои худро омода карда, то 30 апрел ба суроғаи почтаи кумитаи тадорукот fingramtj@gmail.com ё рақами +992000002020 тавассути ҳама паёмрасонҳо (Whatsapp, Telegram, Viber) ирсол менамуданд. Низомномаи озмун дар http://nbt.tj/tj/Protection/konkursy.php дастрас буд. Аз 5 то 15 май, марҳилаи дуюми озмун дар шакли овоздиҳии онлайн дар саҳифаи «Бонки миллии Тоҷикистон. Саводнокии молиявӣ» дар шабакаи иҷтимоии https://www.facebook.com/fingramtj/ баргузор гардид. Зиёда аз 10 000 истифодабарандагони Facebook аз Тоҷикистон ва на танҳо, дар тӯли 10 рӯз ба тарафдории номзадҳои худ фаъолона овоз доданд, шарҳ доданд ва лайкҳои заруриро барои дастгирии иштирокчиён гузоштанд.

Садҳо корҳо аз тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ ворид шуданд, аммо ,мутаассифона, на ҳамаи онҳо ба талабот, қоидаҳо ва мавзӯъҳои озмун ҷавобгӯ буданд. Баъдан, кумитаи тадорукоти озмун корҳои беҳтарини иштирокчиёнро дар мавзӯи «Саводнокии молиявӣ» ба овоздиҳӣ гузошт. Ҷавонон аз тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон дар корҳои худ дар бораи пул, пасандоз, буҷаи оила, ҳадафҳои молиявӣ ва банақшагирӣ шарҳ доданд. Корҳо бо тарзи аслӣ ва эҷодӣ дар форматҳои гуногун - расмҳо, презентатсияҳои видео, аниматсия, флешмобҳо ва челленҷҳо, видеоҳои таълимӣ бо сюжети ҳамаҷониба иҷро карда шуданд. Эҷодиёти иштирокчиёнро дар саҳифаи «Бонки миллии Тоҷикистон. Саводнокии молиявӣ» https://www.facebook.com/fingramtj/ дар қисмати акс ва видео тамошо кардан мумкин аст.

Ҳама корҳо сазовори ҷоизаҳо буданд, аммо тибқи қоидаҳои муқарраршуда, бо роҳи ҷамъбасти овозҳо ва тарҳ кардани лайкҳои фейк, кумитаи тадорукот ғолибони зеринро муайян ва эълон кард:

**Номинатсияи «Беҳтарин тасвир» оид ба саводи молиявӣ:**

- Ҷойи 1 - Оиша Парвизӣ, 7 сола. Мактаби боғи №111, Душанбе;
- Ҷойи 2 - Нозияи Рустам, 7 сола. Мактаби боғи №82, Душанбе;
- Ҷойи 3 - Марям Воҳидова, 6 сола.

**Номинатсияи «Беҳтарин видео» оид ба саводнокии молиявӣ:**

- Ҷойи 1- Жасмин Зарипова, соли 2-юми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон; Душанбе
- Ҷои 2 - Соро Ҳоҷибоева, соли 2, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон; Душанбе
- Ҷойи 3 - Чилахон Ғолиб, курси дуюм, филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносови Донишгоҳи давлатии Москва дар шаҳри Душанбе

**Номинатсияи «Беҳтарин флешмоб» оид ба саводнокии молиявӣ:**

- Ҷойи 1 - Абдураҳмон Собиров, синфи 10, литсейи No1, ш. Хуҷанд
- Ҷойи 2 - Фаридун Файзиев, синфи 10, Литсейи физика ва математикаи №1 ба номи М. Осимӣ дар шаҳри и Хуҷанд
- Ҷойи 3 - Нигина Зоидбоева, синфи 10, мактаби №14 , ш. Хуҷанд

Ҳама ғолибон бо сертификатҳо ва туҳфаҳои хотиравии ташкилкунандагон ва сарпарастони озмуни ҷумҳуриявӣ сарфароз гардонида мешаванд.

Дар доираи озмуни ҷумҳуриявӣ зиёда аз 1 000 000 нафар ба шабакаҳои иҷтимоӣ фаро гирифта шуданд.

Ҳама маъракаҳо ва чорабиниҳои ҷолибе, ки дар доираи GMW 2021 дар Тоҷикистон гузаронида шудаанд ва инчунин чорабиниҳои оянда дар саҳифаҳои иҷтимоии Бонки миллии Тоҷикистон дастрасанд.

***www.fb.com/fingramtj,***
***www.ok.ru/fingramtj,***
***www.instagram.com/fingramtj,***
***www.t.me/fingramtj***



# Пулҳои коғазӣ ва роҳҳои муосири муҳофизати онҳо

**Рушди босуръати дастгоҳҳои чопи ранга дар дунёи имрӯз бонкҳои марказии кишварҳои оламро водор мекунад, ки ҳарчӣ бештар роҳҳои ҳимояи пулҳои коғазии худро аз тақаллубкорӣ ҷустуҷӯ ва пайдо намоянд. Ин дастгоҳҳо баробари пешрафти замон тағйир ёфта, дорои имконоти бештари чопу нусхабардорӣ мешаванд ва ин ҳолат барои сохтани пулҳои қалбакӣ замина фароҳам месозад. Дар робита ба ин, саноати бароришi пулҳои коғазӣ низ суръати рушди мошинҳои нашриётиро ба назар гирифта, талош мекунад, ки технологияи бароришi пулҳои коғазиро аз пештара дида, беҳтар кунад.**

## ЧАРО ҲИМОЯИ ПУЛҲОИ КОҒАЗӢ ЗАРУР АСТ?

Бештари давлатҳои дунё барои ҳимояи пулҳои коғазӣ аз усулҳои ҷадиде истифода мекунанд, ки сохтани нусхаҳои қалбакии пулҳояшонро барои тақаллубкорон душвору номумкин кунанд. Онҳо дар баробари тамоюли афзоиши имконоти дастгоҳҳои чопӣ роҳу усулҳоеро меҷӯянд ва унсурҳои нави ҳимоявиро дар рӯи пулҳои нави коғазии худ ҷой медиҳанд, то ки ҳифозати онҳо бештару беҳтар таъмин гардад.

> Метавон гуфт, ки дар айни замон яке аз усулҳои пешрафтаи ҳимояи пулҳои коғазӣ усули химиявию физикии ҳимояи пулҳои коғазӣ мебошад, ки аксари бонкҳои марказии кишварҳои олам аз он ба таври васеъ истифода мебаранд.

Таърихи бонкҳои марказии кишварҳои рушдёфтаи дунё нишон медиҳад, ки давлатҳое, чун Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва ё кишварҳои узви Иттиҳодияи Аврупо ҳамеша пулҳои худро бо баробари пешрафти саноати полиграфӣ тағйир дода, онҳоро бо унсурҳои нави ҳимоявӣ аз тақаллубкорӣ ҳифз кардаанд. Ба ин далел, доллари амрикоӣ дар тамоми давраи мавҷуди-

яташ борҳо тағйир ёфтааст ва ҳоло ҳам ин кишвар кӯшиш мекунад, ки онро аз собиқа дида, боз ҳам бештар бо истифодаи унсурҳои ҳимоявии ҷадид ҳифз намояд. Масалан, дар солҳои охир саддоллараҳои нави амрикоӣ интишор ёфтанд, ки аз саддолларҳои барориши солҳои пеш тафовути зиёд доранд. Ҳатто ранги сабзи анъанавии доллар ба ранги дигар табдил дода шудааст.

> Тоҷикистон аз аввалин кишварҳои минтақа ба шумор меравад, ки аз ин унсури ҳимоявӣ дар пули худ истифода бурдааст. Яъне то он замоне, ки Тоҷикистон ин унсури ҳимоявиро дар пули миллӣ истифода набурда буд, ҳеҷ як кишвари минтақа пулҳои худро бо чунин унсури ҳимоявӣ интишор накардааст. Дар минтақа ин таҷрибаи Тоҷикистон бемисл аст.

Бо назардошти рушди саноати нашриётӣ Бонки милии Тоҷикистон низ пайваста барои таъмини ҳифозати пули миллӣ аз тақаллубкорӣ иқдомҳоеро анҷом медиҳад. Аз ин рӯ, фаъол будан дар қиболи дастовардҳои технологияи муосири полиграфӣ аз навъҳои мубориза барои тақвият ва ҳифзи пули миллӣ мебошад. Бо унсурҳои муосиру ҷадиди ҳимоявӣ ба муомилот баровардани пули миллӣ дараҷаи ҳифозати онҳоро беҳтар мекунад.

Аслан, дар айни замон се намуди усулҳои ҳимояти пулҳои коғазӣ мавриди истифода қарор дорад, ки инҳоро усулҳои химиявию физикии ҳимояи пулҳои коғазӣ, усулҳои полиграфии ҳифзи пулҳои коғазӣ ва усулҳои технологии эмин нигоҳ доштани пул ташкил медиҳанд.

## ХИМИЯ ВА ФИЗИКА ДАР “ХИЗМАТИ” ПУЛҲО



Метавон гуфт, ки дар айни замон яке аз усулҳои пешрафтаи ҳимояи пулҳои коғазӣ усули химиявию физикии ҳимояи пулҳои коғазӣ мебошад, ки аксари бонкҳои марказии кишварҳои олам аз он ба таври васеъ истифода мебаранд.

Дар ин усул, ҳимояи пулҳои коғазӣ ба вокуниши унсурҳои алоҳидаи пулҳои коғазӣ ҳангоми дар муқобили рӯшноӣ нигоҳ доштани онҳо ва тағйири ҳолати онҳо ҳангоми дар баробари воситаҳои магнитӣ нигоҳ доштани онҳо нақши асосӣ дорад.

Асос дар ин усул, хусусияти ранги истифодашаванда дар интишори пулҳои коғазии муосир мебошад. Ҳифозат бо ранги фурӯсурх аз ҳама роҳи боэътимодтар маҳсуб мешавад, зеро дар ин усул ранги дорои метамерия ё хусусияти дар зери манбаи нур дуранг ё бо рангҳои гуногун намудани як ранг истифода мешавад. Ин усул дар пули 20-евроии Иттиҳоди Аврупо истифода шудааст.

Дар сурати истифодаи ин усул, пулҳои ҳақиқӣ ва қалбакӣ дар шароити муқаррарии равшанӣ ба назар якхела менамоянд, аммо дар ҳолати тағйир додани манбаи нур фарқияти ҷиддии онҳо ба чашм мерасад.

Ҳифозати фаробунафшӣ низ ба ин гурӯҳи ҳимояи пулҳо дохил мешавад. Он бо ворид намудани унсурҳое дар пули коғазӣ таъмин карда мешавад, ки рангҳояш дорои хусусиятҳои тобнокӣ (люминессенӣ) мебошанд. Зимни ворид кардани пул ба манбаи фаробунафш, чунин унсурҳо ба таври дурахшону равшан ранг мегиранд. Масалан, шумо ин хосиятро бо наздик кардани риштаи ранга ба ин унсури пулҳои коғазӣ мушоҳида карда метавонед. Пигменти ферромагнитии ранг муҳо-

физати магнитиро эҷод мекунад. Ин унсури ҳимоявӣ дар пули 5-еврой истифода шудааст.

## АСРОРИ ПОЛИГРАФӢ БАРОИ ЧОПИ ПУЛҲО



Бо вуҷуди он ки саноати полиграфиро мутахассисони соҳа “душмани пулҳои коғазӣ” номидаанд, вале барои ҳифзи пулҳои коғазӣ аз нозукиҳои санъати полиграфӣ зиёд истифода бурда мешавад. Ин усулҳои муҳофизатӣ ба истифодаи роҳҳои пинҳонии чоп ё худ омезиши усулҳои гуногуни чоп асос ёфтаанд. Омезиши унсурҳои графикӣ дар тарафҳои мухталифи пули коғазӣ дар як тасвири ягона мисоли маъмули ин усул аст. Агар шумо ба пул дар равшанӣ боддиқат нигоҳ кунед, онҳоро дида метавонед ва ё бо истифода аз айнакҳо навиштаҷоти пинҳонии рӯйи пулҳоро мушоҳида мекунед.

Барои мисол, рақамҳои силсилавӣ дар рӯи пул бо усули баланд чоп карда мешаванд, вале барои нақшу нигори хурд чопи ҳамвор истифода мегардад. Ҳоло ҳолатҳои амиқтар чоп кардани унсурҳои ҳимоявӣ низ мушоҳида мешавад. Инҳо аксаран хатҳои мувозӣ мебошанд ва агар шумо ба онҳо на бо кунҷи рост, балки ба кунҷи тез нигоҳ кунед, дар рӯйи пулҳо расмеро пайдо мекунед. Масалан, рамзи рублро дар пулҳои 200 ва 2000 рублии Бонки марказии Русия, ки бо ин усул ҷой дода шудааст, мушоҳида кардан мумкин аст.

> Бартарии ин усули ҳифозатӣ дар он аст, ки аз як тараф ин унсур бо чашм дида мешавад ва дарки он барои шаҳрвандон осон аст ва аз тарафи дигар сохтани нусхаи он барои тақаллубкорон ғайриимкон арзёбӣ мешавад.

Яке аз усулҳои маъмултарин матни ниҳоят хурд ба шумор меравад, ки бо ҳарфи аз чоряк миллиметр ҳам хурд навиштани калимаҳо ва рақамҳо мебошад. Бо сифат ҷой додани ин ҳарфҳо дар аксари таҷҳизоти муосири маъмулии чоп душвор аст. Бинобар ин, пулҳои коғазии шубҳанокро бо айнак калон карда, пули ҳақиқӣ будани онҳоро дидан мумкин аст. Дар Русия бартарӣ ва барои дастгоҳи чопии маъмулӣ осон набудани ин унсурро ба назар гирифта, онро барои ҳимояи маркаҳои почта истифода бурдаанд.

Ба ҳамин монанд, дар пулҳои муосири давлатҳо, чопиирисӣ, ки гузариши ҳамвор ва қариб номатлуби як рангро ба ранги дигар пешбинӣ мекунад, зиёд истифода мешавад. Ҳангоми нусхабардорӣ ин рангҳо омехта мешаванд ва марзҳои гузариши рангҳо ба чашм намоён мегарданд.

## ТЕХНОЛОГИЯ ҲАМ ПУЛҲОРО ҲИМОЯ МЕКУНАД



Қайд кардан бамаврид аст, ки усулҳои технологии ҳифзи пул низ дар замони муосир зиёд истифода мешаванд. Асосан, ин усулҳо ба хусусиятҳои коғазе вобастаанд, ки дар онҳо нишонаҳои ҳисоббарорӣ чоп карда мешаванд. Хазинадори ботаҷриба сохтакориро фавран бо ба даст гирифтани пул ҳис мекунад, зеро ба сахтии муайяни пул ва хусусияти садои шарақкосии он ҳангоми қат кардан ё шумуридан одат кардааст.

Ҳамчунин, наххои ранга, ки ба таври тасодуфӣ дар рӯйи пулҳои коғазӣ паҳн карда шудаанд, пулҳоро аз

қалбакисозӣ ҳимоя мекунад. Онҳо ба дарки унсурҳои графикии тасвир халал намерасонанд, аммо набудани онҳо зуд аз қалбакӣ будани пул дарак медиҳад.

Инчунин аз қадим нишонаҳои обӣ барои беҳтар кардани дараҷаи ҳифозати пулҳо истифода мешуданд. Онҳо вақти пулҳоро дар равшанӣ нигоҳ дошта, назар кардан, мушоҳида мешаванд. Ин аломатҳо метавонанд умумӣ бошанд, ба монанди хатҳои ситораҳо, ки дар пулҳои хурди бароиши охири ИҶШС вуҷуд доштанд.

Аммо дар айни замон аксар пулҳои коғазии муосир риштаи ҳимоявӣ доранд. Хати металлишудаи пешина ҳоло ҷой худро ба масолеҳи полимерии шаффоф додааст, ки дар он матни хурд гузошта шудааст. Барои дараҷаи баланди муҳофизатӣ, ришта аксар вақт ноаён мебошад ва танҳо як қисми он дар рӯи пул дида мешавад. Он инчунин дар рӯшноии фаробунафш хусусияти равшан шуданро дорад. Масалан, ин усул дар кронҳои чехӣ истифода шудааст ва риштаи ҳимоявии он рангашро тағйир медиҳад.

Ҳоло барои ҳифзи пулҳо ҳатто онҳоро сӯрох мекунанд, ки ин усулро микроперфоратсия меноманд ва он низ ба усулҳои технологии ҳимояи пулҳо мутааллиқ мебошад. Бо ин мақсад дар коғаз сӯрохиҳои миниатюрии зиёд ҷой дода мешаванд, ки дар якҷоягӣ таркиби графикиеро дар рӯшноӣ ташкил медиҳанд. Метавон гуфт, ки ба таври дастӣ ё ғайрисаноатӣ тарҳрезии чунин сӯрохҳо қариб ки номумкин аст. Ин усул дар франки Швейтсария истифода шудааст.

## ҲИФОЗАТИ ПУЛИ МИЛЛӢ БО УСУЛҲОИ НАВТАРИН



Дар кишвари мо низ Бонки миллии Тоҷикистон талош мекунад, ҳифозати пули миллиро аз тақаллубкорӣ таъмин кунад. Дар ин замина Бонки миллии Тоҷикистон пулҳои миллиро бо истифода аз унсурҳои муосири ҳимоявӣ интишор мекунад. Зеро дар баробари пешрафти илму техника ва бахусус технологияи саноати полиграфӣ бо унсурҳои нави ҳимоявӣ ба муомилот баровардани пули миллӣ ҳифзи онро беҳтар менамояд.

Дар гузашта таҳлили мавридҳои дарёфти пулҳои қалбакӣ нишон доданд, ки тақаллубкорон танҳо пулҳои арзишҳои 5 ва 10 сомониро, ки пештар бе унсури ҳимоявии кинеграмма интишор ёфта буданд, нусхабардорӣ мекарданд. Тақаллубкорон натавонистаанд, нусхаи қалбакии пулҳои арзишҳои аз 20 то 500 сомониро, ки унсури ҳимоявии кинеграмма ва голограмма доранд, созанд. Зеро ин унсурҳои ҳимоявиро нусхабардорӣ намудан бо дастгоҳҳои нусхабардорӣ имконнопазир аст.

Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2012 бо мақсади ҳимояи бештари асъори миллӣ пулҳои коғазии арзишҳои 5 ва 10 сомонии навро, ки унсури ҳимоявии кинеграмма доранд, чоп намуда, ба муомилот баровард, ки ин амал аз пайдо шудани пулҳои қалбакӣ пешгирӣ намуд. Бо интишор ёфтани пулҳои коғазии арзишҳои 5 ва 10 сомонии нав бо унсури ҳимоявии кинеграмма имкони қалбакисозии онҳо аз байн рафт. Ба муомилот баровардани ин пулҳо инчунин мушкилоти кормандони соҳаи хазинадориро осон кард.

Бонки миллии Тоҷикистон аз соли 2013 сар карда, пулҳои коғазии арзиши 20, 50 ва 100 сомониро низ бо унсури нави ҳимоявии лазерӣ ба муомилот баровард, ки ҳифозати пулҳои коғазӣ аз мавридҳои тақалубкориро таъмин намуд. Мақсад аз интишори онҳо таҳким бахшидани унсурҳои ҳимоявии пулҳои коғазӣ арзёбӣ шуд.

Унсури ҳимоявии лазерии сомониҳои нав аз муосиртарин ва навтарин воситаҳои ҳифозати пулҳои коғазӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад. Дар солҳои 2017, 2018 ва 2019 ин усули ҳимоявӣ такмил ёфт. Пулҳои 200 сомонӣ ва 500 сомонӣ низ бо ин усул интишор ёфтанд. Агар дар соли 2013 дар пулҳои коғазии нав танҳо се адади охири рақами силсилавии пул дар рӯи навори кинеграмма бо тарзи лазерӣ чоп шуда буданд, ҳоло дар солҳои охир портрети шахсиятҳои таърихӣ ва нишони давлати Тоҷикистон низ ба чашм мерасанд ва ҳангоми ламс кардани ададҳои мазкур барҷастагӣ эҳсос карда мешавад.

Бартарии ин усули ҳифозатӣ дар он аст, ки аз як тараф ин унсур бо чашм дида мешавад ва дарки он барои шаҳрвандон осон аст ва аз тарафи дигар сохтани нусхаи он барои тақаллубкорон ғайриимкон арзёбӣ мешавад.

Тоҷикистон аз аввалин кишварҳои минтақа ба шумор меравад, ки аз ин унсури ҳимоявӣ дар пули худ истифода бурдааст. Яъне то он замоне, ки Тоҷикистон ин унсури ҳимоявиро дар пули миллӣ истифода набурда буд, ҳеҷ як кишвари минтақа пулҳои худро бо чунин унсури ҳимоявӣ интишор накардааст. Дар минтақа ин таҷрибаи Тоҷикистон бемисл аст.

## САМАРАНОКИИ УСУЛҲОИ НАВИ ҲИФОЗАТӢ




Зарурати ҳарчӣ бештар ҳифз намудани пулҳои миллӣ дар ҷилавгирӣ аз тақалубкорӣ ва пайдо шудани нусхаҳои қалбакии онҳо зоҳир мешавад. Ба муомилот ворид шудани пулҳои қалбакӣ пайомадҳои нохуби иқтисодӣ дорад. Аз он ҷумла, ин метавонад, ба беқурбшавии пули миллӣ, афзоиши нархҳои молу коло ва ниҳоят ба коҳиши суръати рушди иқтисоди кишвар боис гардад. Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон саъй менамояд, ки пули миллиро аз ҳама гуна кӯшишҳои тақаллубкорона ҳимоя кунад. Ҳоло арзишҳои гуногуни сомонӣ бо тамоми унсурҳои ҳимоявии муосири пулҳои коғазӣ ба монанди ҳимояи лазерӣ, ранги тағйирёбанда, равзанаи ҳимоявӣ ва тасмачаи голографӣ ба муомилот бароварда шудаанд.

Дар Тоҷикистон ҳодисаҳои тақаллубкории пули миллӣ хеле кам ба қайд гирифта шудаанд ва пулҳои қалбакӣ дар ҳаҷми хеле кам дар муомилот ба мушоҳида расидаанд.

Дар робита ба ин мавзӯъ қайд кардан зарур аст, ки Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон мавридҳои зиёди тақаллубкории пули миллиро сабт накардааст. Қонунгузории Тоҷикистон низ барои сохтани пулҳои қалбакӣ ҷазоҳои сангинро пешбинӣ мекунад, ки барои пешгирии тақаллубкории пулҳои миллӣ мусоидат мекунад. Бар асоси моддаи 281-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр кардан ва ё ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ва ё коғазҳои қимматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтани асъори хориҷӣ ва коғазҳои киматноки хориҷӣ маҳрум намудан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол ҷазо пешбинӣ шудааст. Агар ин кирдор такроран сурат гирад, тибқи ин модда маҳрум намудан аз озодӣ ба муддати аз ҳашт то дувоздаҳ сол пешбинӣ шудааст.

Ба қайд гирифта шудани мавридҳои ками тақалубкорӣ аз ҷониби мақомоти интизомии кишвар самараи бо усулҳои нави ҳифозатӣ ҳимоя шудани сомониҳои нав ва саривақтӣ будани тадбирҳои пешгирифтаи Бонки миллии Тоҷикистон барои ҳифзи пули миллиро нишон медиҳад.

***Таҳияи Аслам Мӯминов.***

| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | ◙ ДОРОИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 3/2021 | 3/2020 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСП ТС “СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ” | 196 393,1 | 187 135,6 | 9 257,5 | 4,9% |
| ҶСДММ “СПИТАМЕН СУҒУРТА” | 101 472,5 | 96 589,7 | 4 882,8 | 5,1% |
| КВД “ТОҶИКСУҒУРТА” | 50 805,3 | 51 876,6 | -1 071,3 | -2,1% |
| КВДС "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 32 208,8 | 33 653,5 | -1 444,7 | -4,3% |
| ҶДММ ТС “БИМА” | 30 841,4 | 83 322,4 | -52 481,0 | -63,0% |
| ҶДММ ТС “МУИН” | 16 493,1 | 15 773,4 | 719,7 | 4,6% |
| ҶСП ТС "ПАЙМОН ИНШУРЕНС" | 12 000,0 | 0,0 | 12 000,0 | 100,0% |
| ҶДММ “ДС СУҒУРТА” | 9 952,8 | 0,0 | 9 952,8 | 100,0% |
| ҶДММ “СУҒУРТАИ АСРИ 21” | 9 039,0 | 3 807,8 | 5 231,2 | 2,4 мар. |
| ҶДММ “ЭСХАТА СУҒУРТА” | 4 452,1 | 2 559,4 | 1 892,7 | 74,0% |
| ҶДММ ТС “МЕҲНАТ” | 3 322,1 | 2 277,3 | 1 044,8 | 45,9% |
| ҶДММ ТС “ИТМИНОН” | 2 792,7 | 1 962,3 | 830,4 | 42,3% |
| ҶДММ “СУҒУРТАИ ШАРҚ” | 2 419,3 | 1 059,3 | 1 360,0 | 2,3 мар. |
| ҶДММ ТС “БОВАРӢ” | 2 163,9 | 1 359,6 | 804,3 | 59,2% |
| ҶДММ ТС “СИПАҲР” | 2 043,5 | 260,7 | 1 782,8 | 7,8 мар. |
| ҶСП ТС “КАФИЛ” | 1 995,0 | 1 599,0 | 396,0 | 24,8% |
| ҶДММ “МДСМ” | 1 332,8 | 1 202,2 | 130,6 | 10,9% |
| ҶДММ ТС “Меҳрубон” | 847,8 | 1 824,9 | -977,1 | -53,5% |
| ҶДММ “Суғуртаи Тоҷик ва Чин” | 775,5 | 542,9 | 232,6 | 42,8% |
| ҶДММ ТС “Такаффул” | 498,4 | 490,9 | 7,5 | 1,5% |
| **Ҳамагӣ** | **481 849,1** | **487 297,5** | **-5 448,4** | **-1,1%** |

| **ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021** (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | **◘ УҲДАДОРИҲО** | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **3/2021** | **3/2020** | **Тағйирот (сомонӣ)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ЧСП ТС "СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ" | 102 847,7 | 104 430,5 | -1 582,8 | -1,5% |
| КВД "ТОҶИКСУҒУРТА" | 44 611,6 | 45 987,2 | -1 375,6 | -3,0% |
| ЧДММ ТС "БИМА" | 28 451,4 | 82 494,8 | -54 043,4 | -65,5% |
| КВДС "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 12 141,5 | 12 610,4 | -468,9 | -3,7% |
| ЧДММ ТС "МУИН" | 5 504,7 | 10 347,7 | -4 843,0 | -46,8% |
| ЧСДММ "СПИТАМЕН СУҒУРТА" | 5 192,6 | 3 297,5 | 1 895,1 | 57,5% |
| ЧДММ "ЭСХАТА СУҒУРТА" | 2 304,0 | 1 489,7 | 814,3 | 54,7% |
| ЧДММ "МДСМ" | 1 289,7 | 1 155,3 | 134,4 | 11,6% |
| ЧДММ ТС "МЕҲНАТ" | 524,7 | 1 314,5 | -789,8 | -60,1% |
| ЧДММ ТС "ИТМИНОН" | 418,6 | 504,7 | -86,1 | -17,1% |
| ЧДММ "СУҒУРТАИ ТОҶИК ВА ЧИН" | 275,5 | 248,6 | 26,9 | 10,8% |
| ЧСП ТС "КАФИЛ" | 183,0 | 556,0 | -373,0 | -67,1% |
| ЧДММ "СУҒУРТАИ ШАРҚ" | 163,1 | 366,1 | -203,0 | -55,4% |
| ЧДММ ТС "БОВАРӢ" | 159,0 | 854,7 | -695,7 | -81,4% |
| ЧДММ "СУҒУРТАИ АСРИ 21" | 90,0 | 0,0 | 90,0 | 100,0% |
| ЧДММ "ДС СУҒУРТА" | 34,1 | 0,0 | 34,1 | 100,0% |
| ЧДММ ТС "Сипаҳр" | 24,0 | 71,5 | -47,5 | -66,4% |
| ЧДММ ТС "Такаффул" | 12,0 | 11,9 | 0,1 | 0,8% |
| ЧДММ ТС "Меҳрубон" | 0,0 | 1 068,7 | -1 068,7 | -100,0% |
| ЧСП ТС "Паймон Иншуренс" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| **Ҳамагӣ** | **204 227,2** | **266 809,8** | **-62 582,6** | **-23,5%** |

| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | САРМОЯ | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **3/2021** | **3/2020** | **Тағйирот (сомонӣ)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ЧСДММ "СПИТАМЕН СУҒУРТА" | 96 279,9 | 93 292,2 | 2 987,7 | 3,2% |
| ЧСП ТС "СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ" | 93 545,4 | 82 705,1 | 10 840,3 | 13,1% |
| КВДС "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 20 067,3 | 21 043,1 | -975,8 | -4,6% |
| ЧСП ТС "ПАЙМОН ИНШУРЕНС" | 12 000,0 | 0,0 | 12 000,0 | 100,0% |
| ЧДММ ТС "МУИН" | 10 988,4 | 5 425,7 | 5 562,7 | 102,5% |
| ЧДММ "ДС СУҒУРТА" | 9 918,7 | 0,0 | 9 918,7 | 100,0% |
| ЧДММ "СУҒУРТАИ АСРИ 21" | 8 949,0 | 4 289,6 | 4 659,4 | 108,6% |
| КВД "ТОҶИКСУҒУРТА" | 6 193,7 | 5 889,4 | 304,3 | 5,2% |
| ЧДММ ТС "МЕҲНАТ" | 2 797,4 | 962,8 | 1 834,6 | 2,9 мар. |
| ЧДММ ТС "БИМА" | 2 390,0 | 827,6 | 1 562,4 | 2,9 мар. |
| ЧДММ ТС "ИТМИНОН" | 2 374,1 | 1 457,6 | 916,5 | 62,9% |
| ЧДММ "СУҒУРТАИ ШАРҚ" | 2 256,2 | 693,2 | 1 563,0 | 3,3 мар. |
| ЧДММ "ЭСХАТА СУҒУРТА" | 2 148,1 | 1 069,7 | 1 078,4 | 100,8% |
| ЧДММ ТС "СИПАҲР" | 2 019,5 | 189,2 | 1 830,3 | 10,7 мар. |
| ЧДММ ТС "БОВАРӢ" | 2 004,9 | 504,9 | 1 500,0 | 4,0 мар. |
| ЧСП ТС "КАФИЛ" | 1 812,0 | 1 043,0 | 769,0 | 73,7% |
| ЧДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 500,0 | 294,3 | 205,7 | 69,9% |
| ЧДММ ТС "Меҳрубон" | 847,8 | 756,2 | 91,6 | 12,1% |
| ЧДММ ТС "Такаффул" | 486,0 | 479,0 | 7,0 | 1,5% |
| ЧДММ "МДСМ" | 43,1 | 46,9 | -3,8 | -8,1% |
| **Ҳамагӣ** | **277 621,5** | **220 969,5** | **56 652,0** | **25,6%** |

| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | ◙ ВОРИДОТИ МУКОФОТ | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **3/2021** | **3/2020** | **Тағйирот (сомонӣ)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ҶСП ТС „СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ" | 29 416,4 | 25 126,4 | 4 290,0 | 17,1% |
| ҶДММ ТС "БИМА" | 19 714,0 | 50 583,5 | -30 869,5 | -61,0% |
| КВД "ТОҶИКСУҒУРТА" | 7 194,2 | 8 022,3 | -828,1 | -10,3% |
| КВДС "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 1 167,4 | 1 732,1 | -564,7 | -32,6% |
| ҶДММ ТС "МУИН" | 1 027,0 | 826,4 | 200,6 | 24,3% |
| ҶДММ ТС "МЕҲНАТ" | 625,9 | 2 152,4 | -1 526,5 | -70,9% |
| ҶДММ "МДСМ" | 543,9 | 112,5 | 431,4 | 4,8 мар. |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ТОҶИК ВА ЧИН" | 512,5 | 201,5 | 311,0 | 2,5 мар. |
| ҶСДММ "СПИТАМЕН СУҒУРТА" | 427,4 | 323,3 | 104,1 | 32,2% |
| ҶДММ ТС "ИТМИНОН" | 422,3 | 522,7 | -100,4 | -19,2% |
| ҶСП ТС "КАФИЛ" | 247,0 | 139,0 | 108,0 | 77,7% |
| ҶДММ "ЭСХАТА СУҒУРТА" | 181,8 | 192,5 | -10,7 | -5,6% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ АСРИ 21" | 106,5 | 6,5 | 100,0 | 16,4 мар. |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ШАРҚ" | 99,4 | 21,0 | 78,4 | 4,7 мар. |
| ҶДММ ТС "СИПАҲР" | 25,5 | 2,2 | 23,3 | 11,6 мар. |
| ҶДММ ТС "БОВАРӢ" | 24,5 | 0,0 | 24,5 | 100,0% |
| ҶДММ ТС "Меҳрубон" | 0,0 | 2 549,5 | -2 549,5 | -100,0% |
| ҶДММ ТС "Такаффул" | 0,0 | 7,8 | -7,8 | -100,0% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| **Ҳамагӣ** | **61 735,7** | **92 521,6** | **-30 785,9** | **-33,3%** |

| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | ◙ ПАРДОХТ | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 3/2021 | 3/2020 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| КВД "ТОҶИКСУҒУРТА" | 1 286,0 | 1 280,0 | 6,0 | 0,5% |
| ҶДММ ТС "БИМА" | 891,7 | 1 422,3 | -530,6 | -37,3% |
| ҶСП ТС "СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ" | 539,7 | 407,5 | 132,2 | 32,4% |
| КВДС "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 106,2 | 128,7 | -22,5 | -17,5% |
| ҶДММ ТС "МУИН" | 101,7 | 82,5 | 19,2 | 23,3% |
| ҶДММ ТС "МЕҲНАТ" | 34,8 | 25,2 | 9,6 | 38,1% |
| ҶСДММ "СПИТАМЕН СУҒУРТА" | 20,7 | 47,3 | -26,6 | -56,2% |
| ҶДММ ТС "ИТМИНОН" | 7,8 | 4,2 | 3,6 | 85,7% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ШАРҚ" | 5,1 | 0,0 | 5,1 | 100,0% |
| ҶДММ "ЭСХАТА СУҒУРТА" | 0,0 | 11,0 | -11,0 | -100,0% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ТОҶИК ВА ЧИН" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶДММ ТС "БОВАРӢ" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶДММ ТС "МЕҲРУБОН" | 0,0 | 0,4 | -0,4 | -100,0% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ АСРИ 21" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶСП ТС "КАФИЛ" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶДММ "МДСМ" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶДММ ТС "Сипаҳр" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶДММ ТС "Такаффул" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| **Ҳамагӣ** | **2 993,7** | **3 409,1** | **-415,4** | **-12,2%** |

| **ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021** (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | **ШАРТНОМАҲО** | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **3/2021** | **3/2020** | **Тағйирот (сомонӣ)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ҶСП ТС "СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ" | 328 406 | 272 075 | 56 331,0 | 20,7% |
| КВД "ТОҶИКСУҒУРТА" | 154 577 | 202 678 | -48 101,0 | -23,7% |
| ҶДММ ТС "БИМА" | 4 090 | 11 219 | -7 129,0 | -63,5% |
| ҶДММ ТС "МУИН" | 3 769 | 4 173 | -404,0 | -9,7% |
| КВДС "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 598 | 941 | -343,0 | -36,5% |
| ҶСДММ "СПИТАМЕН СУҒУРТА" | 329 | 345 | -16,0 | -4,6% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ АСРИ 21" | 282 | 2 | 280,0 | 141,0 мар. |
| ҶДММ ТС "ИТМИНОН" | 41 | 30 | 11,0 | 36,7% |
| ҶДММ ТС "МЕҲНАТ" | 18 | 20 | -2,0 | -10,0% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ШАРҚ" | 9 | 9 | 0,0 | 0,0% |
| ҶДММ ТС "СИПАҲР" | 8 | 2 | 6,0 | 4,0 мар. |
| ҶДММ "МДСМ" | 4 | 3 | 1,0 | 33,3% |
| ҶДММ "ЭСХАТА СУҒУРТА" | 4 | 2 | 2,0 | 100,0% |
| ҶДММ ТС "БОВАРӢ" | 2 | 0 | 2,0 | 100,0% |
| ҶСП ТС "КАФИЛ" | 1 | 5 | -4,0 | -80,0% |
| ҶДММ ТС "МЕҲРУБОН" | 0 | 5 | -5,0 | -100,0% |
| ҶДММ ТС "Такаффул" | 0 | 4 | -4,0 | -100,0% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 0 | 2 | -2,0 | -100,0% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 0 | 0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 0 | 0 | 0,0 | 0,0% |
| **Ҳамагӣ** | **492 138** | **491 515** | **623,0** | **0,13%** |

# World Bank Supports the Modernization of Tajikistan's Tax Regime




The World Bank's Board of Executive Directors approved today $50 million in grant financing from the International Development Association for the Tajikistan Tax Reform Operation. This project will support the implementation of the revised tax code and the modernization of the tax system to balance the objectives of domestic revenue mobilization and private sector development. "When incentives are such that enterprises and investors actually benefit from being successful in their businesses and honest vis-à-vis the State, the private sector will start to play an increasingly larger role in fostering innovation, creating employment, and broadening the tax base," said Jan-Peter Olters, World Bank Country Manager for Tajikistan. "A consistent tax code with predictable tax obligations, as currently prepared by the Government, is expected to promote a more dynamic, innovative, and export-oriented private sector—once decisions on tax audits will be based on risk assessments and consistency checks done within the Tax Committee." The Government of Tajikistan has made tax reform a priority, reflecting the increasing importance of improving the business and investment climate and enhancing the competitiveness of the national economy.

With the new tax code, currently under review by the Government, Tajikistan seeks to modernize tax administration and base tax policy and revenue collection processes on international practice. This reform represents a critical building block in efforts to meet the key objectives of the National Development Strategy to 2030, which is to increase people's incomes by up to 3.5 times and halve poverty by 2030. To meet this goal, Tajikistan would need the contribution of a dynamic private sector, which can finance investments, foster innovation, create jobs, and increase exports. Currently, the private sector in Tajikistan provides only about one-quarter of total investments and produces less than one-third of industrial output, while providing only limited formal employment opportunities in a young and growing economy. To maximize the impact of the project, the World Bank is using a financing instrument called Program-for-Results (PforR), which links disbursement of funds directly to the achievement of specific outcomes. The project will be implemented by the Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan and the Tax Committee under the Government of Tajikistan over the next six years. The World Bank is financing 21 projects in Tajikistan totaling $1.1 billion. Since 1996, the World Bank has provided over $2 billion in IDA grants, highly concessional credits, and trust funds for Tajikistan. The World Bank Group is committed to continuing its support for Tajikistan as it strives to improve the lives and meet the aspirations of its young and growing population.

***WASHINGTON, May 28, 2021***

# EBRD and EU help in modernizing the electricity Network in Tajikistan, 29 April, 2021




- **€35 million package will be provided by EBRD and EU to power sharing usefulness in Tajikistan.**
- **Shabakahoi Taksimoti Bark to upgrade grid in the south of the country**
- **Financing will benefit in familiarizing the billing and material infrastructure as well**

The European Bank for Reconstruction and Development (EBRD) and the European Union (EU) are meliorating the perseverance and competency of Tajikistan's energy sector by financing power-distribution grid upgraded in the Khatlon region of the country.

The European Bank for Reconstruction and Development (EBRD) and the European Union (EU) are meliorating the perseverance and competency of Tajikistan's energy sector by financing power-distribution grid upgraded in the Khatlon region of the country.

A financing package of € 35 million will be contributed to Shabakahoi Taksimoti Bark (STB), a state-owned power utility accountable for electricity sharing in Tajikistan.

A financing will comprise a € 20 million sovereign loan provided by the EBRD and a € 15 million investment grant provided by the EU under its investment Facility for Central Asia (IFCA).

The funds will be utilized for the modernization of the Power Sharing Networks in the cities of Kulob and Bokhtar and in the affiliated regions.

The introduction of billing and metering infrastructure and upgrade STB's workshops will also be familiarized by the financing.

The professional training schemes for the local young people in cooperation with domestic educational establishments will be developed by STB as a part of the project.

The investment is the latest project under the EBRD's Tajikistan Energy Efficiency Framework fashioned to uphold power-sector renovates and provides funds key energy infrastructure affected by decades of underinvestment.

The project is aided by granting the funding from the EU IFCA and the EBRD Shareholder Special Fund.

***https://www.ebrd.com/***


СУҒУРТА
СТРАХОВАНИЕ

# Низоми суғурта ва мавқеи он дар ҷомеа



**Мувофиқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ чунин бӯҳрони шадиду фарогир дар сад соли охир бори аввал ба миён омада, боиси таназзули ҷиддии иқтисодиёти ҷаҳон гардид. Пайомадҳои пандемия ба иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла ба рушди иқтисоди миллӣ, буҷети давлатӣ, гардиши савдои хориҷӣ, қурби асъори миллӣ, инчунин, ба фаъолияти корхонаҳои саноативу муассисаҳои хизматрасонии мо низ таъсири манфии худро расонида истодаанд.**

Тавре 26 январи соли ҷорӣ дар Паёми Президенти мамлакат ба мақоми олии қонунбарори кишвар - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли барои мардуми шарифи Тоҷикистон воқеан таърихӣ – сиюмин солгарди истиқлолу озодии Ватани азизамон қайд гардид, соли 2020 барои сокинони сайёра, аз ҷумла Тоҷикистони мо яке аз солҳои аз ҳар лиҳоз вазнин буд.

Бар асари паҳн шудани беморӣи сироятии коронавирус ва вобаста ба он, босуръат паст рафтани фаъолнокии иқтисодӣ ва афзоиши бесобиқаи бекорӣ вазъияти сайёра боз ҳам печидатар гардида, ба бӯҳрони бисёр шадиди иқтисодиву молиявӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ омад. Имрӯз дар дунё амалан давлат ва соҳае нест, ки аз таъсири ин бӯҳрон эмин монда бошад.

Дар робита ба ин раванд, ҷиҳати амалӣ намудани вазифаҳои муҳим дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ барои беҳтар кардани сифати дороиҳои низоми бонкӣ, зиёд кардани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат ба соҳибкорони истеҳсолӣ ва фаъол намудани низоми рейтинги миллӣ барои ташкилотҳои қарзӣ ва ширкатҳои суғуртавӣ андешидани тадбирҳои зарурӣ бамаврид мебошад.

Қобили қайд аст, ки соҳаи суғурта дар низоми иқтисодиёти ҷумҳурӣ мавқеи хос дорад. Ба ибораи дигар, соҳаи мазкур аз дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла иқтисодиёт ва молияю бонкдорӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар айни замон дар ҷумҳурӣ 19 ташкилоти суғуртавӣ амал карда истодааст, ки аз он 2 ададаш ташкилоти суғуртавии давлатӣ, 16 ададаш ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ

ва 1 МДСМ мебошанд. Дар давоми солҳои 2017-2020 ба 4 адад ташкилотҳои суғуртавии навтаъсис иҷозатнома дода шудааст, ки фаъолияти онҳо ба зиёд шудани воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ мусоидат намуда истодааст. Барои мисол, воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ дар панҷ соли охир 1, 9 маротиба зиёд гардидааст, ки афзоиши он тайи чор соли охир муътадил идома дорад ва ин аз зиёд шудани суғуртакунонӣ дар кишвар шаҳодат медиҳад.

Бояд изҳор намуд, ки пешрафти соҳаҳои суғурта дар бисёр ҳолатҳо ба фаъолияти КВДС "Тоҷиксармоягузор" ва КВД "Тоҷиксуғурта" вобастагӣ дорад. Дар ин хусус дар ҷаласаи ҷамъбастии натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ, ки соли 2020 дар Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид, таъкид карда шуд.

Ба ақидаи мо, яке аз сабабҳои асосии ба бухрон дучор шудани ташкилотҳои суғуртавӣ, хоҳ давлатию хоҳ ғайридавлатӣ ин бидуни ҳисоботҳои актуарӣ фаъолият намудани онҳо мебошад. Ҳоло дар ҷумҳурӣ ягон ташкилоти суғуртавӣ гуфта наметавонад, ки фаъолияти он дар асоси ин гуна ҳисоботҳо ба роҳ монда шудааст. Зеро алҳол, чунин хадамот арзи вуҷуд надорад. Барои беҳтар кардани вазъияти мавҷуда донишгоҳҳои ҷумҳурӣ бояд ба ин самти фаъолият диққат диҳанд ва дар сурати зарурӣ аз дигар ҷойҳо мутахассисони соҳаро дар асоси шартнома ба кор ҷалб намоянд. Зеро бе ин гуна ҳисоботҳо фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ногузир дучори нокомӣ мегардад.

> Тибқи талаботи моддаи 5 Қонун давлат риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти суғуртавиро кафолат медиҳад ва дахолати мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои дигар ба фаъолияти субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ ...

**Мисоли равшани гуфтаҳои боло - дар се соли охир дар натиҷаи татбиқи амалии сиёсати гузариш аз миқдор ба сифат фаъолияти 7 ташкилоти суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ қатъ гардид. Албатта, ин як ҳолати воқеъӣ аст ва ба ҷойи онҳо ташкилотҳои нав ба бозори суғуртавӣ ворид мешаванд.**

Бо вуҷуди ин ҳама мушкилоти соҳа, боиси қаноатмандист, ки аз соли 2017 инҷониб пардохти (ҷуброни) маблағҳои суғуртавӣ афзоиши устуворро соҳиб гардидааст, ки бештари ин гуна пардохтҳо ба ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ва аз рӯи шакли суғуртаи ихтиёрӣ сурат гирифта, дар таносуб аз воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ зиёданд.

Суғуртакунӣ фаъолияти махсус буда, барои ҳифзи манфиатҳои суғурташудагон ва ташкилоту муассисаҳои бо суғурта фаро гирифташуда, равона карда шудааст.

Тибқи қонунгузории амалкунанда дар ҷумҳурии мо ду намуди суғурта - суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрӣ амал мекунад.

Дар бештари мамолики дунё фаъолияти суғуртавӣ ба таври густурда ба роҳ монда шуда, ягон амали иқтисодӣ, муносибатҳои додугирифт, тиҷорат, сайёҳӣ, савдо ва ғайраҳо бе доштани санадҳои суғуртавӣ ба амал бароварда намешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки соҳаи суғурта яке аз самтҳои амалӣ намудани сиёсати давлат дар ривоҷу равнақи иқтидори молиявию иқтисодӣ ба шумор рафта, дар таҳкими муносибатҳои молию пулии шаҳрвандон, дастгирии онҳо ҳангоми ҳодисаҳои нохуш, барқарор намудани зарари ҷисмонии ба онҳо расонидашуда мавқеи беназир дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти суғуртавӣ тибқи қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ", "Дар бораи суғуртаи тиббӣ", "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии

ҷумҳурӣ ба роҳ монда шуда, такмилёбии онҳо бо воситаи даровардани тағйироту иловаҳо идома дорад.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конунгузории амалкунанда марбут ба ин соҳаи иқтисодиёт ва такмил додани он ба талаботи ҳаёти имрӯза зарурияти воқеист. Агар Шумо танҳо ба моддаи 2-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" таваҷҷуҳ намоед, мебинед, ки дар он зиёда аз 65 мафҳумҳои алоҳида оид ба фаъолияти суғуртавӣ ҷой дода шудаанд, ки то ба ҳол дар таҷрибаи фаъолияти суғуртавии ҷумҳурӣ вуҷуд надоштанд.

**Дар робита ба ин, метавон гуфт, ки баъзе аз мафҳумҳо барои шаҳрвандони мо нофаҳмо буда, дар таркиби ҷумлаҳо мазмуни онҳо дақиқ ифода наёфтаанд, ки ба андешаи мо, аз нав омӯзиши пурра ва экспертизаи услубӣ ва ҳуқуқии Қонуни мазкурро тақозо мекунад.**

**Тавре маълум аст, Қонун догма нест ва бо назардошти тараққиёти ҷомеа ва сатҳи иқтисодиёт он низ бояд рушд намояду беҳтар гардад.**

Маҳз бо ин мақсад, бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" таҳия гардида, барои баррасӣ ба мақомоти дахлдор ирсол гардидааст ва бовар дорем, ки он бо назардошти таклифу дархостҳои ташкилотҳои суғуртавӣ қабул карда мешаванд. Ба назари мо, санади нав қонуни собиқаро нисбатан пурраю мукаммал гардонида, дар рушду фарогирии ҷомеъа бо ин намуди хизматрасонӣ саҳми босазо мегузорад.

**Ҳамзамон қайд карданием, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 10 майи соли 2019 ҳангоми мулоқоташон бо кормандони соҳаҳои молия, бонкдорӣ, андоз, гумрук ва сармоягузорӣ андешидани чораҳо ва тадбирҳои таъхирнопазирро ҷиҳати рушди инфрасохтори зарурӣ ва ташкили дурусти бозори суғурта, аз ҷумла, васеъ ба роҳ мондани суғуртаи ихтиёрӣ ва фаъол гардонидани иштироки ташкилоту муассисаҳо дар ин бозорро таъкид намуданд.**

Мавриди зикр аст, ки бо назардошти дастуру супоришҳои Пешвои миллат, ташкилотҳои суғуртавӣ кӯшиш ба харҷ додаанд, ки ӯҳдадориҳои худро иҷро намоянд. Дар ин замина, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020 таҳти №211 "Дар бораи андозаи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)" ба тасвиб расид, ки тибқи он дар муддати як сол ташкилотҳои суғуртавӣ вобаста ба фаъолияти суғуртавиашон аз рӯи намудҳои суғурта ӯҳдадор карда шуданд, ки сармояи (фонди) оинномавии худро ба андозаи муқарраршуда пурра намоянд.

Дар давоми сол ташкилотҳои суғуртавӣ ҷиҳати иҷрои талаботи Қарори зикргардида корҳои муайянеро анҷом додаанд ва ҳоло мақомоти назорати суғуртавӣ вобаста ба он қарорҳои дахлдор қабул карда истодаанд.

Омӯзиши амалияи фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ нишон дод, ки ҷиҳати амалӣ гардонидани дастури Пешвои миллат оид ба андешидани чораҳо ва тадбирҳои таъхирнопазир барои рушди инфрасохтори зарурӣ ва ташкили дурусти бозори суғурта, аз ҷумла васеъ ба роҳ мондани суғуртаи ихтиёрӣ ва фаъол гардонидани иштироки ташкилоту муассисаҳо дар ин бозор, барои фаро гирифтани мактаббачагон ва кудакони то синни мактабӣ бо шартномаҳои ихтиёрии суғуртавӣ аз ҳодисаҳои нохуш Барномаҳои комплексӣ вобаста ба он бо ду забон таҳия гардида, ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва кӯдакистонҳо ирсол гардидаанд.

Вобаста ба масъалаи мазкур дар шумораи №39-и ҳафтаномаи "Омӯзгор" аз 26 сентябри соли 2019 таҳти сарлавҳаи "Бехатарии кӯдакон-ҳадафи ҳамаи мо" Барномаи комплексӣ чоп шуд.

Қайд кардан зарур аст, ки ташкилотҳои суғуртавии дар бозори суғуртаи ҷумҳурӣ амалкунанда дар пешбурди сиёсати иқтисодию иҷтимоии кишвар ва дар ин замина ғанӣ гардонидани буҷети ҷумҳурӣ ҳиссаи арзанда мегузоранд.

Вале дар баробари ин, тавре таҷриба нишон медиҳад, то ҳол ба мазмуну муҳтавои бахшҳои суғурта ва манфиатҳои он қисме аз шаҳрвандон ва баъзе роҳбарони корхонаву ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ дар сатҳи зарурӣ, бинобар паст будани сатҳи дониши ҳуқуқӣ сарфаҳм намераванд. Дар аксар ҳолатҳо онҳо суғуртаро танҳо як роҳи дигари маблағҷамъкунӣ фаҳмида, аз амалӣ гардонидани он худдорӣ менамоянд. Бинобар ин, дар ин ҷода дастгирии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муҳим ва зарур аст.

**Муҳим будани ин масъаларо ба назар гирифта, Сарвари давлат дар суханрониҳояшон ба ин самти иқтисодиёти ҷумҳурӣ диққати махсус дода, таъкид мекунанд, ки намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ афзоиш дода шуда, ҳар чӣ бештар объектҳои суғуртавӣ бо онҳо фаро гирифта шаванд.**

Такроран метавон иброз дошт, ки амалӣ кардани он ба маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва кормандону роҳбарони соҳаҳои гуногуни мамлакат марбут аст ва зарур аст, ки корҳои ташвиқотию тарғиботӣ тавассути васоити ахбори омма, радио ва телевизион, чопу дастрас намудани ҳар гуна буклетҳо, тақвиму дигар воситаҳои айёнӣ ба роҳ монда шаванд.

> ”
>
> Қобили қайд аст, ки соҳаи суғурта дар низоми иқтисодиёти ҷумҳурӣ мавқеи хос дорад. Ба ибораи дигар, соҳаи мазкур аз дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла иқтисодиёт ва молияю бонкдорӣ ба куллӣ фарқ мекунад.

Тибқи қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” иштирокчиёни касбии бозори суғурта - ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), брокерони суғуртавӣ, ташкилотҳои актуарӣ, адҷастерӣ, сюрвейери суғуртавӣ ва ғайраҳо мебошанд, ки дар асоси иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ фаъолият мекунанд.

Субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ иштирокчиёни бозори суғурта мебошанд (моддаи 3 Қонун) ва ҳар кадоми онҳо ҳуқуқи суғуртакунии объектҳои суғурташавандаро дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ, ки қонунгузорӣ муайян намудааст, доранд. Қобили қайд аст, ки мувофиқи талаботи моддаи 4 Қонун суғурта дар шаклҳои ихтиёрӣ, ҳатмӣ ва ҳатмии давлатӣ амалӣ мегардад.

**Суғуртаи ихтиёрӣ дар асоси шартномаи суғурта ва қоидаҳои суғуртакунӣ, ки шартҳои умумӣ ва тартиби амалигардонии онро муайян менамоянд, амалӣ мегардад. Яъне, ташкилотҳои суғуртавӣ новобаста аз шакли моликияташон мустақил буда, дар доираи ваколатҳои доштаашон, дар асоси рақобати солим, амал мекунанд. Илова бар ин, аз натиҷаи фаъолияти худ маблағҳои андозро ба буҷетии ҷумҳурӣ пардохт намуда, дар ғанӣ гардонидани он ҳиссагузор мебошанд.**

Суғуртаи ҳатмии давлатии ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки шаҳрвандон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ амалӣ карда мешавад. Ҳаққи суғуртавӣ дар чунин ҳолат аз ҳисоби буҷети давлатӣ пардохт карда мешавад.

Тибқи талаботи моддаи 5 Қонун давлат риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти суғуртавиро кафолат медиҳад ва дахолати мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои дигар ба фаъолияти субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ роҳ дода намешавад, агар он ҳуқуқҳои мақоми ваколатдори давлатии назорати суғуртавиро, ки бо Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ

шудаанд, халалдор насозад.

Ба назари мо, дар ин ҷода ташкилотҳои суғуртавиро зарур аст, ки ба монополия ва рақобати носолим роҳ надиҳанд, таҷрибаи якдигарро омӯзанд ё аз навгониҳо дар ин соҳа якдигарро бохабар намоянд.

Ба ғайр аз ин, ҳеҷ вақт дар як ноҳия ва ё шаҳри алоҳида як ташкилоти суғуртавӣ, хоҳ давлатӣ бошад ва хоҳ ғайридавлатӣ, тамоми объектҳои суғуртавиро ба куллӣ фаро гирифта наметавонад. Яъне, дар ин раванд рақобати солим зарур аст. Мақсади асосии ҳар яки мо ривоҷу равнақи соҳа, таъмини ҳаёти хуб ва муносиби мардуми кишвар мебошад. Боз ҳам ёдовар мешавем, ки афзудани портфели суғуртавӣ дар бозори суғурта аз ба роҳ мондани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии шаҳрвандон, роҳбарони субъектҳои хоҷагидор, тоҷирон, соҳибкорон ва ғайраҳо вобаста аст. Албатта, дар ин ҷода пешниҳоди тарофаҳои суғуртавии қобили қабули мардум ва хизматрасонии беғаразона, пардохти саривақтии маблағҳои суғуртавӣ низ мавқеи муҳим мебозанд.

Тавре маълум аст, ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ танҳо бо намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ машғул буда, комёбии онҳо дар фаъолияташон аз чӣ гуна ба роҳ мондани корҳояшон дар ин самт ва манофеи дуҷонибаи тарафҳои шартномаҳои суғуртавӣ вобастагӣ дорад.

1 феврали соли равон таҳти роҳбарии муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Накҳатзода М.К., натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии ҷумҳурӣ дар соли 2020 бо иштироки намояндагони васоити ахбори омма, мақомоти суғурта ва мақомоти назоратию андозу молия ҷамъбаст гардид.

**Мавриди зикр аст, ки дар ҷараёни ҷаласаи ҷамъбастӣ гуфтугузори рӯирост ва ошкоро оид ба бурду бохти соҳа сурат гирифт. Таҳлили фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2020 нишон дод, ки новобаста аз вазнинии соли 2020 дар низоми суғурта дастовардҳо низ ба назар расиданд.**

Таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт”, таъсис додани Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон, фароҳам овардани шароит барои қабули арзу шикоятҳои суғурташавандагон, таъсиси Бахши суғурта дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон ва такмили пайвастаи он, аз андоз аз арзиши иловашуда (НДС) озод намудани ташкилотҳои суғуртавӣ, бо назардошти вазъи бозори суғурта ва имкониятҳои ҷойдошта қабули Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи андозаи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)”, ҷалби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо мақсади рушди бозори суғурта, омода гардидани ҳисоботҳои таҳлилии дохилӣ, дар васоити ахбори омма нашр шудани мақолаҳои илмию таҳлилӣ оид ба фаъолияти суғуртавӣ ва ғайра аз ҷумла дастовардҳои соли гузашта ба шумор меравaнд.

Инчунин, дар маҷлиси ҷамъбастӣ вазифаҳои ташкилотҳои суғуртавӣ барои соли 2021, аз ҷумла афзун намудани сармояи оинномавӣ, самаранок ҷобаҷогузории дороиҳо, пешниҳоди хизматрасониҳои нави суғуртавӣ ба аҳолӣ, вусъат додани робита бо ҷомеа дар самти баланд бардоштани маърифатнокии молиявӣ (суғуртавӣ), вусъат додани фаъолияти ташвиқотиву таблиғотии соҳаи суғурта ва ғайраҳо муайян шуда, таъкид гардид, ки соли таҷлили 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон санаи муҳим ва тақдирсоз мебошад, ҳамагон бояд ҷидду ҷаҳд намоем, ки онро бо дастовардҳои арзанда пешвоз гирем.

***Исматулло Холниёзов,***
***муовини директори***
***генералии Ташкилоти***
***суғуртавии “Муин” оид ба***
***фаъолияти ҳуқуқӣ.***


НАЗАРСАНҶӢ
ТАҲҚИҚОТ
НАЗАРСАНҶӢ

# Сабаб, шароит ва омилҳои коҳиш ёфтани боварии аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ТҚМ)-ро дар чӣ мебинед?



**Пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотии БМТ бо мақсади иҷрои банди 37 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №13 аз 27–уми ноябри соли 2020, №13 ҷиҳати муайян намудани сабаб, шароит ва омилҳои коҳиш ёфтани боварии аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ТҚМ) аз 2 то 13 феврали соли 2021 назарсанҷӣ гузаронид.**

Назарсанҷии мазкур дар ҳамкорӣ бо воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ (Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд, Идораи омор ва тавозуни пардохт), шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин тавассути сомонаи БМТ анҷом дода шуд. Дар он 774 нафар респондент, аз ҷумла аз шаҳри Душанбе – 211 нафар, шаҳри Ғарм – 115 нафар, шаҳри Бохтар – 102 нафар, шаҳри Хуҷанд – 119 нафар, шаҳри Хоруғ – 108 нафар ва шаҳри Кӯлоб – 119 нафар иштирок ва ҷавобҳои худро пешниҳод намудаанд. Дар асоси маълумотҳои ҷамъбастии назарсанҷии шаҳрвандон маводи таҳлилии мазкур таҳия карда шудааст.

Ба саволи якуми назарсанҷӣ, ки “Оё Шумо ду соли охир аз хизматрасониҳои ТҚМ истифода намудед?” номгузорӣ шудааст, 79 фоизи респондентон ҷавоб додаанд, ки дар ду соли охир аз хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ истифода бурдаанд. Мувофиқан, 21 фоизи респондентон изҳор намудаанд, ки дар ду соли охир аз хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ истифода набурдаанд.

Албатта, аз ҷониби респондентон истифода бурдан ё набурдани хизматрасониҳои ТҚМ майл ва сабабҳои худро доранд. Бинобар ин, лозим дониста мешавад, ки дар навбати аввал бояд муайян намуд, ки респондентон бештар кадом намуди хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявиро дар фаъолияти хеш истифода менамоянд.

Аз ин лиҳоз, дар варақаи назарсанҷӣ, саволи “Агар ҲА, пас номбар намоед, ки аз кадом хизматрасо-

**Диаграмма 1. Оё Шумо ду соли охир аз хизматрасониҳои ТҚМ истифода намудед?**



**Диаграммаи 2. Агар ҲА, пас номбар намоед, ки аз кадом хизматрасониҳои ТҚМ истифода намудед?**




ниҳои ТҚМ истифода намудед?” ворид карда шуд. Зимнан, ба саволи мазкур ҳиссаи муайяни респондентон ҷавобҳои худро пешниҳод намудаанд, ки дар диаграммаи 2 оварда шудааст.

Тибқи маълумотҳои диаграммаи 2 маълум гардид, ки 23 фоизи респондентон изҳор намуданд, ки аз чунин намуди хизматрасониҳои ТҚМ гирифтани қарз, 19% - интиқоли маблағҳо, 17% - гирифтани корти пардохтӣ, 13% - пардохтҳо, 12% - пасандозгузорӣ, 11% - кушодани суратҳисоб ва дигар – 5% истифода намудаанд.

Бо вуҷуди гуфтаҳои боло, теъдоди муайяни респондентон дар рафти назарсанҷӣ изҳор намудаанд, ки аз ҳеҷ гуна намуди хизматрасониҳои ТҚМ истифода намебаранд. Албатта, аз тарафи респондентон истифода набурдани хизматрасониҳои ТҚМ сабабҳои худро доранд. Бинобар ин, ба саволи “Агар НЕ, сабаби истифода набурдани хизматрасониҳои ТҚМ -ро дар чӣ мебинед?” респондентон ҷавобҳои худро пешниҳод намудаанд (ниг. ба диаграммаи 3).

Аз пурсидашудагон 26,7%- и онҳо ҷавоб додаанд, ки ба хизматрасониҳои ТҚМ эҳтиёҷ надоранд, 13,2% - гарон будани хизматрасониҳои ТҚМ, 12,6% - боварӣ надоштан ба фаъолияти ТҚМ, 9,6% - сарфаҳм нарафтан ба хизматрасониҳои ТҚМ, 8,7% - ба талабот мувофиқ набудани хизматрасониҳои ТҚМ, 8,4% - бухронҳои молиявӣ, 7,8% - набудани инфрасохтори пешниҳоди хизматрасониҳои ТҚМ, 7,5% - дигар ва 5,4% - ҷой доштани дастра-

**Диаграммаи 3. Агар НЕ, сабаби истифода набурдани хизматрасониҳои ТҚМ -ро дар чӣ мебинед?**



**Диаграммаи 4. Сатҳи боварии Шумо нисбат ба ТҚМ чӣ гуна ҳаст?**




сиҳои бавоситаро зикр намуданд.

Зимни нишон додани сабабҳои истифода набурдани хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ зарурат ба миён омад, ки сатҳи боварии респондентон нисбат ба ТҚМ муайян карда шавад. Аз ин лиҳоз, дар варақаи назарсанҷӣ саволи “Сатҳи боварии Шумо нисбат ба ТҚМ чӣ гуна ҳаст?” ворид карда шуд ва тибқи он маълумот ҷамъоварӣ гардид.

Тавре аз маълумоти диаграммаи 4 маълум мегардад, 41,6% ҷавобҳои додашудаи респондентон аз он шаҳодат медиҳад, ки ба ТҚМ пурра боварӣ доранд, 32,7% – қисман боварӣ доранд, 13,9% - қисман боварӣ надоранд ва 11,8% - пурра боварӣ надоранд.

Гарчанде 74,3 фоизи ҷавобҳои додашуда пурра ва қисман боварӣ доштани респондентонро ба ТҚМ инъикос намояд ҳам, вале муайян намудани сабабҳои нобоварии респондентон нисбати ТҚМ масъалаи муҳими насарсанҷӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, дар варақаи назарсанҷӣ саволи “Сатҳи нобоварии худро нисбати ТҚМ дар чӣ мебинед?” ворид карда шудааст.

Аз маҷмӯи ҷавобҳои додашудаи респондентон, 19,2% -и онҳо арзёбӣ намуданд, ки манфиатҳои бонк бо манфиатҳои мизоҷон мувофиқат наменамоянд, 13,1% - ношаффоф будани фаъолияти ТҚМ, 10,1% - ҷой надоштани дастгирӣ ва кафолати давлатӣ, 9,5% - набудани низоми устувори суғуртакунӣ, 8,0% - солимгардонии нофаҳмои ТҚМ ба мушкилоти молиявӣ дучоршуда, 7,1% - дахолати бевоситаи мақомоти давлатӣ ба фаъолияти ТҚМ, 7,0% - осеби таърихӣ ва таҷрибаи манфии фаъолияти ТҚМ,

**Диаграммаи 5. Сабабҳои нобоварии худро нисбат ба ТҚМ дар чӣ мебинед?**



**Диаграммаи 6. Аз рӯи таҷрибаи худ, Шумо кадом камбудиҳоро дар хизматрасониҳои ТҚМ мушоҳида намудед?**




Тибқи маълумоти дар диаграммаи 6 дарҷгардида муайян карда шуд, ки 21,8% - и ҷавобҳои додашудаи респондентон аз баланд будани фоизи қарз, 12,3% - паст будани фоизи пасандоз, 9,5% аз ҷониби ТҚМ дастгирӣ нашудани мизоҷон дар давраи бухрони иқтисодӣ ва паҳншавии бемории "КОВИД – 19", 9,4% - набудани пули нақд дар банкоматҳо, 9,0% - мӯҳлати ками қарздиҳӣ, 6,2% - дигар , 5,0% - сатҳи баланди бюрократия ва монеаҳои маъмурӣ, 4,9% - ба таври амиқ бархурдор накардани ҳуқуқҳои аҳолӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасонӣ, 4,5% - дастрас набудани роҳбарияти ТҚМ барои муштариён, 3,9% - дастрас набудани нуқтаҳои хизматрасонӣ, 3,7% - бесалоҳиятии 6,7% - пардохтпазир набудан ва рушди ноустувори ТҚМ, 5,8% - сатҳи пасти касбии кормандони онҳо, 4,7% - пешниҳоди маълумоти нодуруст ба муштариён, 4,7% - дигар ва 4,2% - рӯй додани ҳолатҳои қонуншиканӣ дар ТҚМ.

Бо вуҷуди он ки аз рӯи ҷавобҳои додашуда сабабҳои нобоварии респондентон нисбати ТҚМ арзёбӣ карда шуд, вале шаҳрвандони дар назарсанҷӣ иштироккнамуда тибқи таҷрибаи худ як қатор камбудиҳоро дар хизматрасониҳои ТҚМ мушоҳида намудаанд. Вобаста ба ин, барои рӯшанӣ андохтани фикру ақидаҳои респондентон оид ба масъалаи мазкур, дар варақаи назарсанҷӣ саволи "Аз рӯи таҷрибаи худ, Шумо кадом камбудиҳоро дар хизматрасониҳои ТҚМ мушоҳида намудед?" дохил карда шуд ва дар натиҷа маълумотҳои зерин ҷамъоварӣ шуданд.

**Диаграммаи 7. Ба ақидаи Шумо ба коҳиш ёфтани боварии аҳолӣ ба ТҚМ бештар кадом шароит ва омилҳо таъсир мерасонанд?**



ҳайати кормандон ва дағалӣ ҳангоми хизматрасонӣ, 3,5% - пешниҳоди намудҳои маҳдуди хизматрасонӣ, 3,2% - реҷаи номусоиди корӣ ва 3,2% - норасоии иттилоот доир ба хизматрасониҳо шоҳидӣ медиҳанд.

Бояд тазаккур дод, ки муайян кардани ақидаи респондентон дар хусуси боварии аҳолӣ ба ТҚМ аз шароит ва омилҳои гуногун вобаста аст ва ин масъалаи муҳими тадқиқот ба шумор меравад. Бинобар ин, зарур дониста шуд, ки дар варақаи назарсанҷӣ саволи “Ба ақидаи Шумо ба коҳиш ёфтани боварии аҳолӣ ба ТҚМ бештар кадом шароит ва омилҳо таъсир мерасонанд?” дохил карда шавад ва дар асоси он маълумотҳои зарурӣ ҷамъоварӣ карда шуданд.

Аз ҷавобҳои додашудаи респондентон маълум гардид, ки ба коҳиш ёфтани боварии аҳолӣ ба ТҚМ шароит ва омилҳои гуногун таъсири худро расонидаанд. Аз ҷумла, 19,5% -и респондентон изҳор намуданд, ки ба коҳиш ёфтани боварии аҳолӣ ба ТҚМ кам будани нуктаҳои пешниҳоди хизматрасониҳо, 13,3% - сифати пасти пешниҳоди хизматрасониҳо, 10,5% - дар сатҳи паст қарор доштани ҳамкорӣ бо аҳолӣ, 10,4% - набудани хизматрасониҳои дастрасии оддӣ ва қулай, 9,0% - набудани иртибот бо ҷомеа, 7,7% - дар сатҳи паст қарор доштани маҳорат ва касбияти мутахассисони онҳо, 6,4% - ношафоф будани низоми танзим ва назорати ТҚМ, 5,2% - ҷой доштани шубҳа ба масъулият ва ростқавлии роҳбарияти ТҚМ, 4,6% - ношаффоф будани иттилоот ва дастрас набудани ҳисоботи онҳо, 4,5% - ҷой надоштани низоми рейтинггузории дохилӣ ва байналмилалӣ, 4,5% - мавҷуд будани омилҳои коррупсионӣ ва 4,3% - дигар шароит ва омилҳо.

Бояд иброз дошт, ки дар баробари ба ҳар саволномаи варақаи назарсанҷӣ ҷавоб додан, инчунин респондентон доир ба ҳар як саволномаи назарсанҷӣ эродҳои иловагии худро пешниҳод намудаанд, ки дар шакли зерин манзур гардонида мешавад:

| САВОЛҲО | ПЕШНИҲОД ВА ЭРОДҲОИ РЕСПОНДЕНТОН |
|---|---|
| 1). САВОЛИ 2. “Агар ҲА, пас номбар намоед, ки аз кадом хизматрасониҳои ТҚМ истифода намудед? | 1. Истифодаи корти пардохтӣ.<br>2. Пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ.<br>3. Нафақагирӣ.<br>4. Ҳамёни электронӣ.<br>5. Мубодилаи асъор.<br>6. Куттиҳои сейфӣ. |
| 2). САВОЛИ 3. “Агар НЕ, сабаби истифода набурдани хизматрасониҳои ТҚМ -ро дар чӣ мебинед? | 1. Эҳтиёҷ надорам.<br>2. Баланд будани фоизҳои қарз.<br>3. Корхона иҷозат намедиҳад.<br>4. Пули нақдинаи худ.<br>5. Муфлисшавии ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”. |
| 3). САВОЛИ 4. “Сатҳи боварии Шумо нисбати ТҚМ чӣ гуна ҳаст?” | 1. Боварӣ дорам. |
| 4). САВОЛИ 5. “Сабабҳои нобоварии худро нисбати ТҚМ дар чӣ мебинед?” | 1.Барои он ки истифода набурдаам.<br>2. Ҷой надоштани рақобати солим.<br>3. Баланд будани фоиз.<br>4. Ҳамааш.<br>5. Ҳама дуруст аст. |
| 5). САВОЛИ 6. “Аз рӯи таҷрибаи худ, Шумо кадом камбудиҳоро дар хизматрасониҳои ТҚМ мушоҳида намудед?” | 1. Мушоҳида накардам.<br>2. Ба замони муосир мутобиқ накардан.<br>3. Навбат истодан.<br>4. Баъзе дар рӯзи шанбе проблемаҳо зиёд мешаванд. |

| | |
|---|---|
| | 5. Кам ҷудо шудани асъори хориҷӣ барои муштариён.<br>6. Набудани асъори хориҷӣ.<br>7. Набудани қарзҳо.<br>8. Қарз намедиҳанд.<br>9. Аз ҳисоби муфлис шудани бисёр ТҚМ дар ҶТ. |
| 6). САВОЛИ 7. “Ба ақидаи Шумо ба коҳиш ёфтани боварии аҳолӣ ба ТҚМ бештар кадом шароит ва омилҳо таъсир мерасонанд?”<br><br> | 1. Фоизи баланд.<br>2. Маркетинги нодуруст.<br>3. Бад шудани вазъи иқтисодӣ, бозпас надодани пасандозҳои аҳолӣ.<br>4. Саривақт пешгирии хавфҳои эҳтимолии ба миёномада.<br>5. Аз кор бозмондани баъзе бонкҳо ва душворӣ надоштани дастрасии табақаҳои аҳолӣ.<br>6. Баъзе аз муфлисшавии ТҚМ маблағҳоро бар намегардонанд.<br>7. Дастгирӣ накардани ТҚМ ба аҳолӣ ҳангоми мушкилотҳо.<br>8. Аз байн рафтани бонкҳои калон сабаби асосӣ мебошад.<br>9. Набудани пули нақд.<br>10. Проблемаи зиёд бо пардохти телефони мобилӣ тариқи терминал.<br>11. Дахолати мақомоти давлатӣ ба фаъолияти бонкӣ.<br>12. Муфлисшавии ТҚМ ва барнагардонии маблағҳои мизоҷон.<br>13.Шароити сиёсии кишвар.<br>14. Фоизи бемуҳлат.<br>15. Баланд будани ҳаққи хизматрасонӣ. |

Ҳамин тариқ, таҳлил оид ба “Муайян намудани сабаб, шароит ва омилҳои коҳиш ёфтани боварии аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ТҚМ)” анҷом ёфта, натиҷаҳои бадастомада манзури хонандагон гардонида мешаванд:

**1.** Аз рӯи таҳлили маълумотҳои ҷамъбастии ҷавобҳои додашудаи респондентон натиҷагирӣ карда шуд, ки ҳиссаи истифодабарандагони хизматрасониҳои ТҚМ дар ду соли охир 79,0 фоизро ташкил медиҳад. Онҳо бештар аз чунин хизматрасониҳои ТҚМ - гирифтани қарз, интиқоли маблағҳо, гирифтани корти пардохтӣ, пасандозгузорӣ ва кушодани суратҳисоб истифода менамоянд.

**2.** Гарчанде сатҳи истифодабарандагони хизматрасониҳои ТҚМ баланд бошад ҳам, аз рӯи маълумотҳои ҷамъбастии назарсанҷӣ маълум гардид, ки дар ду соли охир 21,0 фоизи респондентон аз хизматрасониҳои ТҚМ истифода намебаранд. Тахмин меравад, ки ҳолати мазкур ба пайдоиши заминаҳои зиёдшавии хавфи коҳишёбии ҳиссаи истифодабарандагони хизматрасониҳои ТҚМ боис гардад.

**3.** Аз рӯи маълумотҳои ҷамъбастии назарсанҷӣ се гурӯҳи сабабҳои истифода набурдани хизматрасониҳои ТҚМ аз тарафи аҳолӣ муайян карда шуд, ки инҳоянд:

- ба хизматрасониҳои ТҚМ надоштани эҳтиёҷот ва ҳамзамон доштани дастрасиҳои бавоситаи респондентон ба маблағҳои пулӣ. Ҳиссаи чунин гурӯҳи респондентон дар маҷмӯи маълумотҳои ҷамъбастӣ ҳамагӣ 32,1 фоизро ташкил медиҳад. Ҳол он ки тибқи маълумоти маводи таҳлилии “Муайянсозии ҳолат ва сатҳи фарогирии аҳолӣ ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар

минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2020) ҳиссаи респондентоне, ки аз хизматрасониҳои расмии молиявӣ истифода намебаранд, ҳамагӣ 22,1 фоизро ташкил медод. Бахусус, дар ҳолатҳои ба вуҷуд омадани талаботи фаврӣ ба пул, эҳтиёҷоти худро онҳо аз сарчашмаҳои зерин қонеъ мегардонанд: аз ҳисоби хешу табор - 42,8%, рафиқон – 10,7%, ҳамсояҳо – 3,1%, чизеро мефурушам – 18,3% ва аз дигар сарчашмаҳо мегирам – 14,6%. **Аз ин бармеояд, ки ҳолати мазкур бевосита аз кандашавии муносибатҳои чунин гурӯҳи респондентон бо ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар ҷиҳати истифодаи хизматрасониҳои ТҚМ шаҳодат медиҳад. Инчунин, онҳо муштариёни потенсиалии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳисоб меёбанд ва ТҚМ-ро мебояд, ки бо пешниҳоди ҳаргуна маҳсулот ва хизматҳои нави муосир онҳоро ҷалб намоянд;**

- таъсири бӯҳронҳои молиявӣ респондентонро вогузор намуд, аз истифодаи хизматрасониҳои ТҚМ канораҷӯи намоянд;
- сабабҳое, ки аз худи ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобастагии зич доранд, яъне мавҷуд набудани инфрасохтори пешниҳоди хизматрасониҳои ТҚМ дар минтақаҳои дурдасти кишвар, аз тарафи респондентон сарфаҳм нарафтан ва ба талабот мувофиқ набудани хизматрасониҳои ТҚМ, инчунин гарон будани хизматрасониҳои ТҚМ, ки ниҳоят ба коҳишёбии боварӣ ба фаъолияти ТҚМ оварда мерасонад.

4. Масъалаи калидии тадқиқот ин муайян намудани сатҳи боварии респондентон ба ТҚМ мебошад. Муайян карда шуд, ки аз ¾ ҳиссаи респондентон ба ТҚМ пурра ё қисман боварӣ доранд.
5. Бо вуҷуди зиёд будани ҳиссаи боварӣ ба ТҚМ, инчунин маълум гардид, ки ҳиссаи 25,7 фоизи респондентон ба ТҚМ пурра ё қисман боварӣ надоранд, ки асоси воқеӣ ва сабабҳои худро дорад. Аз ҷумла, аксарияти респондентон сабаби асосиро дар номувофиқатии манфиати мизоҷон бо манфиати ташкилотҳои қарзӣ, яъне гирифтани даромад ва фоида баён намуданд. Алалхусус, мизоҷоне, ки дорои маблағҳои калони пулӣ мебошанд, бо сабабҳои паст будани меъёри фоизи пасандоз, аз ҷумла бо асъор хоҳиши ҷойгир намудани маблағҳои худро дар ТҚМ надоранд. Албатта, дар айни замон, пасандозҳои аҳолӣ сарчашмаи муҳими сармоягузорӣ барои ТҚМ ва дар маҷмӯъ иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. **Бояд зикр намуд, ки дар таҷрибаи бонкҳои пешрафтаи ҷаҳон тарзу усулҳои гуногуни ҷалби пасандозҳои аҳолӣ истифода бурда мешаванд. Хусусан, дар аксарияти бонкҳо мушоҳида мегардад, ки барои ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ ва таъмини устувории пойгоҳи захираҳои бонкӣ имкониятҳои қисман гирифтани маблағҳои пасандозӣ бе талафи фоизҳои онҳо то замони анҷоми мӯҳлаташон, пурракунии амонатҳои мӯҳлатдор, инчунин пасандозҳои универсалӣ бо имконияти пурракунӣ ва гирифтани пул аз суратҳисобҳои амонатӣ мавҷуд аст.** Дар натиҷаи татбиқи ин амалҳо маълум гардид, ки шумораи пасандозгузорон ва ҳаҷми пасандозҳо

якбора зиёд гардидааст. Аз ин лиҳоз, бонкҳои кишварро зарур аст, ки барои ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ аз ҳисоби интиқолҳои пулӣ на танҳо тарзу усулҳои пешрафтаро истифода намоянд, инчунин барои онҳо аз ҳама беш муҳим аст, ки сиёсатҳои амонатӣ (пасандозӣ), фоизӣ ва маркетингии худро ҷиҳати ҷалби пасандозҳои аҳолӣ, хусусан аз ҳисоби интиқолҳои пулии шахсони воқеӣ аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тахия намуда, бахри амалӣ намудани онҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

6. Мушоҳидаи респондентон, ки аз рӯи таҷрибаи худ иттилоъ додаанд, ошкоро аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар рафти фаъолияти ТҚМ камбудиҳо вуҷуд доранд. Агар ТҚМ иттилооти пешниҳодгардидаи респондентонро барои бартарафсозӣ ба инобат гиранд, эҳтимол дараҷаи боварии аҳолӣ барои зиёд гардидани истифода аз хизматрасониҳои ТҚМ афзояд.

7. Тибқи ақидаи респондентон муайян карда шуд, ки ба коҳиш ёфтани боварии аҳолӣ ба ТҚМ як қатор шароит ва омилҳои таъсиррасон мусоидат менамояд. **Аз ҷумла барои зиёд гардонидани сатҳи боварии аҳолӣ ба ТҚМ ҳаллу фасл намудани масъалаҳои кам будани нуқтаҳои пешниҳоди хизматрасониҳо, дар сатҳи паст қарор доштани ҳамкории мутақобила бо аҳолӣ, дар сатҳи паст қарор доштани маҳорати касбии мутахассисон ва дигар, ки дар маводи таҳлилӣ пурра дарҷ гардидаанд, метавонанд ба рушди минбаъдаи боварӣ ба ТҚМ таъсири мусбӣ расонанд.**

8. Ташкилотҳои қарзии молиявиро мебояд фаъолиятро дар самти паст намудани хавфҳои пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ, коркарди маҳсулотҳои нави инноватсионӣ, инкишофи инфрасохтори пешниҳоди хизматрасониҳо ва паст намудани арзиши пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ ҷоннок намоянд.

9. Дар баробари пешниҳоди як қатор хизматрасониҳо, тахия ва амалӣ намудани механизмҳои ҳавасмандгардонии ҷалби аҳолӣ барои истифодаи дигар намуди хизматрасониҳои молиявӣ, аз қабили сармоягузорӣ, лизинг ва суғурта мувофиқи мақсад мебошад.

10. Барои зиёд гардонидани сатҳи боварии аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар нақши баланд бардоштани саводнокии молиявии на танҳо аҳолӣ, инчунин худи кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ калон мебошад. Зимнан, мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки дар баъзе ҳолатҳо баъзе аз кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ то охир ба муҳтавои маҳсулот ё хизматрасониҳои ба мизоҷон пешниҳодшаванда сарфаҳм намеравандд. Дар чунин ҳолатҳо, онҳо наметавонанд ба истифодабарандагон воқеияти аслии маҳсулот ё хизматрасониҳои пешниҳодшавандаро фаҳмонанд. Бинобар ин, ба роҳбарияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ тавсия дода мешавад, ки барои баланд бардоштани саводнокии молиявии мутахассисон диққати асосӣ диҳанд.

***Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии БМТ.***


ОМОР
ОМОР
ОМОР
stock market
СТАТИСТИКА
СТАТИСТИКА

# Сатҳи таваррум дар бахши истеъмолӣ дар Тоҷикистон ва дар як қатор давлатҳои ИДМ дар соли 2020

**Шарҳи мухтасари ташаккули нишондиҳандаи сатҳи таваррум дар низоми омори Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар низоми миллии омори мамлакат баҳисобгирии сатҳи таваррум тибқи методологияи омори байналхалқӣ, пеш аз ҳама таҷрибаи пешрафтаи омории Иттиҳоди давлатҳои мустақил бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва марҳалаи кунунии рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат амалӣ мегардад. Ташаккулёбии нишондиҳандаи сатҳи таваррум асосан тавассути ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ (ИНИ), ки усули маъмултарини муайянкунандаи сатҳи таваррум шинохта шудааст, ба даст оварда мешавад. Ҳисоби таваррум дар заминаи бақайдгирии нарху тарифаҳои номгӯи муайяни молу маҳсулотҳо (аз рӯи 548 номгуйи мол (хизматрасонӣ)-намоянда, ки тибқи Таснифи истеъмолоти инфиродӣ аз рӯи ҳадафҳо муайян карда шудаанд, ба амал бароварда мешавад. Тибқи Таснифоти мазкур дар маҷмӯъ бақайдгирии нархи зиёда аз 1250 молу маҳсулот ба роҳ монда шудааст, ки аз онҳо шуруъ аз соли 2019 - 548 мол (хизматрасонӣ)-намоянда дар раванди ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ – сатҳи таваррум дар бахши истеъмолӣ иштирок менамоянд.

Дар сохтори таваррумии мамлакат дар соли 2020 ҳисса (вазн)-и маҳсулоти озуқаворӣ якҷоя бо нӯшокиҳои спиртдор – 53,93 фоиз, ҳиссаи маҳсулоти ғайриозуқаворӣ – 30,63 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ – 15,44 фоизро ташкил медиҳад.

**Ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ аз ду манбаъ гирифта шудаанд: маълумот дар бораи тағйироти нархҳои миёнаи молу маҳсулот-намояндаҳо ва маълумот дар бораи сохтори хароҷоти амалии истеъмолии аҳолӣ (барои муайян намудани вазни хоси хароҷоти ҳар як намуди мол ва хизматрасонӣ).**

Дар соли 2020 ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ (сатҳи таваррум) бо усули ҳисоби нархҳои миёнаи молу маҳсулот ва хизматрасониҳо анҷом дода шуда, бақайдгирии нархи мол-намояндаҳо бо даврияти ҳармоҳа дар 11 шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Турсунзода, Хуҷанд, Исфара, Истаравшан, Панҷакент, Бохтар, Кӯлоб, Шаҳритус, Хоруғ ва Ванҷ амалӣ гардид.

Илова ба ин, бо мақсади гузаронидани мониторинги тағйироти нархи молҳои озуқаворӣ, сӯзишворӣ ва қурби асъор ҳафтае ду маротиба аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ: Душанбе, Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат, Рашт, Хуҷанд, Конибодом, Панҷакент, Исфара, Истаравшан, Б.Ғафуров, Бохтар, Кӯлоб, М.С.А.Ҳамадонӣ, Шаҳритус, Панҷ, Данғара, Ҷ.Балхӣ, Восеъ,

> Баҳисобгирии сатҳи таваррум дар асоси бақайдгирии нархҳои миёнаи истеъмолии молу маҳсулот ва хизматрасониҳо дар бозорҳои истеъмолии шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи интихобгардида – дар маҷмӯъ 12 шаҳру ноҳия, бо назардошти ҳиссаи мол (намоянда)-ҳо дар сохтори истеъмолоти аҳолӣ ба амал бароварда мешавад.

Ёвон, Хоруғ ва Ванҷ маълумот ҷамъоварӣ гардида, ба доираи муайяни истифодабарандагон, бахусус Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад, инчунин бо се забон дар сомонаи Агентӣ ҷойгир карда мешавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки маълумоти мазкур низ то андозае дар раванди ҳисоби индекси нархҳҳои истеъмолӣ ба назар гирифта мешавад. Ба ғайр аз ин, дар миқёси шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Хоруғ ба таври ҳаррӯза аз ҷониби мутахассисони мақомоти омор бақайдгирии нархи маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ (тибқи рӯйхати муқарраргардида) амалӣ шуда, барои истифодабарӣ ба доираи истифодабарандагони дахлдор дастрас карда мешавад.

**Ҳамзамон қайд кардан ҷоиз аст, ки дар самти васеъ намудани ҷуғрофиёи ҳисоби индексӣ нархҳои истеъмолӣ, аз оғози соли 2021 сар карда, дар ноҳияи Рашт низ аз ҷониби мутахассисони мақомоти омори давлатӣ бақайдгирии нархи молу маҳсулот хизматрасонӣ(намояндаҳо) дар бозори истеъмолии ноҳияи мазкур бо даврияти моҳона ҷорӣ карда шуд ва маълумотҳои нархӣ дар раванди баҳисобгирии сатҳи таваррум дар соли ҷорӣ истифода шуда истодаанд.**

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳармоҳа ташакули омори расмӣ оид ба индекси нархҳои истеъмолӣ (сатҳи таваррум)-ро саривақт таъмин менамояд. Баҳисобгирии сатҳи таваррум дар асоси бақайдгирии нархҳои миёнаи истеъмолии молу маҳсулот ва хизматрасониҳо дар бозорҳои истеъмолии шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи интихобгардида – дар маҷмӯъ 12 шаҳру ноҳия, бо назардошти ҳиссаи мол (намоянда)-ҳо дар сохтори истеъмолоти аҳолӣ ба амал баровarda мешавад. Дар сохтори индекси нархҳо дар маҷмӯъ 548 мол (намоянда) мавҷуданд, ки аз гурӯҳи маҳсулоти озуқаворӣ (112 – мол-намоянда), молҳои ғайриозуқаворӣ (336-мол-намоянда) ва хизматрасониҳои пулакӣ (100-мол-намоянда) иборат мебошанд. Дар айни замон бо мақсади ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ ҳармоҳа маълумотҳои нархӣ аз шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Турсунзода, Рашт, Хуҷанд, Истаравшан, Исфара, Панҷакент, Бохтар, Кӯлоб, Шаҳритус, Хоруғ ва Ванҷ ҷамъоварӣ мегарданд ва дар асоси маълумотҳои мазкур сатҳи таварруми моҳона ҳисоб карда мешавад. Дар асоси нишондиҳандаи моҳонаи индекси нархҳои истеъмолӣ нишондиҳандаҳои мазкур бо даврияти – нисбат ба аввали сол, нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (бо ҷамъи афзоянда) низ ҳисоб карда шуда, ба истифодабарандагон пешниҳод мегардад. Зимни ҳисоби сатҳи таваррум маълумотҳои нархҳои миёнаи арифметикӣ ва нархи миёнаи баркашидашудаи молу маҳсулот(намоянда)-ҳо истифода мегарданд.

Ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ дар мақомоти омори мамлакат ҳар моҳ гузаронида мешавад. Ҳар моҳ индекси нарх нисбат ба моҳи гузашта, индекси нархҳо нисбат ба моҳи декабри соли гузашта, нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта ва ҳамчунин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, ҳисоб карда мешаванд. Дар нашрияҳо ва ахбори расмӣ маълумотҳо дар бораи индексҳои нархҳои истеъмолии молу хизматҳо бо як аломати даҳӣ баъди вергул ҷой дода мешаванд.

> Маъмулан барои таҳлилҳои оморӣ ва истифодабарӣ дар ҳисобҳои оморӣ, аз ҷумла барои муайян кардани суръати рушди Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) нишондиҳандаи индекси нархҳои истеъмолӣ - нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта истифода мегарданд.

Нишондиҳандаи сатҳи таваррум дар низоми омори

мамлакат чун дар дигар давлатҳои ИДМ ва аксар давлатҳои Аврупо тибқи методологияи мавҷуда бо даврияти нисбат ба моҳи гузашта, нисбат ба декабри соли гузашта (яъне, аз аввали давраи соли ҳисоботӣ), нисбат ба моҳи дахлдори соли гузашта ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (бо ҷамъи афзоянда, масалан январ-ноябри соли 2021 нисбат ба январ-ноябри соли 2020), ҳисоб карда шуда, ба истифодабарӣ пешниҳод карда мешавад.

**Маъмулан барои таҳлилҳои оморӣ ва истифодабарӣ дар ҳисобҳои оморӣ, аз ҷумла барои муайян кардани суръати рушди Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) нишондиҳандаи индекси нархҳои истеъмолӣ - нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта истифода мегарданд.**

Ҳамин тариқ, дар соли 2020 сатҳи таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – 9,4 фоизро ташкил намуд. Дар соли 2019 бошад, нишондиҳандаи мазкур дар мамлакат – 8,0 фоизро ташкил дода буд, ки афзоиш 1,4 банди фоизро ташкил намуд. Суръати миёнаи моҳонаи таваррум дар соли 2020 ба 0,78 фоиз баробар шуд, ҳол он ки дар соли 2019 ин нишондиҳанда 0,66 фоизро ташкил намуда буд. Чунин ҳолат на танҳо дар бозори истеъмолии Тоҷикистон, балки дар бахши истеъмолии як қатор давлатҳои дунё, аз ҷумла давлатҳои аъзои ИДМ низ мушоҳида гардид.

## ШАРҲИ МУХТАСАРИ ТАВАРРУМ ДАР ДАВЛАТҲОИ ИДМ

Маълумотҳои расмии мақомоти омории аксари давлатҳои ИДМ баёнгари онанд, ки дар соли 2020 сатҳи таваррум нисбат ба соли 2019 ба таври назаррас баланд шуда буд.

Дар соли 2020 сатҳи таваррум дар Федератсияи

> Дар айни замон бо мақсади ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ ҳармоҳа маълумотҳои нархӣ аз шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Турсунзода, Рашт, Хуҷанд, Истаравшан, Исфара, Панҷакент, Бохтар, Кӯлоб, Шаҳритус, Хоруғ ва Ванҷ ҷамъоварӣ мегарданд ...

Россия – 4,9 фоиз (дар соли 2019 - 3,0 фоиз), яъне афзоиши ин нишондиҳанда – 1,9 банди фоизӣ ва дар Ҷумҳурии Белорус – 7,4 фоиз (дар соли 2019 – 4,7 фоиз) афзоиш 2,7 банди фоизиро ташкил дод. Дар соли 2020 дар Ҷумҳурии Қазоқистон – 7,5 фоиз (дар соли 2019 - 5,4 фоиз буд) – афзоиш– 2,1 банди фоизиро ташкил намуд. Дар соли 2020 дар Ҷумҳурии Қирғизистон – 9,7 фоиз (дар умум дар соли 2019 – 3,1 фоиз буд) - афзоиш 6,6 банди фоизро ташкил намуд. Дар соли 2020 сатҳи таваррум дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон – 11,1 фоизро (дар соли 2019 – 15,2 фоиз)-ро ташкил намуд.

Дар соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нархи маҳсулоти озуқаворӣ – 13,0 фоиз (аз ҷумла, равғани пахта – 50,7 фоиз, равғани растанӣ – 42,6 фоиз, шакар – 40,7 фоиз, ярмаи марҷумак – 38,7 фоиз, маснуоти макаронӣ – 30,0 фоиз, картошка – 19,8 фоиз, тухм – 18,9 фоиз, орди гандуми навъи 1-ум – 16,4 фоиз, нахӯд – 16,0 фоиз, равғани маска – 14,3 фоиз, сабзӣ – 12,7 фоиз, гӯшти гӯсфанд – 8,5 фоиз, себ – 7,3 фоиз, гӯшти гов – 6,2 фоиз ва шир – 5,6 фоиз) қимат шудааст. Дар баробари ин, нархи бехпиёз – 21,2 фоиз ва карам – 5,9 фоиз арзон шудааст. Дар давоми соли 2020 дар мамлакат нархи молҳои ғайриозуқаворӣ – 5,8 фоиз (аз ҷумла, маводҳои шустушӯйӣ – 10,1 фоиз, маводи сохтмонӣ – 8,0 фоиз, маҳсулоти доруворӣ – 7,8 фоиз, қисмҳои эҳтиётии нақлиёт – 6,6 фоиз, матоъҳо – 5,1 фоиз, пойафзол – 4,8 фоиз, либос – 4,3 фоиз ва гази моеъ – 4,2) қимат шудааст. Ҳамзамон, пастравии нархи сӯзишвории дизелӣ – 17,2 фоиз ва бензин – 13,8 фоиз ба қайд гирифта шудааст. Дар ин

давра арзиши хизматрасониҳо – 4.0 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар соли 2020 дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон нархи маҳсулоти озуқаворӣ дар умум – 15,3 фоиз, аз ҷумла нархи маҳсулоти нонӣ – 15,2 фоиз (аз ҷумла орд - 14,8 фоиз, макаронҳо -16,7 фоиз), лӯбиё -36,2 фоиз, нахӯд – 27,6 фоиз, мош – 25,6 фоиз, маҳсулоти ширӣ – 11,5 фоиз (аз ҷумла - шири тоза – 17,8 фоиз,), тухм - 37,6 фоиз, шакар – 20,2 фоиз, равғани пахта – 32,3 фоиз, равғани офтобпараст – 31,4 фоиз, гӯшти гов – 21,1 фоиз, гӯшти гӯсфанд – 25,6 фоиз, гӯшти паранда – 3,9 фоиз, картошка – 42,0 фоиз, сабзӣ – 30,3 фоиз, бодиринг – 28,6 фоиз, лимӯ - 82,1 фоиз, ангур - 21,2 фоиз, қимат шудааст. Зимнан дар ин давра нархи помидор – 22,5 фоиз, бехпиёз – 9,9 фоиз, анор – 2,6 фоиз, себ – 3,1 фоиз ва сирпиёз – 1,5 фоиз, арзон шудааст. Нархи молҳои ғайриозуқаворӣ дар соли 2020 дар Ӯзбекистон дар маҷмӯъ – 8,8 фоиз (аз ҷумла - нархи доруворӣ – 13,3 фоиз, маводи сохтмонӣ – 11,2 фоиз, маводи шустушӯӣ – 11,1 фоиз, либосҳо – 8,6 фоиз, сӯзишвории автомобилӣ – 7,5 фоиз, пойафзол – 6,5 фоиз) қимат шудааст. Дар соли 2020 дар Ӯзбекистон арзиши хизматрасониҳо - 7,1 фоиз, аз ҷумла хизматрасониҳои маишӣ – 13,6 фоиз, манзилию коммуналӣ – 1,2 фоиз, хизматрасонии нақлиёти мусофиркашонӣ – 11,5 фоиз, хизматрасонии тиббӣ – 12,2 фоиз, афзудааст.

**Расми 1. Сатҳи таваррум дар соли 2020 дар як қатор давлатҳо**




Дар соли зикршуда сатҳи таваррум дар Ҷумҳурии Қирғизистон– 9,7 фоиз, аз ҷумла нархи маҳсулоти озуқаворӣ дар маҷмӯъ – 15,6 фоиз (аз ҷумла, нархи равғанҳо ва чарбу – 39,1 фоиз, гӯшт – 23,3 фоиз, сабзавот – 20,3 фоиз, маҳсулоти ширӣ, панир ва тухм – 18,1 фоиз, меваҳо – 16,6 фоиз, маснуоти нонӣ ва ярмаҳо – 11,2 фоиз) қимат шудааст. Нархи молҳои ғайриозуқаворӣ дар маҷмӯъ – 2,4 фоиз, аз ҷумла нархи доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ – 8,4 фоиз қимат шудааст. Ҳамзамон нархи сӯзишворӣ-равғанҳои молиданӣ (ГСМ) дар маҷмӯъ – 15,1 фоиз арзон шудааст.

**Ҷадвали 1. Таварруми умумӣ ва озуқаворӣ дар як қатор давлатҳои ИДМ дар солҳои 2019-2020, бо фоиз**

| № | Мамлакат | Таварруми умумӣ | | *с.2020 нисбат ба соли 2019 (+;- банди фоиз)* | Таварруми озуқаворӣ | | *с.2020 нисбат ба соли 2019 (+;- банди фоиз)* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | с.2019 | с.2020 | | с.2019 | с.2020 | |
| 1. | Тоҷикистон | 8,0 | 9,4 | 1,4 | 10,9 | 13,0 | 2,1 |
| 2. | Россия | 3,0 | 4,9 | 1,9 | 2,6 | 6,7 | 4,1 |
| 3. | Ӯзбекистон | 15,2 | 11,1 | -4,1 | 18,6 | 15,3 | -3,3 |
| 4. | Қирғизистон | 3,1 | 9,7 | 6,6 | 5,7 | 15,6 | 9,9 |
| 5. | Белорусия | 4,7 | 7,4 | 2,7 | 4,3 | 6,2 | 1,9 |
| 6. | Қазоқистон | 5,4 | 7,5 | 2,1 | 9,6 | 11,3 | 1,7 |

**Ҷадвали 2. Афзоиши нархи як қатор маҳсулотҳои озуқаворӣ дар баъзе давлатҳои ИДМ дар соли 2020** (бо ҳисоби фоиз нисбат ба декабри соли гузашта)

<table>
<tr><th rowspan="2">НОМГӮЙ</th><th colspan="6">МАМЛАКАТҲО</th></tr>
<tr><th>Тоҷикистон</th><th>Ӯзбекистон</th><th>Қирғизистон</th><th>Қазоқистон</th><th>Россия</th><th>Белорусия</th></tr>
<tr><td>Картошка</td><td>19,8</td><td>42,0</td><td>48,4</td><td>16,8</td><td>34,1</td><td>20,4</td></tr>
<tr><td>Тухм</td><td>18,9</td><td>37,6</td><td>18,1</td><td>20,0</td><td>15,1</td><td>11,6</td></tr>
<tr><td>Шакар</td><td>40,7</td><td>20,2</td><td>31,2</td><td>33,9</td><td>64,5</td><td>12,0</td></tr>
<tr><td>Орд</td><td>16,4</td><td>14,8</td><td>16,1</td><td>16,3</td><td>-</td><td>1,1</td></tr>
<tr><td>Маҳсулоти нонӣ</td><td>13,8</td><td>15,2</td><td>11,2</td><td>-</td><td>7,3</td><td>-</td></tr>
<tr><td>Равғани офтоб-ст</td><td>42,6</td><td>31,4</td><td rowspan="2">49,0</td><td>33,7</td><td>25,9</td><td>34,6</td></tr>
<tr><td>Равғани пахта</td><td>50,7</td><td>32,6</td><td>-</td><td>-</td><td>-</td></tr>
</table>

*Маълумотҳои овардашуда далели онанд, ки дар соли 2020 дар аксари мамлакатҳо маҳз афзоиши маҳсулоти озуқаворӣ ба болоравии сатҳи таваррум боис гардидааст.*

Дар соли 2020 дар Ҷумҳурии Қазоқистон нархи молҳои озуқаворӣ – 11,3 фоиз, аз ҷумла нархи шакар - 33,9 фоиз, равғани офтобпараст - 33,7 фоиз, тухм - 20 фоиз, картошка – 16,8 фоиз, орд – 16,3 фоиз, гӯшти гусфанд - 15,4 фоиз, маснуоти макаронӣ – 14,7 фоиз, гӯшти гов – 10 фоиз ва шир – 9,7 фоиз қимат шудааст. Дар ин давра нархи молҳои ғайриозуқаворӣ – 5,5 фоиз қимат шудааст, аз ҷумла нархи маводи шустушӯӣ – 10,2 фоиз, маводи доруворӣ – 9,9 фоиз, асбобҳои маишӣ – 8 фоиз, пойафзолҳо ва либосҳо – 4,8 фоиз, бензин – 2,5 фоиз ва сӯзишворӣ- 6,6 фоиз афзудааст. Арзиши хизматрасониҳо бошад,дар маҷмӯъ – 4,2 фоиз афзудааст.

> Ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ дар мақомоти омори мамлакат ҳар моҳ гузаронида мешавад. Ҳар моҳ индекси нарх нисбат ба моҳи гузашта, индекси нархҳо нисбат ба моҳи декабри соли гузашта, нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта ва ҳамчунин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, ҳисоб карда мешаванд.

**Дар Федератсияи Россия дар соли 2020 нархи маҳсулоти озуқаворӣ дар маҷмӯъ – 6.7 фоиз (аз ҷумла нархи шакар – 64,5 фоиз, равғани офтобпараст – 25,9 фоиз, тухм – 15,1 фоиз,маснуоти макаронӣ – 12,1 фоиз, нон ва маҳсулоти нонӣ – 7,3 фоиз ва шир ва маҳсулоти ширӣ – 3,6 фоиз), нархи молҳои ғайриозуқаворӣ дар маҷмӯъ – 4,8 фоиз (аз ҷумла, нархи маводи доруворӣ – 9,8 фоиз, маводи шустушӯӣ – 6,0 фоиз, маводи сохтмонӣ – 5,3 фоиз, бензин – 2,5 фоиз ва либосҳо – 1,6 фоиз) афзудааст.**

Дар Ҷумҳурии Белорус бошад, дар соли 2020 сатҳи таваррум– 7,4 фоиз, аз ҷумла нархи маҳсулоти озуқаворӣ - 6,2 фоиз (аз ҷумла, нархи шакар – 12,0 фоиз, гӯшти гов – 9,5 фоиз, шир ва маҳсулоти ширӣ – 4,2 фоиз, равғани растанӣ – 34,6 фоиз, маснуоти макаронӣ – 7,4 фоиз, орд –

1,1 фоиз, тухм – 11,6 фоиз, картошка – 20,4 фоиз, себ – 25,9 фоиз, нок -14,7 фоиз, ангур – 11,3 фоиз, сирпиёз – 10,4 фоиз, сабзӣ – 23,4 фоиз, меваҳои ситрусӣ – 22,1 фоиз), қимат шудааст. Дар соли гузашта нархи молҳои ғайриозуқаворӣ – 8,1 фоиз (аз ҷумла нархи доруворӣ – 10,0 фоиз, маводи сохтмонӣ – 9,8 фоиз, маводи шустушӯӣ - 9,3 фоиз ва бензин – 3,6 фоиз,) қимат шудааст ва ҳамчунин дар ин давра арзиши хизматрасониҳо – 8,4 фоиз афзудааст.

**Ҷадвали 3. Индекси нархҳои истеъмолии як қатор молу маҳсулот дар ҷумҳурӣ, бо фоиз**

| НОМГӮЙ | МОҲҲОИ СОЛИ 2020 | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | январ | феврал | март | апрел | май | июн | июл | август | сентябр | октябр | ноябр | декабр |
| Таваррум | 100,6 | 100,4 | 101,6 | 102,2 | 100,5 | 98,9 | 100,3 | 100,2 | 100,3 | 101,8 | 101,8 | 100,4 |
| Озуқаворӣ | 100,9 | 100,5 | 102,6 | 105,0 | 101,2 | 97,2 | 99,1 | 99,7 | 100,0 | 103,1 | 102,7 | 100,4 |
| Орд | 100,3 | 97,6 | 104,1 | 112,0 | 107,8 | 95,8 | 97,1 | 99,9 | 99,1 | 101,2 | 105,3 | 96,5 |
| Шакар | 97,6 | 100,7 | 105,1 | 103,2 | 100,5 | 96,6 | 98,0 | 100,5 | 117,4 | 115,2 | 102,8 | 99,4 |
| Равғани пахта | 99,4 | 99,7 | 103,0 | 104,4 | 100,4 | 99,6 | 99,8 | 99,7 | 101,8 | 116,6 | 112,3 | 106,5 |
| Равғани офтобпараст | 99,4 | 99,8 | 98,9 | 100,3 | 101,5 | 102,7 | 100,0 | 99,1 | 103,2 | 114,3 | 113,9 | 104,5 |
| Гӯшти гов | 100,9 | 100,3 | 99,8 | 100,0 | 101,8 | 100,8 | 99,6 | 101,0 | 101,5 | 100,6 | 100,3 | 99,5 |
| Гӯшти гӯсфанд | 100,4 | 100,2 | 101,1 | 100,4 | 101,4 | 99,7 | 101,0 | 101,1 | 100,9 | 100,9 | 100,6 | 100,3 |
| Тухм | 99,6 | 89,6 | 92,6 | 115,1 | 111,6 | 82,7 | 100,7 | 98,6 | 98,7 | 122,7 | 112,9 | 99,6 |
| Картошка | 103,7 | 117,0 | 115,7 | 156,7 | 75,8 | 87,2 | 95,5 | 88,4 | 86,1 | 105,2 | 108,0 | 99,8 |
| Сабзӣ | 103,5 | 91,8 | 95,0 | 118,3 | 130,3 | 111,8 | 108,4 | 98,9 | 84,4 | 97,8 | 83,5 | 98,0 |
| Бехпиёз | 106,4 | 97,5 | 113,8 | 76,5 | 76,2 | 71,5 | 93,5 | 120,7 | 114,7 | 128,2 | 99,9 | 96,6 |
| Биринҷ | 100,0 | 99,0 | 101,5 | 101,3 | 101,3 | 100,4 | 102,8 | 100,7 | 99,5 | 98,8 | 97,7 | 100,1 |
| Макарон | 102,7 | 99,8 | 106,1 | 102,7 | 107,4 | 102,2 | 102,0 | 98,4 | 99,8 | 101,5 | 104,6 | 99,5 |
| Шир | 98,7 | 100,2 | 96,2 | 95,5 | 103,6 | 101,3 | 99,2 | 100,0 | 101,7 | 101,8 | 102,1 | 105,5 |
| Ғайриозуқа | 100,2 | 100,1 | 100,6 | 98,9 | 99,8 | 101,1 | 101,7 | 100,9 | 100,5 | 100,5 | 100,8 | 100,5 |
| Бензин | 100,2 | 99,5 | 99,6 | 85,0 | 84,7 | 101,0 | 109,4 | 104,9 | 99,4 | 100,2 | 103,6 | 100,7 |
| Гази моеъ | 98,7 | 98,0 | 101,9 | 84,0 | 84,1 | 113,8 | 133,8 | 106,8 | 97,6 | 94,5 | 100,8 | 98,9 |
| Сӯзишвории дизелӣ | 99,5 | 100,1 | 99,5 | 95,0 | 97,2 | 93,4 | 99,5 | 99,7 | 99,7 | 98,8 | 99,1 | 100,1 |
| Маводи доруворӣ | 100,5 | 99,9 | 100,0 | 100,2 | 102,5 | 103,5 | 101,5 | 100,2 | 99,5 | 99,6 | 100,4 | 99,8 |
| Маводи шустушӯӣ | 100,4 | 100,2 | 101,0 | 100,0 | 101,0 | 101,3 | 101,7 | 101,5 | 99,6 | 101,7 | 101,4 | 100,0 |
| **Хизмати пулакӣ** | 100,3 | 100,4 | 100,2 | 99,0 | 99,1 | 101,6 | 101,9 | 100,7 | 100,6 | 99,9 | 100,2 | 100,2 |

## МУҚОИСАИ САТҲИ ТАВАРРУМ ДАР ДАВРАҲОИ СОЛҲОИ 2019 ВА 2020 ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар ду моҳи аввали соли 2020 (январ ва феврали) сатҳи таваррум 1,0 фоиз ва дар ҳамин давраи соли 2019 - 1,2 фоизро ташкил дода буд. Аммо танҳо дар моҳи марти соли 2020 сатҳи таваррум якбора 1,6 фоизро ташкил намуд (дар моҳи марти соли 2019 - 0,3 фоиз буд). Дар ин моҳи соли 2020 ба баланд-шавии сатҳи таваррум қиматшавии нархи маҳсу-лоти озуқаворӣ, аз ҷумла нархи орд – 4,1 фоиз, гӯшти гӯсфанд – 1,2 фоиз, биринҷ – 1,5 фоиз, макарон – 6,1 фоиз, равғани пахта – 3,0 фоиз, шакар – 5,1 фоиз, лимӯ – 19,7 фоиз, картошка – 15,7 фоиз, бехпиёз – 13,8 фоиз ва сирпиёз – 2,3 маротиба таъсир расонид. Инчунин дар ин моҳ болоравии қурби миёнаи мубодилаи асъори хориҷӣ- 1 доллари ИМА аз 9,69 то ба 9,89 сомонӣ мушоҳида гардид.

Дар моҳи апрели соли 2020 низ ин тамоюл идома ёфта сатҳи таварруми моҳона 2,2 фоизро ташкил дод, ки нишондиҳандаи мазкур дар ҳамин моҳи соли 2019 1,0 фоизро ташкил намуда буд. Дар моҳи апрели соли 2020 ба болоравии сатҳи таваррум боз ҳам қиматшавии нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ – 4,9 фоиз, аз ҷумла нархи орд – 12,0 фоиз, макарон – 2,7 фоиз, равғани пахта – 4,4 фоиз, тухм – 15,1 фоиз, шакар – 3,2 фоиз, лимӯ – 49,9 фоиз, картошка – 56,7 фоиз, сирпиёз – 24,8 фоиз, лӯбиё – 3,3 фоиз ва мош – 8,7 фоиз таъсир гузошт. Дар ҳамин моҳи соли 2020 қурби миёнаи доллари ИМА низ аз 9,89 ба 10,24 сомонӣ расид.

> Дар баробари афзоиши нархи маҳсулоти озуқа-ворӣ ва қурби миёнаи мубодилаи асъори хориҷӣ – доллари ИМА, инчунин дар давоми соли 2020 афзоиши нархи як қатор молҳои ғайриозуқаворӣ, ки асосан воридотӣ мебо-шанд, аз ҷумла маводҳои шустушӯйӣ – 10,1 фоиз, маҳсулоти доруворӣ – 7,8 фоиз, қисмҳои эҳти-ётии нақлиёт – 6,6 фоиз, матоъҳо – 5,1 фоиз, пойафзол – 4,8 фоиз либос – 4,3 фоиз ва гази моеъ – 4,2 мушоҳида шудааст.

Сарфи назар аз ин, бар-ъакс дар давоми моҳҳои минбаъдаи соли 2020 нисбати ҳамин давраи соли 2019 нишондиҳандаи таварруми моҳона сатҳи нисбатан устувор дошт, яъне андаке устувории нархҳо нигоҳ дошта шуда, афзоиши зиёди нархҳо ба амал наомад. Барои маълумот дар моҳҳои май, июн, июл, август ва сентябри соли 2020 сатҳи таварруми моҳона дар мамлакат дар муқоиса ба ҳамин моҳҳои соли 2019 ба маротиб пасттар буд. Аз ҷумла, дар моҳи июни соли 2020 ба андозаи - 1,1 фоиз дефлятсия мушоҳида гардид, ҳол он, ки дар ҳамин моҳи соли 2019 сатҳи таваррум 0,4 фоизро ташкил дода буд. Инчунин дар моҳҳои июл ва августи соли 2020 сатҳи таваррум мутаносибан ҳамагӣ 0,3 ва 0,2 фоизро ташкил намуд, ки дар ҳамин моҳҳои соли 2019 сатҳи таваррум 0,9 фоизиро ташкил дода буд, яъне пастравии зиёда аз 3,6 баробарӣ мушоҳида гардид.

Ҳамин тариқ, дар нӯҳмоҳаи соли 2020 сатҳи таваррум дар мамлакат ҳамагӣ 5,1 фоизро ташкил дод, ки ин нишон-диҳанда дар ҳамин давраи соли гузашта 6,5 фоизро ташкил намуда буд ва барои маълумот пастравӣ ба андозаи 1,4 банди фоиз мушоҳида шуд.

Минбаъд, дар давоми моҳҳои октябр ва ноябри соли 2020 ба андозаи назаррас баландшавии сатҳи тавар-руми моҳона (1,8 фоизӣ) дар мамлакат ба қайд гирифта шуд, ки он асосан аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти озуқаворӣ ба амал омад. Ҳол он ки дар моҳҳои октябр ва ноябри соли 2019 сатҳи тавар-руми моҳона мутаносибан 0,1 ва 0,6 фоизро ташкил дода буд. Дар моҳи октябри соли

2020 бошад, нархи орд– 1,2 фоиз, гӯшти гов – 0,6 фоиз, гӯшти гӯсфанд – 0,9 фоиз, шир – 1,8 фоиз, равғани пахта – 16,6 фоиз, равғани офтобпараст – 14,3 фоиз, тухм – 22,7 фоиз, шакар -15,2 фоиз, маснуоти макаронӣ – 1,5 фоиз, бехпиёз – 28,2 фоиз мушоҳида гардид. Ин тамоюл дар моҳи ноябр низ идома пайдо намуд ва афзоиши нархи орд – 5,3 фоиз, равғани пахта – 12,3 фоиз, равғани офтобпараст – 13,9 фоиз, картошка - 8,0 фоиз, тухм – 12,9 фоиз, шакар -2,8 фоиз, гӯшти гӯсфанд – 0,6 фоиз ва маснуоти макаронӣ – 4,6 фоизро ташкил намуд.

Аз тарафи дигар, дар моҳҳои октябр - ноябри соли 2020 афзоиши қурби мубодилаи асъор-доллари ИМА низ аз 10,33 сомонӣ ба 11,20 сомонӣ баробар гардид.

Дар баробари афзоиши нархи маҳсулоти озуқаворӣ ва қурби миёнаи мубодилаи асъори хориҷӣ – доллари ИМА, инчунин дар давоми соли 2020 афзоиши нархи як қатор молҳои ғайриозуқаворӣ, ки асосан воридотӣ мебошанд, аз ҷумла маводҳои шустушӯйӣ – 10,1 фоиз, маҳсулоти доруворӣ – 7,8 фоиз, қисмҳои эҳтиётии наклиёт – 6,6 фоиз, матоъҳо – 5,1 фоиз, пойафзол – 4,8 фоиз либос – 4,3 фоиз ва гази моеъ – 4,2 мушоҳида шудааст.

## ТАШАККУЛИ ФАРҚИЯТИ 1,4 БАНДИ ФОИЗИ ТАВАРРУМ ДАР СОЛИ 2020 НИСБАТ БА СОЛИ 2019

Дар соли 2020 сатҳи таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – 9,4 фоизро ташкил намуд. Дар соли 2019 нишондиҳандаи мазкур дар мамлакат – 8,0 фоизро ташкил дода буд. Афзоиши сатҳи таваррум дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 1,4 банди фоизиро ташкил дод.

> Дар соли 2020 нархи молҳои ғайриозуқаворӣ дар маҷмӯъ 5,8 фоиз ва дар соли 2019 бошад, ҳамагӣ 4,2 фоизро ташкил намуд, яъне дар соли 2020 нисбат ...

Агар дар соли 2020 афзоиши нархи маҳсулоти озуқаворӣ 13,0 фоизро ташкил дода бошад, дар давоми соли 2019 нархи маҳсулоти озуқаворӣ ба 10,9 фоиз баробар шуд ва афзоиш дар соли 2020 нисбати соли 2019 2,1 банди фоизиро ташкил намуд.

**Дар соли 2020 нархи молҳои ғайриозуқаворӣ дар маҷмӯъ 5,8 фоиз ва дар соли 2019 бошад, ҳамагӣ 4,2 фоизро ташкил намуд, яъне дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 қиматшавии нархи молҳои ғайриозуқаворӣ 1,6 банди фоизиро ташкил намуданд.**

Дар давоми соли 2020 арзиши хизматрасониҳо 4,0 фоиз ва дар соли 2019 бошад, 5,5 фоизро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 ба андозаи 1,5 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Дар соли 2020 дар сохтори сабади таваррум ҳиссаи маҳсулоти озуқаворӣ 54,0 фоиз, молҳои ғайриозуқаворӣ – 30,6 фоиз ва хизматрасониҳо – 15,4 фоизро ташкил додааст. Маъмулан афзоиши нархҳои ин гурӯҳи молҳо мутаносибан вобаста ба ҳиссаи онҳо ба ташаккули сатҳи таваррум таъсир мерасонанд. Дар давоми соли 2020 нархи маҳсулоти озуқаворӣ ба андозаи 13,0 фоиз афзудааст, ки ба афзоиши сатҳи таваррум ба андозаи 7,02 фоиз (54,0 x 13,0/100=7,02%), ба ҳамин тартиб нархи молҳои ғайриозуқаворӣ 5,8 фоиз қимат шудааст, ки ба болоравии сатҳи таваррум 1,77 (30,6 x 5,8/100=1,77%) ва арзиши хизматрасониҳо бошад, 4,0 фоиз афзудааст, ки ин ба сатҳи таваррум ба андозаи 0,616 (15,4 x 4,0/100=0,616%) таъсири худро расонидааст. Ҳамин тавр, дар маҷмӯъ сатҳи таваррум дар мамлакат 9,4 фоизро (7,02+1,77+0,616=9,406) ташкил намуд.

Дар давоми соли 2019 бошад, ҳиссаи маҳсулоти озуқаворӣ дар сохтори таваррум 54,1 афзоиши нарх – 10,9 фоиз (54,1 x 10,9/100=5,9), ҳамин тавр ғайриозуқаворӣ ба андозаи 1,29 ва хизматрасониҳо ба андозаи 0,836 (15,2

x 5,5/100 = 0,836) таъсир расонида буд, ки дар маҷмӯъ 8,0 фоизро (5,9+1,29+0,836=8,026) ташаккул дод.

Яъне, агар дар соли 2020 афзоиши нархи маҳсулоти озуқаворӣ ба сатҳи таваррум 7,02 фоиз ва дар соли 2019 5,9 фоиз таъсир расонида бошад, фарқияти зиёдшавӣ 1,12 банди фоизӣ мебошад. Фарқияти зиёдшавии молҳои ғайриозуқаворӣ бошад, дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 - 0,48 банди фоизӣ ва фарқияти арзиши хизматрасониҳо дар соли 2020 нисбати соли 2019 ба андозаи 0,22 банди фоизӣ манфӣ мебошад. Пас дар маҷмӯъ: сатҳи таваррум дар соли 2020 нисбати соли 2019 ба андозаи 1,4 - (1,12+0,48-0,22 = 1,4) банди фоиз афзоиш ёфтааст.

Ин фарқият ва ташаккули банди фоизӣ дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 дар ҷадвали зер оварда шудааст:

**Ҷадвали 4**

| НОМГӮЙ | с.2019 | с.2020 | Фарқият дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 (+; -) |
|---|---|---|---|
| | андозаи таъсир дар таваррум, бо фоиз | | сут.1 – сут.2 |
| Маҳсулоти озуқаворӣ | 7,02 | 5,9 | +1,12 |
| Молҳои ғайриозуқаворӣ | 1,77 | 1,29 | +0,48 |
| Хизматрасонӣ | 0,616 | 0,836 | - 0,22 |
| Сатҳи таваррум, дар маҷмӯъ | 9,4 | 8,0 | = 1,4 |

**Ҷадвали 5. Ташаккули сатҳи таваррум дар соли 2020 дар Тоҷикистон**

| р/т | НОМГӮЙ | Ҳиссаи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ дар аввали сол | Нархи миёнаи молу маҳсулот, арзиши хизматрасонӣ, сомонӣ | | Индекси нарх дар соли 2020 (дар 12-моҳ) | Ҳиссаи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ дар давоми 12 моҳи соли 2020 | Тағйироти вазнҳо – сатҳи таваррум дар соли 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *аввали сол* | *охири сол* | | | |
| А | Б | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 = 4х1/100 | 6 = 5-1 |
| | **Ҳамагӣ** | 100,00 | х | х | 109,43 | 109,43 | 9,4 |
| I | **Маҳсулоти озуқаворӣ, дар умум** | 53,93 | х | х | 113,0 | 60,954 | 7,024 |
| | *Маҳсулоти асосии озуқаворӣ* | 31,146 | х | х | 118,25 | 36,829 | 5,683 |
| 1. | Орд | 8,994 | 4,16 | 4,84 | 116,4 | 10,469 | 1,475 |
| 2. | Гӯшти гов | 5,269 | 49,10 | 52,17 | 106,24 | 5,598 | 0,329 |
| 3. | Равғани пахта | 3,017 | 11,57 | 17,44 | 150,7 | 4,547 | 1,53 |
| 4. | Равғани офтобпараст | 1,293 | 13,34 | 19,01 | 142,6 | 1,843 | 0,55 |
| 5. | Биринҷ | 2,562 | 11,11 | 11,45 | 103,2 | 2,643 | 0,081 |
| 6. | Макарон | 0,753 | 6,87 | 8,91 | 130,0 | 0,979 | 0,226 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 7. | Шакар | 2,176 | 6,38 | 8,98 | 140,7 | 3,062 | 0,886 |
| 8. | Гӯшти гӯсфанд | 0,759 | 51,13 | 55,46 | 108,5 | 0,823 | 0,064 |
| 9. | Тухм (10-дона) | 1,434 | 9,29 | 11,05 | 118,9 | 1,705 | 0,271 |
| 10. | Картошка | 2,082 | 2,90 | 3,40 | 119,8 | 2,495 | 0,413 |
| 11. | Бехпиёз | 1,367 | 2,53 | 1,99 | 78,8 | 1,077 | - 0,29 |
| 12. | Сабзӣ | 0,937 | 1,41 | 1,59 | 112,7 | 1,057 | 0,12 |
| 13. | Шир | 0,503 | 4,20 | 4,43 | 105,6 | 0,531 | 0,028 |
| II | **Молҳои ғайри-озуқаворӣ** | 30,63 | х | х | 105,8 | 32,41 | 1,78 |
| | *Гурӯҳи молҳои асосӣ* | 20,81 | х | х | 105,3 | 21,914 | 1,104 |
| 1. | Маҳсулоти доруворӣ (гурӯҳи молҳо) | 2,904 | х | х | 107,8 | 3,130 | 0,226 |
| 2. | Либосҳо | 5,321 | х | х | 104,3 | 5,547 | 0,226 |
| 3. | Маводи шустушуй (гурӯҳи мол) | 1,734 | х | х | 110,1 | 1,910 | 0,176 |
| 4. | Маводҳо барои таъмири манзил | 4,538 | х | х | 108,0 | 4,902 | 0,364 |
| 5. | Пойафзолҳо | 2,840 | х | х | 104,8 | 2,975 | 0,135 |
| 6. | Матоъҳо | 1,490 | х | х | 105,1 | 1,566 | 0,076 |
| 7. | Бензин | 1,053 | 7,26 | 6,26 | 86,20 | 0,908 | -0,145 |
| 8. | Гази моеъ | 0,666 | 4,01 | 4,18 | 104,2 | 0,694 | 0,028 |
| 9. | Қисмҳои эҳтиётӣ | 0,264 | х | х | 106,6 | 0,282 | 0,018 |
| III | **Хизматрасонӣ, дар умум** | 15,44 | х | х | 104,0 | 16,065 | 0,625 |
| | *Хизматрасониҳои асосӣ* | 3,372 | х | х | 109,5 | 3,692 | 0,32 |
| 1. | Арзиши пардохти хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ | 0,515 | х | х | 130,1 | 0,670 | 0,155 |
| 2. | Хизматрасониҳои маишӣ | 1,621 | х | х | 106,7 | 1,730 | 0,109 |
| 3. | Хизматрасонии техникӣ ва таъмири автомобил | 0,174 | х | х | 107,0 | 0,186 | 0,012 |
| 4. | Истифодаи газ дар хонавода бо мақсади маишӣ, (барои 10 кг.) | 1,062 | 80,22 | 83,53 | 104,1 | 1,106 | 0,044 |

***Х. Наҷибуллоев,***
***Сардори шӯъбаи омори нархҳо ва тарифҳои Агентии***

# Россияне оценили счастье в 173 тыс. рублей в месяц

**Россиянам в среднем требуется 173 тыс. рублей в месяц, чтобы чувствовать себя счастливым, следует из результатов исследования сервиса SuperJob, результаты которого поступили в распоряжение «РИА Новости».**



«Чтобы чувствовать себя счастливыми, россиянам в среднем нужно 173 тыс. рублей в месяц. Это больше, чем в январе (166 тыс. рублей), однако, к примеру, в 2017 году счастье оценивали в 184 тыс. рублей ежемесячно», — отметили аналитики.

При этом еще в 2015 году жители городов России оценивали счастье в среднем на 175 тыс. рублей в месяц, в 2018 году — на 159 тыс., в 2019 году — на 161 тыс., а в 2020 году — на 155 тыс. рублей.

Запросы респондентов мужского пола оказались выше, чем у женщин, — 192 тыс. и 155 тыс. рублей соответственно. Также счастье прибавляло «в цене» с увеличением возраста опрошенных. Так, россиян в возрасте до 24 лет устраивал бы ежемесячный доход в 130 тыс. рублей в месяц, респонденты возрасте от 25 до 34 лет установили планку в 164 тыс., опрошенные в возрасте от 35 до 44 лет для счастья запросили 198 тыс. рублей., а люди от 45 лет и старше — 195 тыс. рублей в месяц.

Самые высокие запросы «для счастья» оказались у москвичей, которые потребовали по 224 тыс. рублей в месяц. Жители Владивостока оценили свое счастье в 200 тыс. рублей в месяц, респонденты из Ростова-на-Дону— в 195 тыс., Санкт-Петербурга — в 183 тыс. рублей.

«Самые скромные же притязания — у жителей Кирова (132 тыс. рублей в месяц), Оренбурга (136 тыс. рублей) и Липецка (137 тыс. рублей)», — говорится в сообщении.

Исследование проводилось с 14 апреля по 10 мая. В нем приняли участие 2,5 тыс. россиян старше 18 лет из 541 населенного пункта из всех федеральных округов страны. Среди жителей городов-миллионников и полумиллионников ответ на вопрос дали по 1 тыс. респондентов из Москвы и Санкт-Петербурга, по 500 респондентов из других городов.

Опрос, проведенный в апреле «Сбербанк страхование жизни» и НПФ Сбербанка, показал, что для комфортной жизни российской семье необходимы накопления в среднем в 1,3 млн рублей. С такой суммой россияне будут чувствовать себя уверенно. Наибольший размер сбережений назвали жители Москвы, Владивостока и Санкт-Петербурга — 1,8 млн, 1,7 млн и 1,6 млн рублей соответственно.

# Почему говорят «деньги не пахнут»

**Откуда взялось выражение «Деньги не пахнут»? Впервые слово «деньги» появилось у римлян, у которых цена определялась количеством быков, овец и другого скота.**

Когда на монетах стали чеканить изображения животных, их стали называть — «пекуния» (деньги) — от слова «пекус» (скот).

Возможно, что в русский язык это слово пришло с Востока, например идинга» — это бирманское слово со значением «монета». Дата появления на Руси монеты «деньга» (а затем — «деньга») спорна, ученые склоняются к тому, что «деньга» появилась в XIV в. при Дмитрии Донском, предполагают, что Дмитрий был вынужден чеканить рядом со своим именем имя хана Тохтамыша. Начиная с XVI в. две деньги равнялись 1 копейке. В XIX в. появилась иденежка» — уменьшительная форма от слова «деньги». Эта медная монета с полкопейки чеканилась с 1848 по 1867 г. В. Даль собрал немалый урожай пословиц и поговорок со словами «деньги» и «деньга».

Выражение «деньги не пахнут» восходит к I в. н. э,: считается, что так сказал император Веспасиан, когда его сын Тит выразил неудовольствие по поводу налога на общественные туалеты. Веспасиан, получив первые деньги от этого налога, приблизил их к носу Тита и спросил его, пахнут ли они… Так или иначе, но это выражение бытует до сих пор и имеет отношение к нечистоплотным операциям с деньгами.

Это выражение, увы, правомерно бывает и в наши дни. Вот два примера.

Еще в первые послевоенные годы генерал Макартур ввел выгодный для американцев курс: 360 японских иен за доллар. Это соотношение держалось почти четверть века. Но с сентября 1985 г. курс доллара круто пополз вниз. Причем японцы всячески стремились стабилизировать дешевеющий доллар. Кажущийся парадокс объясняется просто. Японский экспорт в США примерно втрое превышает импорт оттуда. И из-за нового обменного курса японские товары при тех же издержках производства становятся на 60% дороже, поскольку их продажная цена выражается не в иенах, а в долларах. Тем самым подрывается конкурентоспособность автомашин, телевизоров, видеомагнитофонов и другой японской продукции.

Когда-то на пушках отливали девиз: «Последний аргумент королей». Думается, что рядом с оружием «последним аргументом» сильных мира сего являются деньги, особенно те, которые «не пахнут».

Туристам, приезжающим в Лиму (столица Перу), рассказывают не сказку, а быль… Триста лет назад перед приездом вице-короля в эту тогдашнюю испанскую колонию местные дельцы, наживавшие огромные барыши на серебряных рудниках, решили уважить знатного гостя. Улицу, ведущую от триумфальной арки к дворцу, вымостили слитками серебра весом по 46 кг каждый. После окончания торжеств «брусчатка» была разобрана и преподнесена в дар гостю из Мадрида. К сожалению, брусчатка не сохранилась, а эта история осталась как быль в нумизматике.

«Деньги не пахнут» — говорим мы, отрицательно характеризуя взяточничество, осуждая долларовые инъекции в разжигание войн и других конфликтов, ограбление государств за счет непомерно больших процентов от займов и других операций, осуществляемых с помощью денег.

***По материалам Интернета.***

# Далелҳои ҷолиби олами бонкдорӣ

## ҚАРЗ КАЙ ПАЙДО ШУДААСТ?



Бисёриҳо бар ин назаранд, ки қарз (кредит) асрҳои охир пайдо шудааст. Вале тавре далелҳо нишон медиҳанд, аввалин намунаҳои низоми қарздиҳӣ чанд ҳазор сол пештар ба миён омадаанд. Қарзу қарздорон баробари ба вуҷуд омадани нахустин пулҳо ба мушоҳида гардидаанд. Осори нахустин дар бораи қарздорон дар ҳудуди давлатҳои қадимаи Миср, Ассирия ва Вавилон бозёфт шудаанд. Кофтукобҳои археологӣ аз он шаҳодат додаанд, ки аввалин бор пулҳо бо фоиз дар асри VII– и давраи то милод қарз дода мешуданд. Дар он замонҳо билетҳои бонкии махсус дар шакли ҷадвалҳои гилин, ки ба авроқи гаронбаҳои замони муосир шабоҳат доштанд, зиёд паҳн шуда буданд.

## ВАВИЛОН - ФАРЗАНД БАР ИВАЗИ ҚАРЗ



Шоҳи Вавилон Хамурапи, ки сарвари одил ҳисобида мешуд, ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти хуб дар низоми қарздиҳӣ шарту шароити навро ҷорӣ карда буд. Номбурда ба қарздеҳон иҷозат дода буд, ки барои пешгирӣ кардани хавфи қарзӣ, фарзандони қарзгирандагонро ба сифати кафолати бозгардонии қарз дар ихтиёри худ нигоҳ доранд. Қарздор танҳо баъд аз батамом пӯшонидани қарзи гирифтааш, метавонист, фарзанди худро аз қарздиҳанда бозпас бигирад.

## ЧАРО ТАНГАДОНҲО ШАКЛИ ХУКРО ДОРАНД?

Анъанаи дар тангадонҳои шакли хукдошта нигоҳ доштани пулҳо дар Англия пайдо шудааст. Дар Англия зери вожаи «pygg» навъи гилеро меномиданд,



ки аз зарфҳои гуногуне ба монанди кӯзаю гулдон барои хона месохтанд. Англисҳо дар кӯзаҳое, ки аз чунин гил сохта мешуданд, пулҳои худро нигоҳдорӣ мекарданд ва онро «pygg jar» (кӯзаи гилин) меномиданд. Бо мурури солҳо ин истилоҳ тағйир ёфта, шакли «pig bank»-ро гирифт. Аз он замон сар карда, тангадонҳоро дар шакли хук месохтагӣ шуданд.

## МАРТА ВАШИНГТОН - ХОНУМЕ, КИ АКСАШ ДАР ДОЛЛАР ҶОЙГИР ШУДААСТ




Марта Вашингтон ягона хонумест, ки сурaташ дар пулҳои коғазии Амрико чоп шудааст. Ӯ нахустхонуми ИМА, ҳамсари нахустин президенти ИМА Ҷорҷ Вашингтон буд. Акси ӯ дар сертификати нуқрагии номинали якдоллари солҳои 1886 – 1896 пайдо шуд. Акси Марта дар он замон дар маркаҳои почтаи 8-сентӣ низ нашр шуда буд. Чунин шараф ба нахустхонуми ИМА танҳо баъди маргаш даст додааст. Ба ғайр аз ӯ, акси ягон зани дигар дар рӯйи доллари амрикоӣ нашр нашудааст.

## ЛАВҲАҲОИ ҚАРЗДОРИИ "HYPOTHÉKE" ДАР ЗАМИНҲОИ ЮНОНИҲО



Дар таърихи бонкдории ҷаҳон ҳодисаҳои аҷоибу ғароиб зиёд мушоҳида мешаванд. Барои мисол, дар Юнони қадим қарздиҳандагон ҳақ доштанд дар замини қарзгирандагон махсус лавҳачае бо навиштаҷоте насб намоянд. Дар ин лавҳа навишта шуда буд, ки дар сурати баргардонида нашудани маблағи қарз замини мазкур ба мулки қарздиҳанда табдил меёбад. Ин лавҳаҳоро дар он замон ба забони юнонӣ "hypothéke" ё худ ипотека меномиданд.

## НЮТОН ВА ТАҚАЛЛУБКОРОНИ НОУМЕД



Дар замонҳои қадим арзиши тангаҳо аз ҳаҷми филизоти таркиби он муайян мешуд. Шакли тангаҳо ҳам нобаробар буд. Тангаҳое ҳам буданд, ки чоркунҷа ва ё шаклҳои дигар доштанд. Сохтани чунин тангаҳо барои афроди тақаллубкор хеле осон буд. Онҳо метавонистанд аз пораҳои филизот тангаҳои нав созанд. Маҳз ба хотири ҳимоя аз тақаллуб бо пешниҳоди олими машҳури физикдон Исаак Нютон, ки бо сиккахонаи шоҳигарии Британия ҳамкорӣ дошт, дар атрофи гирдии тангаҳо раххое кашида шуданд, ки сохтани онҳо барои қаллобон мушкил гардид.  Аз ҳамон замон то ба имрӯз, қариб ҳамаи тангаҳои дунё дар атрофи худ раххои майда доранд.

## ФИКРИ СОХТАНИ КОРТҲОИ БОНКӢ СОЛИ 1880 ПАЙДО ШУДА БУД



Идеяи ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳо бо кортҳои пардохтӣ ҳанӯз соли 1880 дар сари олими машҳури амрикоӣ Эдвард Белла пайдо шуда буд. Вай дар китоби худ, "Ба қафо нигоҳ кардан" (Looking Backwards) истифода бурдани кортҳои пешпардохтиро пешниҳод карда буд. Аммо дар он замон ин ғоя аз рушди илму фанноварихо ҳам пешрафта буд. Бинобар ин, бо сабаби ба андозаи зарурӣ пеш нарафтани фанновариҳои он замона татбиқи ин ғоя имконнопазир гардид. Барои ҳамин, пешниҳоди мазкур баъд аз сад сол, яъне соли 1950 аз ҷониби ширкати тарабхонаҳои "Diners Club International" дар амал татбиқ шуд. Фрэнк Х. Макнамар, асосгузори ин ширкат, вақте ба фикри интишори кортҳои пардохтӣ афтод, ки дар тарабхонае ғизо хӯрд ва дар кисааш пули нақди кофӣ наёфт, то пули хӯрокро пардохт кунад. Вай соли 1950 корти пардохтии "Diners Club"-ро интишор кард, ки он вақт дар дунё назир надошт.

## ТИЛЛОИ ХОНУМҲОИ ҲИНДӢ АЗ БАЪЗЕ БОНКҲО ЗИЁДТАРАНД



Бино ба таҳқиқоти BBC зару зевари хонумҳо дар Ҳиндустон дар айни замон 11 фоизи захираҳои тиллои ҷаҳонро  ташкил медиҳад. Тавре аз маълумоти сарчашмаи номбурда бармеояд, ҳаҷми тиллои онҳо аз захираҳои бархе бонкҳои дунё ҳам бештар мебошанд. Ҳатто миқдори зару зевари хонумҳои ҳиндӣ аз захираҳои тиллои Хазинаи байналмиллалии асъор, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Олмон ва Швейтсария бештар будааст. Маҳз ба ҳамин хотир метавон гуфт, ки бону ва хонумони Ҳиндустон дар маҷмӯъ сарватмандтарин хонумҳои дунё ба ҳисоб меравонд.

***"БМТ".***

# Кормандони Бонки миллӣ - дар Дави миллӣ

Дави миллии имсола дар пойтахти кишвар 16 май аз шаҳраки Чорбоғ оғоз гардида, дар Наврӯзгоҳи пойтахт хотима ёфт, ки дар он дар маҷмӯъ 295 621 нафар ширкат варзида, 96 101 нафари онҳоро занҳо ташкил доданд.  Аз ин шумора зиёда аз 43 850 ҳазор нафарашон сокинони ш. Душанбе буда, аз он ҷумла кормандони Бонки миллии Тоҷикистон низ дар Дави миллӣ фаъолона ширкат варзиданд.




Тавре Пешвои миллат, муҳтарам Эмомали Раҳмон таъкид менамояд: **“Солимии ҷисмонии шаҳрванд солимии оила, ҷомеа ва бойгарии асосии давлат маҳсуб мешавад”.**



Боиси хушнудист, ки сафи нафарони варзишгар сол аз сол зиёд мегардад ва солҳои охир чорабиниҳои оммавӣ-варзишӣ дар қаламрави кишвар афзуда, мардуми касбу кори гуногун дар онҳо фаъолона ширкат меварзанд.

***“БТЧ”.***


Солҳои 2020-2040
“БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ”
Мошин-самолёт
Дар марҳалаи кунунии пешрафти Тоҷикистон ба соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозанд.
Эмомалӣ Раҳмон